**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД:** 327 (091) (575.3)
**ТБК:** 66.4 (2) + 66.49 (2 тоҷик)
**Р** – 44

Бо ҳуқуқи дастнавис

**РАҶАБЗОДА АЪЗАМҶОН НУРАЛИ**

# САҲМИ АКАДЕМИК ТАЛБАК НАЗАРОВ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ХИЗМАТИ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ
(илмҳои таърих)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсент
Бобозода Ф.Т.

**ДУШАНБЕ – 2025**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО.........................................................................3**

**МУҚАДДИМА.........................................................................................4**

**БОБИ I. МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АКАДЕМИК ТАЛБАК НАЗАРОВ...............................................................23**

1.1. Солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсӣ.......................................23

1.2. Ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ.............................................................................................................37

**БОБИ II. ТАЛБАК НАЗАРОВ – ДИПЛОМАТ ВА ХОДИМИ ДАВЛАТӢ..58**

2.1. Нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................58

2.2. Андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон................................................................79

2.3. Саҳми академик Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997)........................................................................................................95

**БОБИ III. НУФУЗ ВА ЭЪТИБОРИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АКАДЕМИК ТАЛБАК НАЗАРОВ.........................................................................119**

3.1. Талбак Назаров муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ..................................................................................................119

3.2. Ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров.........................138

**ХУЛОСА.......................................................................................................157**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲОИ ИСТИФОДАШУДА........166**

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.................................................179**

# НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

**АИҶТ –** Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**АМИТ –** Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**ВКХ –** Вазорати корҳои хориҷӣ

**ДДТ –** Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон

**ДИДНПҶТ** – Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДМТ –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ –** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМТ –** Иттиҳоди мухолифини тоҷик

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КМ** – Кумитаи Марказӣ

**КОМ –** Комиссияи оштии миллӣ

**МСТ –** музокироти сулҳи тоҷикон

**МУ СММ –** Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид

**МҲТБО** – Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё

**СААД** – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

**САҲА –** Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

**СММ –** Созмони Милали Муттаҳид

**СҲИ –** Созмони ҳамкории иқтисодӣ

**СҲШ –** Созмони ҳамкории Шанхай

**ҶИА –** Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

**ҶМЧ –** Ҷумҳурии Мардумии Чин

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон замоне истиқлоли худро ба даст овард, ки Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун давлати абарқудрат аз харитаи сиёсии ҷаҳон нопадид шуда, дар ҷаҳон тағйироти бузурги сиёсию маъмурӣ ба амал омад ва низоми сиёсии ҷаҳон низ дигаргун гардид. Дар ин даврони пуртаззод Тоҷикистони соҳибистиқлол мебоист ба ҷомеаи навини мутамаддини ҷаҳонӣ ворид гашта, барои мавқеъ ва манзалати шоистаи худ талош меварзид. Дар ин ҷо гап дар сари натанҳо барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ё аъзо шудан ба ин ё он созмонҳои минтақавию байналмилалӣ мерафт, балки муҳим он буд, ки Тоҷикистон бо такя ба таърихи пурифтихори хеш, бо ҳифзи ҳувияти миллӣ, бо дарки амиқи манфиатҳои кишвар ва шаҳрвандони он ва шинохти дақиқи авзои сиёсии олам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бипайвандад. Амалинамоии ин ҳадафу манфиатҳоро метавон танҳо ба роҳандозии сиёсати хориҷии мутавозин, дурбинонаву воқеъбинона пиёда намуд, ки тавонад мақоми таърихии тоҷиконро дар ҷаҳон эҳё намояд ва нақшу мақоми бунёдкоронаи Тоҷикистонро дар муайяннамоии муҳимтарин равандҳои ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ таъмин кунад.

Вақт нишон дод, ки ҳалли қазияҳо ва ҳадафҳое, ки дар назди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ гузошта шудааст, танҳо бо истифодаи моҳиронаи дипломатия ба даст меояд. Барои ин корҳоро анҷом додан шахсияте лозим буд, ки тавонад дар як вазъияти хеле ҳассоси он давра – тезутунд шудани вазъи сиёсии ҷаҳон ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон сиёсати хориҷии муайянкардаи сарвари давлатро татбиқ намояд ва онро пеш бурда, манфиатҳои кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳифз кунад.

Яке аз чунин шахсиятҳо академик Талбак Назаров мебошад, ки ҳангоми фаъолияташ ба ҳайси вазир (1994–2006) тавонист сохтори Вазорати корҳои хориҷиро пурқувват намуда, дар солҳои душвори таҳкими истиқлол, хомӯш намудани мунокишоти дохилӣ, баланд бардоштани мавқеъ ва мартабаи давлат дар арсаи ҷаҳонӣ, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, беҳтар кардани муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи кишвар бо давлатҳои хориҷию

созмонҳои байналмилалӣ ва ҳалли бисёр масоили мушкили давлатдорӣ дар паҳлуи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нафъи бақои ин сарзамин хизматҳои шоёнеро ба анҷом расонидааст. Маҳз бо шарофати ин шахсияти донишманду пуртаҷриба, ки сиёсати хирадмандона ва сулҳҷӯёнаи Сарвари давлатро пешаи амали худ қарор дода буд, имрӯз Тоҷикистони мустақилро тамоми дунё мешиносад, эҳтиром мекунад, бо он муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ дорад. Тоҷикистон узви даҳҳо созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ буда, дар онҳо фаъолона иштирок менамояд.

Бешубҳа, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне ба монанди Т. Назаров кам пайдо мешаванд, ки фаъолияти меҳнатиашон ин қадар гуногунҷабҳа бошад. Дар кадом соҳае, ки ӯ фаъолият кардааст, мебинем, ки дар ҳар яки онҳо ба мартабаҳои баландтарин ноил гаштааст. Дар ҳақиқат хеле тааҷҷубовар аст, ки чӣ хел як шахс метавонад дар соҳаҳои гуногун ва ниҳоят мураккаби фаъолият ба комёбиҳо ноил гардад, ки дигар шахсиятҳо ҳатто дар яке аз онҳо наметавонанд комёбиҳоро ба даст оранд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи илмии ҳаёту фаъолияти академик Талбак Назаров ба ҳайси як мактаби таҷрибаи ҳаёт ҳам барои олимону донишмандон ва ҳам барои сиёсатмадорону хизматчиёни дипломатӣ, махсусан, барои мутахассисони ҷавон хеле муҳим мебошад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 23-юми марти соли 2001 дар ҷашнвораи 100-умин солгарди Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев қайд карда буданд: «Зиндагиномаи ҳар як шахсияти маъруфи Тоҷикистон, бемуболиғa, як мактаби таҷрибаи ҳаёт мебошад» [110].

Вобаста ба ин, мавзуи мазкур, бешубҳа, дорои аҳамияти калони илмӣ мебошад. Мубрамӣ ва аҳамияти мавзуъро мо метавонем, инчунин, бо далелҳои зерин мушаххас намоем:

1. Муайян намудани хизмати шоёни Талбак Назаров дар рушди илму сиёсати кишвар, ба хотири истифодаи таҷрибаи бузурги ӯ ҳам дар соҳаи дипломатия ва ҳам илм мубрамии мавзуъро афзоиш медиҳад. Чи тавре ки, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Омӯхтани рӯйдодҳои

таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, бо онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корномаҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем» [45, с. 4].

2. Пажуҳиши заҳмату ҷоннисориҳои академик Талбак Назаров дар давраи мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои 1992-1997 ба сари мардуми кишвар омада буд, мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дорад. Дар он солҳо академик Талбак Назаров дар вазифаҳои баланди сиёсии давлатӣ адои вазифа намуда, дар паҳлуи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истода, роҳбарии ҳайати ҳукуматиро дар раванди музокироти сулҳ дар солҳои 1996-1997 бар уҳда дошта, махсусан, дар барқарор кардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон нақши муассир бозидааст. Зеро, маҳз дар давраи роҳбарии ӯ ба ҳайати ҳукуматӣ дар раванди музокирот 27 июни соли 1997 санади хотимавӣ «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид. Аз ин рӯ, дар давраи мазкур таҷрибаи нодири сулҳсозӣ ба вуҷуд омад, ки таҳқиқоти ҳамаҷонибаро тақозо мекунад.

3. Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқшаванда, инчунин, аз он иборат аст, ки то имрӯз таҳқиқоти махсуси илмӣ оид ба саҳми академик Талбак Назаров дар рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашуда, вобаста ба ҳаёту фаъолияташ фақат дар баъзе энсиклопедия, рӯзнома ва сомонаҳои интернетӣ маълумоти ночизе пайдо кардан мумкин аст.

4. Ҳаёт ва фаъолияти академик Талбак Назаров хеле гуногунҷабҳа мебошад. Аз як тараф ӯ ҳамчун дипломат, ходими сиёсӣ ва аз тарафи дигар омӯзгори нотакрор, олими ислоҳотгар ва шахсияти беҳамто мебошад. Инчунин, ӯ як роҳбари муваффақ, ҳимоятгари манфиатҳои давлату миллат, муаллифи асарҳои арзишманди соҳаи иқтисоду маориф ва сиёсату амният, иштирокчии фаъоли конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Худи ин масъалаҳо аҳамияти илмии омӯзиши мавзуи таҳқиқшавандаро боз ҳам пурқувваттар мекунад.

5. Шахсияти Талбак Назаров дар ду самти фаъолият – ҳам олимиву омӯзгорӣ ва ҳам ба ҳайси ходими давлатӣ дар таърихи нимасри охири Тоҷикистони муосир як падидаи муҳим ба шумор меравад. Аз он ҷиҳат, ки ӯ дар илм то ба маснади академикӣ расида, дар рушди он нақши беназир бозида, дар сиёсат ҳамчун пешоҳанг (патриарх)-и дипломатияи тоҷик эътироф шудааст. Аз ҷумла, китобҳое, ки вобаста ба илми иқтисод ва дипломатия навиштааст, на танҳо дар дохили кишвар маълуму маъруфанд, балки аз ҷониби олимону ходимони ҷомеаи ҷаҳонӣ низ пазируфта шудаанд. Аз ин рӯ, тавассути таҳқиқи ҳаёту фаъолияти Талбак Назаров дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон, равандҳои сиёсии давлат, муносибатҳои байналмилалӣ, соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, инчунин, мероси гаронбаҳои илмии ӯ пажуҳиш гардида, бешубҳа, диссертатсия аҳамияти бузурги илмию амалӣ пайдо мекунад.

6. Т. Назаров, инчунин, дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои илму маориф ва сиёсату иқтисодиёт хизмати беандоза намудааст. Ӯ дар солҳои адои вазифаҳои роҳбарӣ тавонист, ки кадрҳои баландихтисосро омода ва ба мансабҳои баланд тавсия намояд. Худи устод Талбак Назаров дар яке аз суханрониҳояшон сиёсатмадорони барҷастаи оламро ёдовар шуда, гуфта буданд, ки «Кадрҳо ҳалкунандаи ҳама масъалаҳо мебошанд» [3]! Барои ҳамин, таҳлилу омӯзиши мактаби пуртаҷрибаи роҳбарӣ ва усулҳои омодакунии кадрии ӯ низ аз аҳамияти илмӣ холӣ нест.

7. Мубрамии мавзуи таҳқиқот, инчунин, дар он зоҳир мешавад, ки дар солҳои ниҳоят мушкил, яъне даврони ҷанги шаҳрвандӣ ва раванди барқарор кардани сохтори давлатдории навини тоҷикон академик Талбак Назаров аз соли 1994 то 2006 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Новобаста аз ин вазъияти мушкил ӯ тавонист, ки дар ибтидо муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳои ҷаҳон барқарор намуда, баъдан ҷиҳати тавсеа ва таҳкими муносибатҳои мутақобила бо онҳо саъю талош варзидааст. Бешубҳа, ин таҷрибаи ғании ӯ дар соҳаи дипломатия ба таҳқиқи амиқи илмӣ ниёз дорад.

8. Талбак Назаров илм ва сиёсати Тоҷикистонро дар форуму конференсияҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ то имрӯз муаррифӣ мекунад. Ӯ аз соли 1987 дар ҷаласаву машваратҳои зиёда аз 50 созмонҳои минтақавию байналмилалӣ иштирок карда, ҳадафу манфиатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистонро ҳимоя намудааст.

Ҳамин тавр, замоне ки китоби зиндагӣ, фаъолияти пурсамари илмию педагогӣ ва ҷамъиятии устодро варақгардон менамоем, шоҳиди он мегардем, ки истеъдоди фавқулода, таҷрибаи нодир ва фаъолияти ин шахсияти сарсупурдаи миллат на танҳо дар соҳаи иқтисодиёт, балки дар дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ арзиши хеле бузург доранд.

Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр мубрам буда, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар на танҳо аҳамияти илмӣ-назариявӣ, балки аҳамияти илмӣ-амалиро низ доро мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Бояд қайд кард, ки доир ба мавзуи ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби чандин олимони ватанӣ, ба монанди Саъдӣ Ш., Назризода Д.Х., Тоҷев Ф.Н. ва дигарон таҳқиқоти диссертатсионӣ гузаронида шудааст, аммо то ҳол ягон таҳқиқоти махсуси илмӣ дар бораи саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ дар шакли мақолаву китобҳои библиографӣ баррасӣ шуда бошанд ҳам, онҳо тамоми паҳлуҳои мавзуи мазкурро инъикос намекунанд. Аз ин хотир, зарурати таҳқиқоти илмӣ дар ин самт ва таълифи диссертатсия ба миён омад. Дар раванди таҳқиқот маҷмуи адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур ба таври васеъ истифода шуданд.

Ҳамин тавр, бо мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва осонтар кардани таҳлил ва омӯзиши мавзуъ адабиёти истифодагардида ва омӯхташуда ба гурӯҳҳои зерин тақсим гардид:

**Гурӯҳи якум** китобҳои библиографӣ вобаста ба 60, 70, 75 ва 80-солагии академик Талбак Назаров [29; 30; 31; 32], китобу асарҳо ва мақолаҳои мутахассисону муҳаққиқони соҳавӣ, доираҳои сиёсӣ ва ходимони давлатӣ мебошанд, ки доир ба ҳаёту фаъолият, самтҳои асосии фаъолияти илмию эҷодии ӯ, асару таҳқиқоти таҳрирнамудаи эшон ва мақолаҳои олимони ватанӣ дар бораи ӯро фаро мегирад. Дар китобҳои мазкур қисмати махсус дар бораи иштироки Талбак Назаров дар конференсияву ҳамоишҳои байналмилалию минтақавӣ, ҷаласаҳо ва нишастҳои илмӣ бахшида шудааст.

Дар китоби Д. Назиров [42] ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти Талбак Назаров, аз овони кӯдакӣ то фаъолияти илмию касбӣ таҳқиқ карда шудааст. Ба ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун арбоби барҷастаи давлатӣ ва сиёсӣ, олим, педагог диққати махсус дода мешавад. Китоб, инчунин, фикру ақидаҳои олимони ватанӣ оид ба академик Талбак Назаровро дар бар гирифта, дар он мукофот ва ҷоизаҳои ӯ, ки барои хизматҳояш ба даст овардааст, баррасӣ гардидааст.

Назруллои А. [43; 44] дар осори худ оид ба ҳаёту фаъолияти академик Талбак Назаров, суханронӣ ва иштироки ӯ дар форуму конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ, мукофоту ҷоизаҳо ва иштироки ӯ дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (минбаъд МСТ) маълумоти муфид овардаанд.

У.М. Мирсаидов дар маҷмуаи мақолаҳои худ ба муносибати 60-солагии академик Талбак Назаров мақолаеро бо номи «Олим, сиёсатшинос, дипломат» пешниҳод кардааст, ки дар он марҳилаҳои муҳими фаъолияти илмӣ, сиёсӣ ва дипломатии ӯ инъикос гардидааст. Аз ҷумла, дар ин мақола муаллиф қайд мекунад, ки «Дар ҳаёти ин шахси хоксор ва заҳматкаш доим илм ва амалия, таҳқиқоти иқтисодиёт ва сиёсат ба ҳам омадаанд. Мардуми Тоҷикистон бидуни шаку шубҳа медонанд, ки дар ҳамаи иқдомоти неки Президенти кишварамон дар кори созиши таърихӣ бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик, ба эътидол овардани вазъи иқтисодиву сиёсии ҷумҳурӣ, бозгашти муҳоҷирони иҷборӣ аз хоки кишварҳои ҳамҷавор ва дар арсаи байналмилалӣ шуҳрат пайдо кардани Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзандаи олим ва

сиёсатшинос академик Талбак Назаров низ мавҷуд аст. Бо ифтихор гуфтан мумкин аст, ки дипломатияи кишварамон дар шахси Талбак Назаров раҳнамуни соҳибхирад ва инсондӯстро кашф намудааст» [26].

Муаллифон Р.А. Набиева ва М.М. Исоматов [28] дар китоби худ ҳаёту фаъолият, суханрониҳои академик Талбак Назаров дар ҷаласаву форумҳо ва конференсияҳои байналмилалию минтақавӣ, инчунин, нақши ӯро дар ташаккул ва рушди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, аз сатҳи ассистентӣ то ба сатҳи ректори донишгоҳ расиданашро ба таври муфассал тасвир намудаанд.

М. Имомзода [65] дар мақолаи худ шахсият ва фаъолияти академик Талбак Назаровро таҳлили амиқ намуда, барои арзёбии сифатҳои ӯ, мафҳумҳои «инсони шариф», «олими соҳибмактаб», «роҳбари неком», «сиёсатмадору дипломати шинохта»-ро истифода намудааст.

Муҳаммад Абдураҳмон [66] дар мақолаи худ Талбак Назаровро ҳамчун олими тавоно, қосиди сулҳ, сафири кабир ва намунаи ибрат тасвир кардааст.

Дар маҷмуъ, ин гурӯҳи китобу адабиёт ба ҷанбаҳои асосии ҳаёту фаъолияти Т. Назаров бахшида шудаанд. Дар онҳо таваҷҷуҳи асосӣ ба раванди ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун олим ва арбоби сиёсӣ, иштироки ӯ дар чорабиниҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ, осори илмӣ ва унвону ҷоизаҳои ба дастовардаи ӯ дода шудааст.

**Гурӯҳи дуюм** адабиётеро дар бар мегирад, ки он нақши академик Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ, ташаккули хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони вазирӣ, инчунин, саҳми ӯ дар ба даст овардани сулҳи тоҷиконро баррасӣ менамояд.

Дар китоби А. Салторзода [49] оид ба ҳайати ҳукуматиро роҳбарӣ кардани Талбак Назаров дар раванди МСТ ва таъсири шахсияти ӯ дар он маълумот мавҷуд мебошад. Аз таҳлили китоби мазкур метавон чунин хулоса баровард, ки нақши Талбак Назаров дар музокирот ва раванди дарёфти сулҳу оштии миллӣ, бе ягон муҳобот, хеле бузург аст.

И. Усмон [55] дар китоби худ иштироки Талбак Назаровро дар раванди МСТ ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ тасвир карда, сифатҳои шахсӣ ва хислатҳои таъсиррасонии ӯро дар раванди музокирот рӯйи қоғаз овардааст.

Дар китоби Ҷ. Темурзода [53] сухан дар бораи рӯзгори ибратомӯзи абармарди дунёи илму фарҳанг ва сиёсати хориҷии кишвар академик Талбак Назаров рафта, муаллиф ӯро олими барҷаста, коршиноси шинохтаи иқтисоди байналмилалӣ ва бунёдгузори мактаби дипломатияи миллӣ ном бурдааст.

Дар китоби З. Саидов [48] оид ба иштироки Талбак Назаров дар конференсияву форумҳои байналмилалию минтақавӣ, сафарҳои расмию корӣ ба давлатҳои хориҷӣ ва вохӯриҳои ӯ бо намояндагони воломақоми хориҷӣ маълумоти муфассал оварда шудааст.

Инчунин, дар китобҳое, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [21; 22; 27; 50; 51; 61] таҳия ва нашр шудаанд, дар бораи фаъолияти корӣ, шахсияти беҳамто, дипломат ва сиёсатмадори моҳир будани Талбак Назаров, инчунин, иштироки ӯ дар раванди МСТ, нақши ӯ дар ташаккул ва рушди сиёсати хориҷӣ ва омода кардани мутахассисони соҳаи дипломатия маълумот дода шудааст.

Дар ин гурӯҳи адабиёт асосан мавзуъҳои нақши академик Т. Назаров дар ташаккулёбии Вазорати корҳои хориҷӣ, омода кардани мутахассисони соҳаи дипломатия, рушди сиёсати хориҷӣ, ташаккули хизмати дипломатӣ ва дар раванди МСТ роҳбарии ҳайати ҳукуматиро бар уҳда доштани ӯ баррасӣ гардидаанд.

**Гурӯҳи сеюми** адабиёт аз маҷмуи китобу асарҳо ва мақолаҳои худи академик Талбак Назаров иборат аст, ки дар онҳо фикру андешаҳои ӯ вобаста ба ташаккул ва рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд.

Махсусан, дар китоби «Дипломатияи муосири тоҷик» [41] муаллиф вобаста ба давраҳои асосии ташаккулу рушди сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи миллии тоҷик, самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва ҳамкории

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои манотиқи гуногуни ҷаҳон, инчунин, созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ибрози назар намудааст.

Дар китобҳои «Тоҷикистон: иқтисодиёт, сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ» [35], «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва амният» [38], «Тоҷикистон: рушди иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ» [37], «Иқтисоди бозорӣ ва ҳамкории байналмилалӣ» [34] ва «Ислоҳоти иқтисодӣ, ҳамкорӣ ва амният» [40] вобаста ба иқтисодиёт, рушди иқтисодӣ, ҳамкориҳои иқтисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, сиёсат, амният, ҳамгироӣ, ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру ақидаҳо ва пешниҳодҳои устод рӯйи қоғаз омадаанд.

Ҳамзамон, академик Талбак Назаров вобаста ба ташаккул ва рушди дипломатияи миллии тоҷик, сиёсати хориҷӣ ва ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, инчунин, мустаҳкам кардани мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ як қатор мақолаҳои илмӣ таълиф ва нашр кардааст.

Дар маҷмуъ, китобу асарҳо ва мақолаҳои дар боло зикршуда ба мавзуи андешаҳои Т. Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд, ки дар онҳо масъалаи беҳтар намудани ҳамкориҳо, махсусан, бо кишварҳои ҳамсоя ва манотиқи гуногуни ҷаҳон, инчунин, мустаҳкам намудани ҷойгоҳи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Гурӯҳи чорум** маҷмуи мақолаҳои илмию оммавии олимону сиёсатмадорони дохилию хориҷӣ ва дигар шахсони маъруфро дар бар мегирад, ки дар онҳо шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар мақолаи К. Абдулов [89] оид ба хислатҳои инсондӯстона ва ибратпазири Талбак Назаров сухан рафта, нақши ӯро дар рушду инкишоф ёфтани илму маориф ва иқтисоди кишвар таҷассум намудааст.

Нуралӣ Давлат [90; 91] дар мақолаҳои худ ҳаёту фаъолияти академик Талбак Назаровро аз даврони бачагияш шуруъ намуда, зинаҳои камолот,

даврони роҳбарӣ, расидан ба қуллаҳои сиёсат ва саҳми ӯ дар пешрафти илми кишварро пай дар пай мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст.

Мақолаи Ф. Обидов [97] вобаста ба нақши академик Талбак Назаров дар раванди МСТ ва саҳми ӯ дар рушду инкишофи илми иқтисод бахшида шудааст.

А. Орифов [100] бошад, дар мақолаи хеш Талбак Назаровро ҳамчун олим-дипломат ва олими намоёни соҳаи иқтисодиёт тасвир карда, ақидаҳои ӯро ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ баҳри рушди иқтисодиёти кишвар ва мустаҳкам намудани нақшу мақоми Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, дар мақолаҳои Н. Қаюмов [94], Ӯ. Мирсаидов [95], Одили Нозир [98], Ҳ. Раҳмон [101], Р.Раҳмонӣ [102; 139], Ҷ. Темурзода [105], Д. Ӯроқов [106], М. Ҷурғосиев [108], Р. Абдулқодирӣ [109] ва Ш. Қурбонова [125] доир ба зиндагӣ, эҷодиёт ва саҳми арзандаи академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ, инчунин, нақши ӯ дар ба даст овардани сулҳи тоҷикон маълумоти нодир оварда шудааст.

Қобили таъкид аст, ки адабиёти мавҷудаи илмӣ ва илмию оммавии мавриди истифода қарор додашуда масъалаи саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври пароканда инъикос намуда, аҳамияти таҳқиқоти минбаъда ва таҳлили амиқи ин мавзуъро барои пурра дарк кардани моҳият ва таъсири он ба воқеиятҳои муосир боз ҳам зиёдтар мекунад.

Ҳамин тавр, ҳамаи адабиёт, китоб ва мақолаҳои илмии дар боло зикршуда барои пурра тасвир намудани саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи назариявӣ ҳангоми навиштани рисолаи мазкур хидмат намуданд.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳа)-ҳо ва мавзуъҳои илмӣ.**

Диссертатсия дар заминаи амалӣ намудани нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон (минбаъд: АИДнПҶТ) барои солҳои 2021-2026 бо номи «Эмомалӣ Раҳмон ва рушди дипломатияи тоҷик дар замони истиқлолият» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳлилу омӯзиши ҳаёту фаъолияти академик Талбак Назаров ва муайян намудани саҳми ӯ дар ташаккулу рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Барои ноил шудан ба ин мақсад ҳалли **вазифаҳои** зерин зарур мебошад:

- гузаронидани таҳлили солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров;

- таҳқиқи раванди ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ;

- омӯзиши нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳлилу баррасии андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- баррасии саҳми академик Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997);

- омӯзиши шахсияти Талбак Назаров ҳамчун муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ;

- арзёбии ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** омӯзиши саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти диссертатсионӣ** таҳлил ва баррасии раванди ташаккулёбии шахсияти Талбак Назаров ва саҳми ӯ дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 1994 то имрӯзро дар бар мегирад. Кори илмӣ-таҳқиқотӣ дар кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Ҳамчунин, дар доираи таҳқиқоти мазкур солҳои ҷавонӣ, оғози фаъолияти илмию сиёсӣ ва ба арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ табдил ёфтани академик Талбак Назаров ба таври мухтасар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии рисоларо** таҳқиқот, китобҳо, мақолаҳо ва дастовардҳои илмии гуногун ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот, аз ҷониби мо сарчашмаҳои гуногун, маълумотномаҳо, суханрониҳо, корҳои илмии академик Талбак Назаров, инчунин, китобҳо ва мақолаҳои илмие, ки дар бораи Талбак Назаров бахшида шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** равиши тартибӣ ва таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар раванди таҳияи рисола усул ва роҳҳои гуногуни илмӣ, аз қабили таҳлилӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, маълумотдиҳӣ ва усули муқоисавӣ-таърихӣ истифода шудаанд.

Истифодаи усули таърихӣ имкон дод, ки саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурра таҳлил ва баррасӣ карда шавад.

Бо истифода аз усули муқоиса давраҳо ва марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, саҳми академик Талбак Назаров дар раванди мазкур муайян карда шудааст.

Усули таърихӣ-муқоисавии таҳқиқот ба мақсади баҳодиҳии мақом ва таъсири андешаҳои Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ истифода шудааст.

**Пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлилии таҳқиқотро** Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бойгонии шахсии академик Талбак Назаров, гӯшаи академик Талбак Назаров дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи бойгониҳои Вазорати корҳои хориҷӣ (минбаъд ВКХ) ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот.** Барои таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи мавзуъ ва омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни он муаллиф аз сарчашма ва манбаъҳои мавҷуда ба таври васеъ истифода кардааст, ки онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин тақсим кард:

**Гурӯҳи якум,** сарчашмаҳои муҳимро дар бар мегирад, ки аз китобҳо, мақолаҳо, баромаду суханрониҳо дар форуму симпозиум, конференсияҳо ва ҷаласаҳои созмонҳои байналмилалию минтақавии академик Талбак Назаров иборат мебошад. Бояд қайд кард, ки манбаҳои мазкур заминаи асосиро барои гузаронидани таҳқиқот гузоштанд.

**Гурӯҳи дуюмро** энсиклопедияҳо [23; 24; 63] ва маводи бойгонии мақомоту муассисаҳои давлатӣ ташкил медиҳанд. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бойгонии шахсии Т. Назаров [3], маводи бойгониҳои ҷории ВКХ [2], Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] ва солномаҳои онҳо ба таври васеъ истифода гардидааст.

Маводи аз энсиклопедияҳо ва бойгониҳо истифодашуда ҳамчун заминаи ҳуҷҷатӣ барои омӯзишу таҳлили саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуданд. Омӯзиши онҳо ба мо имкон дод, ки маълумоти шарҳиҳолии ҳаёт ва фаъолияти олимро аниқ созем, раванди ташаккулёбӣ ва марҳилаҳои асосии роҳи тайкардаи ӯро омӯзем.

**Гурӯҳи сеюм** ҳуҷҷатҳои расмӣ, ба монанди қарорҳо, фармонҳо, ведомостҳо, бюллетенҳо ва дигар санадҳои ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд дохил мешаванд. Ҳуҷҷатҳои расмӣ барои шарҳи дурусти мавзуи таҳқиқшаванда мусоидат намуда, раванди омӯзиш ва таҳияи корро осонтар намуданд.

**Ба гурӯҳи чорум** маводи нашрияҳои даврӣ, сомонаҳои расмии мақомоту муассисаҳои давлатӣ ва сарчашмаҳои иттилоотии ба мавзуи диссертатсия алоқаманд дохил мешаванд.

Маводи нашрияҳои даврӣ ва сомонаҳои иттилоотӣ барои гирифтани маълумоти нав дар бораи рӯйдодҳои ҳаррӯза, инчунин, барои шиносоӣ бо мақолаҳои илмию хотиравӣ, ки ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият ва дастовардҳои академик Талбак Назаров бахшида шудаанд, истифода гардиданд. Таҳлили онҳо имкон доданд, ки оид ба мавзуи таҳқиқшаванда маълумоти наву камёфтро дарстрас намуда, дар навиштани диссертатсия ба таври васеъ истифода барем.

**Гурӯҳи панҷуми** манбаъҳоро мусоҳибаҳои муаллиф ташкил медиҳанд, ки дар он андешаҳои шогирдону наздикон ва дӯстони академик Талбак Назаров ҷой доранд [8; 9; 10; 11].

Мусоҳибаҳои дар боло зикршуда ниҳоят муҳим ба ҳисоб рафта, дар раванди таҳқиқот дар ҳалли баъзе норавшаниҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот кумак намуданд.

Дар маҷмуъ, гурӯҳи сарчашмаҳои истифодашуда, бешубҳа, хеле васеъ буда, ҷиҳати пурра омӯзиш ва таҳлил намудани мавзуи таҳқиқшаванда ёрӣ расониданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаи ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мешавад. Ин аввалин таҳқиқоти маҷмуии илмӣ вобаста ба мавзуи саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли диссертатсия мебошад. Навгонии дигари илмӣ дар он таҷассум меёбад, ки муаллиф ҳангоми таҳқиқот шумораи зиёди сарчашмаҳои камомӯхташуда ва нодирро дар раванди таҳқиқот истифода кардааст.

Инчунин, навгониҳои таҳқиқот дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд:

- солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

- аввалин бор ба таври муфассал раванди ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ баррасӣ карда шуд;

- нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баҳогузорӣ гардид;

- бори аввал андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд;

- саҳми академик Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997) мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифт;

- шахсияти Талбак Назаров ҳамчун муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифт;

- авалин бор ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров ҷамъоварӣ шуда, мавриди арзёбӣ қарор гирифт.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар миёни олимон, сиёсатмадорон, дипломатон ва шахсони сарсупурдаи миллати тоҷик академик Назаров Талбак мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Зеро ӯ новобаста аз душвориҳои овони кӯдакӣ ва солҳои ҷавонӣ қадамҳои ҷиддии аввалини худро дар ҳаёт ҳамчун олим ва педагог гузошта, дар самти илму омӯзгорӣ аз ассистенти оддии кафедра то ба дараҷаи академикӣ ва дар самти сиёсат то ба дараҷаи пешоҳанги дипломатияи тоҷик расидааст.

2. Дар баробари машғул шудан ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ академик Талбак Назаров худро ҳамчун ташкилотчӣ ва роҳбари кордон нишон дода, ба ҳаёти сиёсии кишвар низ ворид шудан гирифт. Ӯ дар тамоми мансабҳояш ба таҳкими волоияти қонун ва баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ доимо диққати махсус медод.

3. Қобилияту истеъдоди Талбак Назаров ҳамчун сиёсатмадори баркамол дар мансаби вазири корҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар

зоҳир гашт. Дар ин давра, ӯ тавонист базаи моддӣ-техникӣ, иқтидори кадрӣ ва сохтори дастгоҳи марказии Вазорати корҳои хориҷиро ба таври назаррас мустаҳкам намуда, заминаҳои ҳуқуқиву назариявии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро такмил диҳад. Инчунин, дар давраи вазирии ӯ шумораи намояндагиҳои дипломатӣ дар хориҷа афзоиш ёфта, аксарияти онҳо соҳиби биноҳои нав гардиданд ва кишвари мо тавонист бо 39 кишвари ҷаҳон, ки то ин давра равобити дипломатӣ надошт, муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, аъзои зиёда 10 созмону ташкилоти байналмилалию минтақавӣ гардад.

4. Академик Талбак Назаров нозукиҳои дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосирро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ҷиҳати роҳандозӣ ва дар амал татбиқ намудани он чунин пешниҳод кардааст: «Барои сиёсати хориҷии кишваре мисли Тоҷикистон чӣ муҳим аст? Кишвари мо вазифадор аст, ки тамоми қувваашро ба харҷ диҳад, то ки бо ҳама муносибати хуб дошта бошад. Ҳатто агар баъзе аз ин кишварҳо нисбат ба мо ягон кинаву адоват ҳам дошта бошанд. Барои тағйир додани нуқтаи назарашон бояд бо онҳо ҳамкорӣ кард. Дар мулоқоту гуфтушунидҳо ҳеҷ гоҳ набояд мавқеи кишвари сеюмро ба интиқод гирифт. Мо набояд манфиатҳои миллии худро қурбон кунем. Ин манфиатҳоро дағалона не, балки ба таври моҳирона ҳимоя кардан лозим аст» [68, с. 33].

5. Яке аз хизматҳои муҳимтарини Т. Назаров барои давлату миллати тоҷик ин аст, ки ӯ ҳайати ҳукуматиро дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон бо ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҳбарӣ кардааст. Ин масъулияти бузургро Т. Назаров аз марҳилаи дуюми давраи панҷум (26 январи соли 1996, Ашқобод) сар карда то ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бар душ дошт. Ба ӯ муяссар гардид, ки раванди музокиротро бомуваффақият ба анҷом расонад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар раванди музокирот таъин шудани ӯ яке муваффақиятҳои калони Ҳукумат дар раванди сулҳсозӣ буд.

6. Академик Т. Назаров ҳам тавассути эҷодиёту осори илмӣ ва ҳам мансабҳои давлатӣ тавонист кишвару миллати тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд. Зеро қариб тамоми осори илмӣ ва мақолаву китобҳои ӯ бо забонҳои гуногуни хориҷӣ – англисӣ ва русӣ таҳия ва нашр шудаанд. Ҳатто баъзе мақолаҳои ӯ бо забонҳои хитойӣ, узбекӣ ва немисӣ низ тарҷума ва чоп гардидаанд. Дар даврае, ки Т. Назаров вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ буд, ӯ дар ҷаласаҳову машваратҳои гуногуни созмонҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ, ба монанди СММ, САҲА, СҲШ ва ғайра иштироку суханронӣ намуда, тавонист дар густаришу тавсеаи обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва дар муайян гардидани мақому ҷойгоҳи он дар созмонҳои бонуфузи дунё саҳм гузорад.

7. Талбак Назаров тавассути меҳнати бовиҷдонона ва софдилонаи худ тавонист ба мартабаҳои баландтарини илму сиёсат – академик ва пешоҳанги дипломатияи тоҷик расида, дар ин самтҳои гуногун ва мураккаби фаъолият ба комёбиҳо ноил гардад. Маҳз барои ҳамин, ӯ дар миёни сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ мақоми хоса дошта, шахсият ва фаъолияти димломатию сиёсии ӯ аз ҷониби онҳо баҳои баланд дода шудааст. Махсусан, ибрози назар намудани вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия С.В. Лавров, Котиби давлатии ШМА хонум Кондолиза Райс, собиқ Котиби генералии СҲШ Р.Алимов, муовини Котиби Генералии СММ оид ба масъалаҳои сиёсӣ Б.Линн Паско, собиқ сафири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон Ҷаноби Б.Ҷайшанкар ва директори институти илмҳои сиёсии донишгоҳи Варшава профессор Тадеуш Мотодов исботи ин гуфтаҳо мебошанд. Аз ин рӯ, мо гуфта метавонем, ки академик Талбак Назаров на танҳо сиёсатмадори барҷастаи эътирофшуда дар Тоҷикистон, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро метавон барои мутахассисони соҳаи дипломатия, таърихнигорон, ҷомеашиносон, иқтисоддонҳо ва онҳое, ки машғули омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошанд, тавсия намуд.

Хулосаҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур баровarда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи рисолаҳо вобаста ба таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи муосири дипломатияи тоҷик ва ташаккулу рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Онҳо, инчунин, метавонанд барои таҳияи маводи таълимӣ, методӣ, лексияву мақолаҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ муфид бошанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки хулосаву тавсияҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили ВКХ ва дигар сохторҳои дахлдор, инчунин, ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ дар фаъолияти кории ҳаррӯзаашон ба таври васеъ истифода баранд. Инчунин, таҳқиқоти мазкур ва натиҷаҳои он метавонанд дар раванди омода намудани кадрҳои ҷавон дар самти хизмати давлатӣ ва дипломатӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо маълумоти дақиқ ва сарчашмаҳои воқеӣ, ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ ва таълифоти муаллиф асоснок мегардад. Дар натиҷаи омӯзишу таҳлилҳои илмӣ хулосаву тавсияҳои зарурӣ вобаста ба раванди ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси Шурои диссертатсионии 6DKOA-024 – 6D020201-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ ва 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, муайян кардани мубрамии он, муайянсозии мақсад ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом дода шудааст. Муҳаққиқ дар раванди кор вобаста ба саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиёту сарчашмаҳои илмию оммавиро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо олимону ҳамкорон, шогирдон ва худи ӯ вохӯриву

суҳбатҳои муҳим анҷом дода, хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст. Ӯ, ҳамчунин, якчанд мақолаҳои илмӣ вобаста ба муҳтавои мавзуъ таълиф намудааст, ки он иштироки фаъол ва саҳми ӯро дар таҳқиқот нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва академиявӣ пешниҳод шуда, онҳо дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврии ҷумҳуриявӣ нашр карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 7 мақолаҳои илмии маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаҳои илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ интишор гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 180 саҳифаи матни компютерӣ навишта шудааст.

# БОБИ I. МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АКАДЕМИК ТАЛБАК НАЗАРОВ

## 1.1. Солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсӣ

Дар миёни олимон, сиёсатмадорон, дипломатон ва шахсони сарсупурдаи миллати тоҷик доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино, профессори фахрӣ ва академики як қатор академияву донишгоҳҳои ҷаҳон, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Назаров Талбак Назарович мавқеи намоёнро ишғол менамояд.

Н.Т. Назаров ба қатори он шахсиятҳое дохил мешавад, ки ҳаёту фаъолияташон хеле гуногунҷабҳа мебошад. Аз як тараф ӯ ҳамчун дипломат, ходими сиёсӣ ва аз тарафи дигар омӯзгори нотакрор, олимиислоҳотгар ва шахсияти беҳамто мебошад. Ба ақидаи мо, ин худ як қисмати хурдтарини фаъолияти ӯ ба ҳисоб меравад. Зеро ба ҷуз ин, ӯ як роҳбари муваффақ, ҳимоятгари манфиатҳои кишвар, иштирокчии фаъоли конференсия ва симпозиумҳои байналмилалӣ мебошад. Яъне, ин шахсияти нотакрори миллати тоҷик дар самти илму омӯзгорӣ аз ассистенти оддии кафедра то ба дараҷаи академикӣ, дар самти сиёсат то ба дараҷаи пешоҳанги дипломатияи тоҷик расидааст.

Чуноне ки академик Ф. Тоҳиров дар яке аз мақолаҳояшон вобаста ба ҳаёту фаъолияти устод Т. Назаров қайд намудааст: «Чӣ тавр писарбачаи оддие, ки дар оилаи деҳқон дар деҳаи дурдаст, дур аз марказҳои бузурги илмию маданӣ таваллуд шудааст, тавонист ба як арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ, олим ва педагоги бузург, таҳқиқотчии машҳури илмӣ, академик, солҳои тулонӣ роҳбари Вазорати корҳои хориҷии кишвари худ мубаддал гардад» [30, с. 40]?

Аммо агар мо жарфтар ба роҳи тайкардаи зиндагии ин марди шариф назар афканем, фаъолияти кории ӯ аз меҳнату машаққат оғоз гардидааст. Маҳз меҳнат ва талошҳои шабонарӯзӣ боис шудаанд, ки ӯ ҳамчун шахсият ташаккул ёфта, ба дараҷаҳои баланди зикршуда бирасад.

Назаров Талбак Назарович 15 марти соли 1938 [130] дар яке аз деҳаҳои (деҳаи Оличадара, ки ҳоло дар зери обанбори Норак қарор дорад) собиқ

ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб [137] (ҳозира вилояти Хатлон) ба дунё омадааст.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба масъалаи дар куҷо ба дунё омадани устод Талбак Назаров ақидаҳо хеле зиёд ҳастанд. Масалан, зодгоҳи ӯро дар китобҳо, энсиклопедияҳо, рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ, мақолаҳои илмию оммавӣ ва сомонаҳои интернетӣ бо шаклҳои зерин дарҷ намудаанд, ки қариб онҳо бо якдигар мувофиқат намекунанд:

- Дар китобҳое, ки вобаста ба 70, 75 ва 80-солагии устод Назаров Талбак Назарович ва ҳаёту фаъолияти ӯ бахшида шудаанд, инчунин, дар сомонаи интернетии «Центр-Азия», зодгоҳи ӯро ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб (ҳозира вилояти Хатлон) дарҷ намудаанд;
- Дар китоби «Эҳёи Кангурт», ки муаллифонаш Назруллои Абдулваҳҳоб ва Умари Шерхон мебошанд, зодгоҳи ин марди шарифро деҳаи Кангурти ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб муайян кардаанд [44, с. 126];
- Дар Энсиклопедияи Кӯлоб зодгоҳи ӯро деҳаи Кангурти ноҳияи Данғара қайд кардаанд;
- Дар сомонаи интернетии ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Wikipedia (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) зодгоҳи ӯро ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон навиштаанд.

Хулоса дар ин ё он китобу сарчашмаҳо оид ба макони ба дунё омадани Талбак Назаров фикри ягона мавҷуд нест. Вобаста ба масъалаи мазкур қариб дар ҳамаи онҳо дуҳӯрагиҳо дида мешаванд.

Аммо худи Талбак Назаров ба ҳамаи баҳсҳо ва дуҳӯрагиҳое, ки оид ба зодгоҳаш шуда мегузаштанд, ҳангоми ҳикоя кардан дар бораи сарнавишти худ ба маҷаллаи «VIP-zone» хотима гузошт. Худи ӯ қайд кард, ки «Ман дар яке аз деҳаҳои собиқ ноҳияи Кангурти вилояти Кӯлоб (ҳозира вилояти Хатлон), ки ҳоло дар зери обанбори Норак қарор дорад, таваллуд шудаам» [124].

Замоне, ки Талбак Назаров ба дунё омад, миллати тоҷик ба фоҷиаҳои талхе дучор гардида буд. Чунки, маҳз дар ҳамин давра шахсони сарсупурдаи миллати тоҷик, ба монанди Нусратулло Махсум, Шириншо Шотемур,

Абдураҳим Ҳоҷибоев, Чинор Имомов ва дигарон ба тақиботи сиёсии он давра гирифтор шуда, ҷонашонро аз даст дода буданд.

Аммо, чи хеле ки мегӯянд – «Таърих ҳамеша воситаи пайвасткунандаи як давра ба давраи дигар аст» ва дар ин даврон дар Тоҷикистон шахсоне ба монанди Т. Зулфиқоров, Ҳ. Абдураззоқов, М. Воҳидов, Ҳошим Гадо, Лоиқ Шералӣ ва дигар фарзандони бузурги миллати тоҷик ба дунё омаданд, ки баъд аз чанд даҳсолаҳо дар рушду нумуи кишварамон саҳмгузор буданд. Талбак Назаров маҳз ба қатори ҳамин наслҳо дохил мешавад, ки аз даврони хурдсолӣ ҳамаи талхию шириниҳо ва мусибатҳои зиндагиро чашида, ба орзую ҳаёти кӯдакияш хайрбод гуфта, зуд ба зиндагии мустақилона қадам гузошт.

Талбак Назаров аз ҷумлаи онҳоест, ки новобаста аз мушкилоти зиндагии овони тифлӣ, барои ташаккул ёфтан ҳамчун шахсият саъю кӯшиш ба харҷ додааст. Вай хеле барвақт аз волидонаш маҳрум мегардад. Дар синни сесолагӣ аз модар ва ҳангоми таҳсил дар синфи шашум (13-солагӣ) аз падар маҳрум шуда [134], ҳамон соли таҳсилро дар мактаб-интернати ҷамоати Кангурти ноҳияи Кангурт давом медиҳад [42, с. 376].

Замоне овозаҳо паҳн шуданд, ки гӯё ӯ дар ятимхона ба воя расидааст, аммо ин комилан нодуруст аст. Чунки, худи Талбак Назаров ҳангоми ҳикоя кардани сарнавишти худ ба маҷаллаи «VIP-zone» дар ин бора чунин мегӯяд: «Баъзе вақт мешунавам, ки ман дар ятимхона ба воя расидаам, аммо ин комилан нодуруст аст. Ман танҳо дар он мактабе хондаам, ки дар он ҷо кӯдакони ятимхона низ таҳсил мекарданд».

Соли 1950 мардуми деҳаи Оличадараро (25 оила), ки зодгоҳи волидони Т. Назаров ба ҳисоб мерафт, ба ноҳияи Фархор кӯчониданд ва онҳо дар он ҷо деҳаи Саксанохур (Орҷоникидзе)-ро бунёд намуданд. Дар ҳайати мардуми кӯчонидашуда Файз Хоҷаев шахси ниҳоят гиромиқадр ва роҳбари ғайрирасмӣ дар миёни ҳамдеҳагон низ буд. Ӯ амаки Талбак Назаров ба ҳисоб меравад [42, с. 377].

Соли 1952 баъд аз хатми синфи 6-ум дар мактаб-интернат (Кангурт - Р.А.) Талбак Назаров қарор қабул кард, ки ба хонаи амакаш Файз Хоҷаев равад. Амакаш ӯро ба мисли фарзанди худаш қабул кард ва парастории

бародарзодаашро дар наздаш қарз мешуморид. Дар навбати худ Талбак Назаров таҳсили худро дар синфи 7-уми мактаби 7-солаи ба номи С. Орҷоникидзеи деҳаи Саксанохур давом дода, ба мисли садҳо кӯдакони деҳа баъд аз дарсҳо дар заминҳои пахта кор мекард [42, с. 377].

Ҳамин тавр, ибтидои роҳи ҳаёти рангоранги Талбак Назаров ба замоне рост омад, ки насли он давра чӣ будани хушбахтии даврони кӯдакиро намедонист. Чуноне, ки адиби маъруфи амрикоӣ Ҷек Лондон дар хотираҳояш менависад: «Зиндагии даврони кӯдакиям чунон вазнин буд, ки чӣ будани бозичаро намедонистам...» [110].

Бо вуҷуди ин, замоне, ки дар мактаби миёна таҳсил мекард, таъриху адабиётро дӯст медошт ва бо баҳои аъло мехонд. Орзуи муаллим шудан ва ба шогирдон таълим доданро дар дилаш мепарварид.

Чун шароит баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ хеле сахт буд, тасмим гирифт, ки минбаъд сарбории касе нашавад ва масъулияти зиндагиро ба дӯш бигирад [122].

Соли 1953 ӯ дар синни 15-солагӣ мактабро бомуваффақият хатм карда, бо ҳамин мақсад роҳи Сталинободро (ҳозира ш. Душанбе) пеш гирифт. Худи Талбак Назарович дар ин бора чунин мегӯяд: «Вақте ба Сталинобод омадам, тасодуфе рӯх дод. Рӯзе дар назди Техникуми молия ва қарз меистодам, ки марди ношиносе наздам омад ва ҳадафамро пурсид. Чун донист, ки барои таҳсил омадаам, пешниҳод кард, ки дар ҳамин техникум ҳуҷҷат супорам. Мани 15-сола ҳам посухи мусбат дода, ҳуҷҷатҳоямро пешниҳод кардам. Чун диданд, ки ҳамаи баҳоҳои ман аъло аст, маро ба техникум қабул карданд» [98, с. 8].

Тӯли се сол бо баҳои аъло дар инҷо таҳсил карда, соли 1956 онро бо ихтисоси «Азпултаъминкунӣ ва кредитонидани хоҷагии қишлоқ» ва дипломи аъло тамом мекунад ва бо қарори Комиссияи давлатии муайянкунандаи квалификатсия аз 6 июли соли 1956 ба Т. Назаров ихтисоси «Молиячӣ оид ба азпултаъмин ва кредитонидани маблағгузории капиталӣ» дода мешавад [3].

Ҳамин саъю талошашро ба назар гирифта, роҳбарияти Техникуми молия ва қарз ба ӯ пешниҳод мекунад, ки таҳсилашро дар мактаби олӣ идома диҳад. Аз ҷумла, се мактаби олиро номбар мекунанд – донишгоҳҳои давлатии

Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Институти молия ва иқтисоди ба номи А. Вознесенскии шаҳри Ленинградро. Азбаски дорои хоҳиши гирифтани илму дониш буд, сеюмашро интихоб кард, ҳарчанд медонист, ки дар ин шаҳри бузургу бегона шароити зиндагияш хеле вазнин мешавад, чунки касе надошт, ки ба ӯ кумаки молӣ кунад. Имтиҳонҳои дохилшавиро бомуваффақият супорид ва донишҷӯйи яке аз бонуфузтарин донишкадаҳои Иттиҳоди Шуравӣ дар соҳаи молия ва қарз гардид [91, с. 8].

Вобаста ба интихоби намудааш худи устод Талбак Назаров чунин қайд менамояд, ки «Ман Ленинградро интихоб кардам. Агар имрӯз мебуд, шояд чунин интихобро намекардам, аммо он замон дар вуҷудам ҷасорат буд, ҳол он ки барои таҳсил як тин ҳам надоштам» [143].

Даврони таҳсил барои Т. Назаров хеле душвор буд. Чунки дар солҳои таҳсилаш ба ӯ аз тарафи наздиконаш кумак расонида намешуд. Ҳарчанд ки идрорпулӣ мегирифт, аммо барои зиндагӣ ва таҳсилаш кифоягӣ намекард. Тангдастӣ дар солҳои кӯдакӣ ва наврасӣ ба ӯ чунон таъсир мегузорад, ки ҳатто бо гузашти солҳо наметавонад таъсири онро фаромуш кунад [123].

Талбак Назаров баъд аз хатми курси якум дар заводи Адмиралтейски шаҳри Ленинград ба кор шуруъ кард. Барои ҳамин муддати чаҳор соли таҳсилаш ба Тоҷикистон боре омада натавонист. Дар давоми таътили тобистона низ кор мекард. Маҳз дар ҳамин давра дар корхонаи киштисозӣ ба сохмони киштии атомии машҳур бо номи «Ленин» оғоз карда буданд. Талбак Назаров тамоми фасли тобистон ба рангкунии девораҳои Флагмани флоти арктикии ИҶШС машғул мешавад. Дар солҳои минбаъда барои азхудкунии заминҳои бекорхобидаи сарзамини Қазоқистон меравад.

Ӯ аз ҷумлаи он нафаронест, ки дар азхудкунии заминҳои навкорами Қазоқистон низ саҳм гирифта, дар он ҷо бештар ба таъмири техникаи ғалладаравӣ ва бо комбайнронӣ машғул шуда буд. Барои заҳматписандӣ ва меҳнатдӯстияш дар ҳамон солҳо бо нишони Кумитаи Марказии комсомоли Иттиҳоди Шуравӣ қадр карда шуд. Ин ҷиҳати фаъолияташ дар хотири шахсиятҳои қадршиноси кишвари ҳамсоя ва дӯст боқӣ монд [30, с. 9]. Маҳз ба ҳамин хотир, қариб баъд аз 50 сол

тибқи фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон соли 2004 Т. Назаров ба медали «50-солагии азхудкунии заминҳои навкорам» мукофотонида шуд [29, с. 59].

Соли 1960 ӯ Институти молия ва иқтисоди ба номи А. Вознесенскии шаҳри Ленинградро бо ихтисоси «Молия ва қарз» хатм намуда, бо қарори Комиссияи имтиҳони давлатӣ аз 30 июни соли 1960 ба Талбак Назаров дипломи дараҷаи иқтисодчӣ таҳти №123611 дода шуд [3].

Баъди хатми Институти молия ва иқтисоди ба номи А. Вознесенскии шаҳри Ленинград ӯро барои кор ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (минбаъд ДДТ ба номи В.И. Ленин) роҳхат доданд. Чунки, дар ҳамон солҳо дар Тоҷикистон норасоии шадиди мутахасисони ин соҳа, ки дар сиёсати молиявӣ қодиранд ва ҳам метавонанд ба мақомоти ҷумҳуриявӣ пешниҳодҳои амалӣ намоянд ва ҳам мустақилона оид ба усулҳои молиявии идоракунии хоҷагии халқ таҳқиқоти илмиро гузаронанд, ба назар мерасид.

Омадани Талбак Назаров пас аз хатми Ленинград ба ӯ имконият медод, ки дар дилхоҳ идораи давлатӣ ба кор шуруъ кунад, аммо ӯ орзуи кӯдакии худро амалӣ намуд. Муаллим шуд. Ӯро ба сифати ассистенти факултети иқтисоди Университети давлатии Тоҷикистон ба кор қабул карданд [134]. Ӯ аз соли 1960 фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун устоди кафедраи ҳисобгирӣ ва омор (ҳоло кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ)-и донишгоҳи номбурда шуруъ намуда, қариб 30 соли ҳаёташро ба ҳамин даргоҳи бузурги илму маърифат бахшид.

Устод, ки аз хурдӣ бо меҳнати ҳалолу софдилона ба камол расида буд, дар давроне, ки дар вазифаҳои масъули омӯзгорию роҳбарӣ хизмат кард, бо ҳамин хисоли некуи худ намунаи ибрати дигарон гардид. Дар ҳамон овони ҷавонӣ донишу фазилати ӯ таваҷҷуҳи роҳбарони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ҷалб карда, баъди як соли дар факултети иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд ДМТ) кор кардан, Т.Н. Назаровро муовини декани факултет таъин намуданд ва ин арҷгузорӣ ба қобилияту истеъдоди созмондиҳӣ ва ба донишу малакаи тахассусии устод буд [30, с. 9].

Аммо дар қалби Талбак Назаров ҳадафи дигаре ғулғула меафканд ва соҳилҳои дарёи Нева ӯро ба ҷониби худ ҷазб мекард. Баъди ду соли фаъолият

дар факултети иқтисодӣ роҳбарияти донишгоҳ қобилияташро ба назар гирифта, ӯро соли 1962 ба Институти молия ва иқтисоди ба номи Н.А. Вознесенский барои шомил шудан ба аспирантура мефиристанд.

Бинобар ин, ӯ ба Ленинград баргашта, ба аспирантураи институте, ки онро хатм карда буд, ҳуҷҷат супорид ва баъди се сол дар мавзуи «Даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳуриҳои Иттифоқӣ ва ҷудошавии онҳо байни буҷети умумииттифоқӣ ва маҳаллӣ» рисолаи номзадияшро (зери роҳбарии олим-иқтисодчии бузурги шуравӣ З.Е. Русин [31, с.19]) дифоъ намуда, ба Ватан бармегардад [98, с. 8].

Баъд аз ҳимоя кардани рисолаи номзадияш бо қарори Шурои Институти молия ва иқтисоди ба номи А. Вознесенский аз 12 ноябри соли 1965 (протоколи №313) ба Талбак Назаров унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шуда, 15 июни соли 1966 таҳти № 006967 ба ӯ дипломи номзади илм дода мешавад [3].

Аллакай дар ин кор, олими ҷавон дар шароити он давра худро ҳамчун муҳаққиқи закии таъмини методологияи низоми ягонаи буҷетӣ ва заминаи даромади он, баланд бардоштани мустақилияти мақомоти маҳаллӣ дар соҳаи танзими молиявии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ нишон дод.

Соли 1963 дар даврони дар аспирантура таҳсил карданаш Талбак Назаров ба сафи Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ дохил мешавад.

Соли 1965 баробари омадан ба шаҳри Душанбе Талбак Назаров, ки акнун номзади илмҳои иқтисодӣ буд, фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси муаллими калони кафедраи иқтисоди тиҷоратӣ ва молияи факултети иқтисоди ДДТ ба номи В.И. Ленин (ҳозира ДМТ) [29, с. 4] оғоз намуд.

Ҳамзамон, худи ҳамон сол Т.Н. Назаров тамоми қувваро ба он равона кард, ки дар Донишгоҳи давлатӣ кафедраи «Молия ва қарз» ташкил карда шавад, зеро ки он ба талаботи замон мувофиқ буд. Аввалан, дар он рӯзҳо ҷустуҷӯи фаъолонаи усулҳои дақиқи молиявии ҳавасмандгардонии пешравии иқтисодӣ ёфта, институтикунонии таҳқиқоти молиявӣ хеле мубрам буд. Дувум, қариб ягона олими касбии молиячӣ мехост мактаби миллии пайравони худ – мактаби олимони соҳаи молия ва қарзро таъсис диҳад. Имрӯз бе ҳеч шак

метавон гуфт, ки чунин мактаб вуҷуд дорад. Зеро ки даҳҳо олимони молиячӣ - шогирдони Т.Н.Назаров, садҳо мутахассисони соҳаи молия ва қарз иқтисодиёти ҷумҳуриро пеш бурда, онро дар арсаи байналмилалӣ дилпурона муаррифӣ мекунанд [32, с. 15].

Солҳои 1966-1969 вазифаи ҷонишини декани факултети иқтисодӣ ва солҳои 1967-1971 вазифаи мудири кафедраи «Молия ва қарз»-и ДДТ ба номи В.И. Ленин (ҳозира ДМТ)-ро бар уҳда дошт [31, с. 63].

13 сентябри соли 1968 бо Қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (протоколи №51/П) ба Талбак Назаров унвони илмии дотсенти кафедраи «Молия ва қарз» дода шуда, 11 октябри соли 1968 таҳти №044930 ба ӯ Шаҳодатномаи дотсентӣ дода мешавад [3].

Инчунин, солҳои 1969-1971 дар вазифаи декани шуъбаи ғоибонаи факултети иқтисодӣ ва солҳои 1970-1971 дар вазифаи проректори шуъбаи ғоибонаи ДДТ ба номи В.И. Ленин фаъолият намудааст.

Дар ҳамин давра, аз ин ба баъд ба дӯши Т. Назарови ҷавон ҳам пешбурди корҳои илмӣ, ҳам педагогӣ ва ҳам роҳбарӣ лозим буд. Лекин ба нафаре, ки дар гармои дашти қазоқ гандум даравидаву комбайн ронда, тору пудаш обутоб ёфтааст, пушти сар кардани ҳама гуна мушкилот ба осонӣ даст медод.

Аммо олими иқтисодчӣ дар наздаш ҳадаф мегузорад, ки мактаби илмии худашро бунёд намуда, шогирдон ва пайравонашро дар самти таҳқиқоти иқтисодӣ дошта бошад. Бо ташаббусу ибтикори ӯ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кафедраи «Молия ва қарз» кушода мешавад, ки Талбак Назаров онро аз соли 1967 то соли 1980 роҳбарӣ мекунад [29, с. 36].

Олими ҷавон дар якҷоягӣ бо ҳамфикрони худ оид ба омӯзиши мушкилоти молиявӣ дар заминаи тавсеаи мустақилияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва тақвияти нақши методҳои идоракунии иқтисодӣ корҳои таҳқиқотии худро пеш мебарад. Талбак Назаров ҳангоми таҳқиқотҳояш як модели иқтисоди солимро пешниҳод намудааст, ки дар он нақши асосӣ ба

муносибатҳои худмаблағгузорӣ дода шудааст. Бисёр хулосаҳо ва пешниҳодҳои ӯ дар замони ҳозира низ аҳамияти худро гум накардаанд.

5 ноябри соли 1969 бо фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС медали ҷашнии «Барои меҳнати шуҷоатнок бахшида ба 100-солагии В.И. Ленин» таъсис дода мешавад, ки он бештар ба коргарони пешқадам, колхозчиён, мутахассисони хоҷагии халқ, кормандони муассисаҳои давлатӣ ва ташкилоти ҷамъиятӣ, ходимони илму фарҳанг, ки дар тайёрӣ ба солгарди В.И. Ленин шуҷоату корнамоиҳои зиёд нишон додаанд, инчунин, шахсоне, ки дар барқарор кардани Ҳокимияти Шуравӣ ё мудофиаи ватан фаъолона иштирок кардаанд ва ё бо меҳнати худ дар сохтмони сотсиализм дар ИҶШС саҳми назаррас гузоштаанд, бо фаъолияти иҷтимоии худ намунаи ибрат мебошанд ва ба ҳизб дар тарбияи насли наврас кумак намудаанд, қадрдонӣ карда мешуд.

Аз ҳамин сабаб, аз номи Президиуми Шурои Олии ИҶШС Т.Н. Назаров 7 апрели соли 1970 бо медали ҷашнии «Барои меҳнати шуҷоатнок бахшида ба 100-солагии В.И. Ленин» [1; 3] ба хотири дар ин давра ба яке аз мутахассисони барҷастаи илм табдил ёфтан, бо фаъолияти иҷтимоии худ намунаи ибрат будан ва дар тарбияи насли наврас саҳм гузоштанаш қадрдонӣ карда мешавад.

Ба тамоми ин комёбиву муваффақиятҳояш Талбак Назаров қаноат накарда, дар назди худ мақсад гузошт, ки ба қуллаҳои баланди илм расад. Аз ин рӯ, дар пайи навиштани рисолаи докторӣ шуд. Аз ҳамин сабаб соли 1972 боз ба ҳамон Институти молия ва иқтисоди ба номи Н.А. Вознесенскии шаҳри Ленинград рафта, соли 1974 рисолаи доктарияшро (зери машварати олим-иқтисодчии бузурги шуравӣ З.Е. Русин [31, с. 19]) дифоъ менамояд.

Вобаста ба масъалаи мазкур худи Т. Назаров чунин қайд мекунад: «Соли 1972 боз ҳам Нева маро ба соҳилаш ҷазб мекард, ин навбат ба докторантура. Баъди ду сол дар синни 36-солагӣ ман рисолаи доктории худро дар мавзуи «Мушкилоти методҳои молиявии ҳавасмандгардонии рушди техникӣ дар саноат» ҳимоя кардам» [98, с. 8].

26 декабри соли 1975 (протоколи №21) бо Қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС ба Талбак

Назаров дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шуда, 2 феврали соли 1976 таҳти №001396 ба ӯ дипломи доктори илм дода мешавад [3]. Ҳамзамон, бо Қарори Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Шурои Вазирони ИҶШС аз 24 сентябри соли 1976 (протоколи №32) ба Талбак Назаров унвони илмии профессори кафедраи молия ва қарз дода мешавад [3].

Баъд аз ҳимояи рисолаи докторӣ фаъолияти илмии Т. Назаров боз ҳам васеътар мегардад. Чунки, дар ин давра илмҳои иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ба ташаккулу рушди худ оғоз намуда буд. Маҳз дар ҳамин давраи гузариш номи ӯ ҳам дар қаламрави пасошуравӣ, ҳам берун аз марзи он ба таври васеъ шинохта шуд. Дар ҳамин давра, алаккай ӯ муаллифи як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи молия ва қарз, иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти давраи гузариш гардида, дар таҳияи масъалаҳои назария, методология ва амалияи рушди иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ саҳми калон гузоштааст.

Тасдиқи ин суханҳоро метавон дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мақолаҳои устод Талбак Назаров, ки на танҳо ба забони тоҷикиву русӣ, балки ба забонҳои англисӣ, немисӣ ва узбекӣ низ таълиф шудааст, пайхас намуд. Масалан, бо забони немисӣ – Engine Aspekte der Haushaltwirtschaft in der Sowjet Union [Некоторые аспекты бюджета в Советском Союзе] [85, с. 20-21]; бо забони узбекӣ – Совхозларинг бюджет билан ӯзаро муносибатлари [Совхозы и их взаимоотношения с бюджетом] [103] ва бо забони англисӣ – The experience of training on skilled personnel for planning bodies [Опыт подготовки кадров для плановых органов] [88]; Political dialogue as a basic foundation for transition from war to peace and national accord [87, с. 11-22]; Fighting International Terrorism – Priority Challenge of the International Community [86, с. 15-28] навиштааст, ки онҳо бозгӯйи васеъшавӣ ва фаррохтар гардидани доираи фаъолияти илмии Т.Назаров ба ҳисоб мераванд.

Дар ҳамин давра доираи фаъолияти илмии академик Т. Назаров хеле васеътар мегардад. Дар як муддати кутоҳ ба ӯ муяссар шуд, ки мактаби илмии бунёднамудаашро боз ҳам мустаҳкамтару васеътар намуда, ба мутахассиси беҳтарин оид ба масъалаҳои молия, қарз ва иқтисодиёти минтақавӣ мубаддал

гардад. Дарки моҳияти равандҳои иқтисодӣ, далелҳо ва қобилияти пешгӯйи намудани тамоюлҳои амиқи иттилооти баҳисобгирӣ ва омор, мушкилиҳои мураккаб ва тағйиротҳои кӯлии он даврон мусоидат кард, ки ӯ хеле барвақт ба як иқтисодшиноси баландихтисос ва олими ислоҳотгару навовар табдил ёбад.

Дар солҳои аввал, натиҷаи таҳқиқоти бунёдии ӯ оид ба ҷанбаҳои гуногуни назарияи ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ на танҳо дар сатҳи Тоҷикистон, балки дар дигар ҷумҳуриҳои минтақаи Осиёи Марказӣ вокуниши бузургеро ба амал овард. Дар ҳамин давра, рисолаҳои таҳқиқотии ӯ ҳамчун сарчашмаҳо ва заминаҳои бунёдии илми иқтисоди Тоҷикистон ва умуман ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Далели ин гуфтаҳоро мо метавонем дар таҳқиқоти монографии ӯ, ба монанди «Ислоҳоти хоҷагӣ ва масъалаҳои пурсамар гардонидани истеҳсолот» (1971), «Масоили ҳавасмандгардонии иқтисодӣ дар саноат» (1972), «Ҳавасмандгардонии иқтисодии прогресси илмӣ-техникӣ дар саноат» (1974), «Прогресси техникӣ ва самаранокии иқтисодӣ» (1977) ва «Усулҳои молиявию қарзии баланд бардоштани самаранокии сармоягузориҳо» (1982) ва ғайраҳоро номбар намоем, ки таҳаввулоти зеҳниро дар миёни олимони соҳаи иҷтисод ба вуҷуд оварда, бисёр олимони марказҳои илмии Шуравӣ ва хориҷии кишварро водор кард, ки ба нақш ва ҷойгоҳи ҷумҳуриҳои умумииттифоқӣ дар тақсимоти умумии меҳнат назари худро тағйир диҳанд.

Тавре академик Нуриддин Қаюмов дар як мақолааш ёдовар шудааст, ки «солҳои 60 ва 70-уми асри XX пажуҳишҳои бунёдии устод Т. Назаров таваҷҷуҳи олимони намоёни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва берун аз онро ҷалб намуд». Инчунин, ӯ пажуҳишҳои Т. Назаровро дар масоили ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва пешравии илмӣ-техникӣ дар минтақа махсус зикр менамояд, зеро ақида ва пешниҳодҳои ӯ бозёфти нав дар илм буданд [90, с. 1].

Монография ва мақолаҳои зиёде, ки академик Талбак Назаров дар ин солҳо нашр карда буд, на танҳо сазовори баҳои баланди мутахассисони соҳаи илми иқтисод гардиданд, балки фавран ва беихтиёр дар амал ҷорӣ карда шуданд [95, с. 3]. Масалан, мушкилоте, ки аввали солҳои ҳаштодум ҳамаро ба

ташвиш оварда буд, ин ҳаҷми хеле калони сохтмони нотамом дар ҷумҳурӣ ба шумор мерафт: дар як ҷумҳурии хурд ин норасоӣ маблағи қариб 700 млн сумро ташкил медод. Талбак Назаров роҳи ҳалли ин муамморо дар корҳои зиёди илмияш, дақиқан таҳлил намуда, бо ҳамин тариқ ба инкишофи тозаи сохтмон дар охири солҳои ҳаштодум саҳми арзандаи худро гузоштааст [26, с. 47].

Талбак Назаров дар ҳамин давра ба як олими ислоҳотгаре табдил меёбад, ки дар рушди афкори иқтисодии давраи шуравӣ, дар рушди назария ва амалияи иқтисодиёти давраи гузариши Тоҷикистони ҳам даврони шуравӣ ва ҳам муосир бо фаъолияти тӯлонии эҷодии худ фарқ мекунад. Масалан, дар солҳои 70-уми асри гузашта силсилаи таҳқиқоти ӯ оид ба ҳавасмандгардонии моддии пешрафти илмӣ-техникӣ дар ҷомеаи онвақтаи Тоҷикистон як навоварии илмӣ ба ҳисоб мерафт. Дар дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ва умумииттифоқӣ ин гуна таҳқиқот дертар оғоз ёфтанд. Аз ин рӯ, бо сабабҳои асоснок Т. Назаровро бунёдгузор ва ташкилкунандаи самти нав дар илми иқтисодии минтақавӣ номидан мумкин аст. Зеро ӯ шаклҳои зуҳурёбии қонунҳои умумии назарияи молия ва ҳавасмандгардонии иқтисодиро дар сатҳи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ҳамчун як ҷузъи табии организми ягона омӯхтааст.

Баъд аз оне, ки дар солҳои ректории Бобоҷонов Пӯлод Бобоҷонович дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (солҳои 1971-1982) факултети иқтисодӣ таъсис ёфт [150], вазифаи декании факултети мазкурро дар солҳои 1973-1980 Талбак Назарович Назаров ба уҳда гирифтанд [28, с. 63].

Дар вақти вазифаи деканиро иҷро карданаш Т.Н. Назаров кӯшиши зиёде ба харҷ дод, то барои хоҷагии халқи Тоҷикистон мутахассисони баландихтисоси иқтисодчиро тарбия намояд. Профессор Т.Н. Назаров, инчунин, ба интизоми меҳнат, кори тарбиявии байни донишҷӯён, чопи маводҳои дарсӣ диққати зиёд медод [28, с. 63-64].

15 марти соли 1976 бо фармони Президиуми Шурои Олии ИҶШС ба Талбак Назаров ҷоизаи давлатии ИҶШС ордени «Нишони фахрӣ» таҳти №1244633 дода шудааст [3].

Аз соли 1975 то соли 1980 аъзои Кумитаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар ноҳияи Роҳи оҳан буд.

Соли 1978 Талбак Назаров бо Ифтихорномаи фахрии Кумитаи Марказии Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони умумииттифоқ қадрдонӣ шудааст.

Соли 1979 Талбак Назаров барои хизматҳои беназир дар соҳаи маълумоти олии ИҶШС бо нишони сарисинагии «Барои муваффақиятҳои беназир дар фаъолияти корӣ» аз ҷониби Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС бо розигии раиси Иттифоқи касабаи кормандони таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси ИҶШС қадрдонӣ карда мешавад [3].

Инчунин, соли 1980 Т. Назаров аз ҷониби Кумитаи Ҳизби Коммунистии вилояти Закарпатияи Украина бо Ифтихорнома мукофотонида мешавад.

Ҳамин тавр, қадамҳои ҷиддии аввалини худро дар ҳаёт Талбак Назаров ҳамчун олим ва педагог гузошт. Фаъолияти худро ба сифати муҳаққиқи масъулиятшинос ва пурҷустуҷӯ оғоз карда, қадам ба қадам ба қуллаҳои баланд расида, оҳиста – оҳиста фазоҳои нави илмиро кушод.

Зеро, имрӯз вақте сухан дар бораи илми иқтисодии ҷумҳуриамон дар марҳилаи хеле нозуки гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ меравад, қабл аз ҳама ба забон номи олими намоён, ходими давлативу сиёсӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Т. Назаров меояд. Чунки ӯ ба насли олимоне мутаалиқ аст, ки мактаби воқеии илмӣ, хоксорӣ, одамият ва дурандеширо гузоштааст. Чуноне Н. Салимов ва К. Олимов – академикҳои АМИТ дар як мақолаашон қайд намудаанд, ки мактаби илмии академики тоҷик, ки аслан зодаи низоми давлатдории шуравӣ буда, яке аз шохаҳои илми тоҷикро баъд аз карахтиҳои ҳазорсолаи гирифтори таассуби динию хурофотӣ ба шоҳроҳи ҷаҳонбинии илмӣ, методологияи нави таҳқиқӣ ва мактабҳои муосири илмии ҷаҳонӣ ворид сохт [31, с. 10]. Ҳоло ҳар як китоби академик Талбак Назаров аз ҷумлаи китобҳои рӯимизии иқтисодшиносон, роҳбарони бахшҳои хоҷагидорӣ, устодону донишҷӯёни факултетҳои иқтисодӣ ва умуман дигар алоқамандон мебошад [30, с. 14].

Ҳамин тавр, устод Т. Назаров бо заковату хирадмандӣ, ватанпарастию миллатдӯстӣ, хислатҳои неку шоиста, хоксорию воқеъбинӣ ва ҳақиқатгӯӣ тавонист дар овони ҷавонӣ ба як шахсияти барҷастаи илмию сиёсӣ табдил ёбад.

Дар асоси таҳлилҳои дар боло вобаста ба солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров кардаамон, мо ба хулосаҳои зерин омада метавонем:

1. Ҳаёт ва фаъолияти Т. Назаров дар солҳои ҷавонияш ба замоне рост омад, ки пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷаҳон нав аз вартаи нобудшавӣ наҷот ёфта, насли он давра барои барқарор кардани зиндагии шоиста заҳмат мекашиданд. Кӯдакии устод низ ба мушкилӣ сипарӣ шуда, дар хурдсолӣ аз падару модар ятим мондааст. Ба ин нигоҳ накарда, дар мактабу омӯзишгоҳ бо баҳои аъло таҳсил намуда, баъди хатм баҳри рушду нумуи шахсияти хеш ва хизмат ба Ватану миллати худ дар синни навҷавонӣ барои гирифтани маълумоти олӣ ба хориҷ аз Тоҷикистон рафт.

2. Новобаста аз он, ки дар он давра берун аз Ватан таҳсил кардан барои ӯ душвор буд, бо саъю талошҳои зиёд тавонист аввал рисолаи номзадӣ, баъдан таҳқиқоти докториро анҷом ва ҳимоя намуд. Ӯ сипас ба Тоҷикистон баргашта, дар рушди илм ва тайёр кардани мутахассисон барои хоҷагии халқ саҳми беандозаи худро гузошта, тавонист соҳаҳои иқтисоди миллиро баъди карахтии тӯлонӣ аз нав ба мактабҳои муосири илмии ҷаҳонӣ ворид созад.

3. Талбак Назаров тавонист дар овони ҷавонӣ ба як олими ислоҳотгару нововар табдил ёфта, дар як муддати кутоҳ мактаби илмии худро бунёд намуда, ба мутахассиси беҳтарини масъалаҳои молия, қарз ва иқтисодиёти минтақавӣ мубаддал гардад. Натиҷаи таҳқиқоти бунёдии ӯ оид ба ҷанбаҳои гуногуни назарияи ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ дар илми иқтисодии минтақавии даврони шуравӣ ҳамчун самти нав вокуниши бузургеро ба амал оварда, дар таҳияи масъалаҳои назария, методология ва амалияи рушди иқтисодии Тоҷикистон ва умуман ҷумҳуриҳои иттифоқӣ саҳми калон гузоштааст.

## 1.2. Ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ

Чи тавре ки Д.И. Менделеев гуфта буд: «Хидматгузорӣ ба илм дар шахс хоксориеро, ки бо суботкорӣ тавъам аст, тарбия намуда, аз кибру ғурур ва андешаҳои ғалат, ки ӯро пойбанд намудаанд, барҳазар медорад» [26, с. 25]. Ҳаёти дурахшони Талбак Назаров ба ин гуфтаҳо комилан мувофиқат мекунад. Зеро, устод қариб тамоми солҳои ҷавонияшро ба илм бахшида, то ба ҳол дар рушди он саҳми худро гузошта истодааст.

Дар баробари фаъолияти босамари педагогиву илмӣ Талбак Назаров дар тарбияи як зумра олимони соҳаи иқтисод саҳм гирифтааст. Зери роҳбарӣ ва роҳнамоии ӯ чандин нафар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ кардаанд.

Доктори илмҳои иқтисодӣ Фозил Обидов – яке аз шогирдони академик Т. Назаров мегӯяд, ки устод ҳамеша муаллимони ҷавону боистеъдодро ташвиқу тарғиб мекард, ки ҳатман кори илмӣ кунанд. Инчунин, Ф. Обидов мегӯяд, ки ӯ на танҳо даврони аспирантиву докторантӣ, балки то ҳол аз маслиҳатҳои академик Т. Назаров баҳра мебарад, зеро ӯ аз таҷрибаи бузурги зиндагӣ ва илмӣ бархӯрдор мебошад [90, с. 1].

Баъд аз душвориҳои овони кӯдакӣ ва солҳои ҷавонӣ академик Талбак Назаров дар баробари машғул шудан ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оҳиста-оҳиста ба ҳаёти сиёсии кишвар низ ворид шудан гирифт. Дар тӯли чанд соле, ки академик Т. Назаров вазифаи декани факултети иқтисоди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро иҷро мекард, ӯ худро ҳамчун ташкилотчии моҳири соҳаи илм муаррифӣ кард. Инро ба назар гирифта, соли 1980 ӯро роҳбари яке аз марказҳои муҳими пажуҳишӣ – Шурои таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд АИҶТ) таъин карданд [91, с. 8].

Бояд қайд кард, ки кормандони Шурои мазкур дар баробари анҷом додани корҳои илмӣ, ҳамчунин, ҳуҷҷатҳои муҳимро барои ҳукумати ҶШС Тоҷикистон таҳия мекарданд. Профессор Х. Муҳаббатов, ки дар ин ниҳоди илмӣ зери роҳбарии Т. Назаров кор кардааст, мегӯяд, ки устод барои аз ҷиҳати

илмӣ таҳлил намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии нақшаҳои панҷсолаи тараққиёти хоҷагии халқи Тоҷикистон саҳми ниҳоят бузург гузоштааст [123].

Академик Т. Назаров ҳамчунин барои тарбияи як зумра ҷавонони боистеъдод ҳангоми фаъолияти худ дар Шурои таҳқиқоти қувваҳои истеҳсолӣ (солҳои 1980-1982) корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Аз ҷумла, бо тавсия ва дастгирии бевоситаи устод чандин олимони варзидаи тоҷик, докторони илм ба монанди Рустам Мирзоев, Назаралӣ Хоналиев, Геннадий Козлов, Рустам Раҷаббеков, Холназар Муҳаббатов ва ғайраҳо ба воя расидаанд.

Чи тавре ки дар боло ишора шуд, Талбак Назаров дар замони деканӣ роҳбари кордон буданашонро исбот карда буд. Маҳз дар ҳамин давра ӯро вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб карда буданд, ки аз соли 1980 то соли 1990 ҳамчун вакили Шурои мазкур фаъолият намуд [31, с. 64].

Соли 1981 Талбак Назаров бо дарназардошти дастовардҳои бузурги илмӣ ва тарбияи шогирдони зиёд узви вобастаи АИҶТ интихоб мегардад [95, с. 3].

Соли 1982 дастовардҳои илмӣ ва қобилияти роҳбарии Талбак Назаровро ба назар гирифта, ӯро ба вазифаи ректори бонуфузтарин маркази илмӣ ва омодакунии кадрҳо дар кишвар – ДДТ ба номи В.И. Ленин таъин мекунанд, ки ин вазифаи пурмасъулиятро то соли 1988 бар ухда мегирад.

Устод панҷумин ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳозира ДМТ) ба ҳисоб рафта, зери сарварии ӯ донишгоҳ дар самтҳои мухталифи фаъолият ба комёбиҳои назаррас соҳиб шуд.

Бояд қайд намуд, ки профессор Т.Н. Назаров барои коллективи донишгоҳ бегона набуд. Эшон баъд аз хатми Институт соли 1960 фаъолияти меҳнатии худро дар факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон аз вазифаи ассистент сар карда, то мудири кафедраи молия ва кредит, ҷонишини декан, декан ва проректори шуъбаи шабонаи донишгоҳ сабзида расидааст. Солҳои 80-уми асри XX дар ҷаҳони сотсиалистӣ, дар Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла, дар Тоҷикистон замони тағйирёбандаву пуртазод буд. Моҳи апрели соли 1985 дар кишвар марҳалаи наве бо номи «бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ» оғоз ёфт. Он мутобиқи замон мақсад дошт, ки тамоми камбудиҳои мавҷударо решакан кунад. Вале

оқибати он барои халқҳои шуравӣ, аз ҷумла тоҷикон низ басо вазнин буд. Фаъолияти ректории Т.Н. Назаров дар арафаи чунин давра оғоз ёфта, марҳалаи «бозсозӣ»-ро ҳам то августи соли 1988 дар бар мегирад [150].

Дар ин давра дар тамоми сохтори донишгоҳу факултетҳо ва кафедраҳо тағйирот ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, соли 1982 дар заминаи факултети молиявию баҳисобгирӣ факултети молиявию иқтисодӣ ташкил карда шуд. Чунин тағйирот дар кафедраҳои умимидонишгоҳӣ низ ба вуқӯъ пайваст. Ҳамзамон, дар ҳайати факултетҳо низ кафедраҳои нав бунёд ёфта, баъзе кафедраҳо тақсим карда шуданд [150].

Академик Т.Н. Назаров чун шахси интернатсионалист ба сарварии кафедраҳо ва факултетҳо на танҳо кадрҳоро аз ноҳияҳои гуногун, балки мутахассисони миллатҳои гуногунро низ ҷалб менамуд. Бояд гуфт, ки дар солҳои сарвари донишгоҳ будан ба масъалаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ-педагогӣ аз байни занон низ диққати зиёд дода мешуд. Олимазанҳо сарварони факултетҳо ва кафедраҳои донишгоҳ интихоб карда мешуданд [28, с. 64].

Инчунин, дар ин давра донишгоҳ ба буҳрони шадиди маънавӣ-иқтисодӣ дучор гардида буд. Аз рӯзи аввал профессор Т. Назаров ба ислоҳоти таълиму тарбия даст зад. Ӯ дар асоси таҷрибаи донишгоҳҳои Москва, Ленинград, Новосибирск раванди таълим ва тарбияро мувофиқи тақозои замон ба роҳ монд. Талбак Назаров то андозае ба тайёр кардани оммавии мутахассисон бе назардошти талаботи истеҳсолот хотима гузошт. Чунки, маъмулан он солҳо аксари мардум ба факултетҳои иқтисодӣ ва шарқшиносии ДДТ ҳуҷҷат месупориданд. Аммо истеҳсолот ва соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ ба мутахассисони геология, заминшиносӣ ва молияи байналмилалӣ ниёз дошт [89, с. 4].

То ҳол ҳамагон Талбак Назаровро аз муваффақтарин роҳбарони донишгоҳ арзёбӣ мекунанд. Маҳз дар замони ректории ӯ чандин корпусҳои нав дар маҳаллаи «Буни Ҳисорак» ба истифода дода шуд ва маҳалли маъруфи «ҷазира» бунёд шуд, ки имрӯз «Шаҳраки донишҷӯён» ном дорад. Илова бар ин, маҳз дар ҳамин давра чандин шуъбаҳои нав дар донишгоҳ ифтитоҳ ёфта, теъдоди Шуроҳои диссертатсионӣ зиёд карда шуд. Шумораи ҳимояи

рисолаҳои номзадиву докторӣ, нашри мақолаву монография ва китобу дастурҳои таълимӣ ба маротиб афзуд [134].

Дар воқеъ, фаъолияти корию заҳматҳои кашидаи академик Т. Назаров дар соҳаи илму маориф, махсусан, баланд бардоштани обрӯю нуфузи ДМТ ниҳоят назаррас мебошад. Зеро, дар даврони ректории ӯ устодону кормандони донишгоҳи мазкур барои таълим ва тарбияи кадрҳои баландихтисос ба дигар донишгоҳҳо ёрӣ мерасониданд. Масалан, профессор Равшан Раҳмонӣ дар як мақолааш ҳикоят мекунад, ки «Соли 1981 ман дар ДДТ ба ҳайси мудири кабинети Методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ифои вазифа мекардам. Моҳи марти ҳамон сол маро ҳамчун тарҷумон ба Донишгоҳи Кобул фиристоданд. Дар он солҳо чанд донишгоҳи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба Донишгоҳи Кобул барои таълим ва тарбияи кадрҳо ёрӣ мерасониданд. Солҳои 1982-1988, ки устод Талбак Назаров ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буданд, гоҳ-гоҳ ба Донишгоҳи Кобул меомаданд, аз шароити устодон хабар мегирифтанд, барои беҳтар анҷом додани вазифа ба мо машварат медоданд ва тақозо менамуданд, ки дар кори худ ҷиддӣ ва бомасъулият бошем» [102, с. 13].

Ҳамзамон, аз назари эшон донишҷӯён низ дар канор намонданд. Бо ташаббуси Т. Назаров барои донишҷӯён як табобатхона сохта шуд ва санатория-профилакторияи «Шифо», ки бо таҷҳизоти пешрафта муҷаҳҳаз буд, дар маҳаллаи 63-юми пойтахт ба фаъолият шуруъ кард. Иқдоми дигар, ки дар ёди донишҷӯёни он замон мондааст, ифтитоҳи лагери варзишӣ-тандурустии назди донишгоҳ – «Ҷавонӣ» аст, зеро ҳар тобистон садҳо донишҷӯ дар он истироҳат мекарданд. Ҳамчунин, бо супориши ӯ дар биноҳои таълимии ДДТ чойхона, нонвойхона ва ошхонаҳо сохта шуданд [122].

Дар шабакаи пазириши донишҷӯён ва хатми онҳо низ дигаргуниҳои назаррас ба вуқуъ пайвастанд. Хусусан, иқдоми Талбак Назаров дар мавриди таҷрибаомӯзии кадрҳо дар Москва, Киев ва Тошканд ба пешравии илм ва таълим мусоидат намуд [89, с. 4].

Донишҷӯён дар баробари дар мактабҳо, корхонаҳо ва муассисаҳои давлатии ҷумҳурӣ таҷриба гузаштанашон, инчунин, дар осорхонаву бойгониҳои

маҳаллӣ ва давлатӣ кор мекарданд. Махсусан, ба таҷрибаомӯзиҳои бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ дар ноҳияҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр донишҷӯёнро ҷалб менамуданд. Вале ба донишҷӯён беш аз ҳама таҷрибаомӯзии сайёҳӣ маъқул буд, зеро онҳо имконият доштанд, ки на танҳо ба шаҳрҳои қадимии Осиёи Миёна: Бухоро, Самарқанд, Панҷакент, Хоразм, балки ба шаҳрҳои Россия: Москва, Ленинград, Псков, Новгород ва ҷумҳуриҳои назди Балтика: Эстония, Литва ва Латвия шинос гардиданд [28, с. 65].

Дар баробари ин вазифаи пурмасъулият ва давраи пур аз тазодҳову мушкилиҳои замон Т. Назаров як масъулияти дигари бузург – раиси Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҶШС Тоҷикистонро низ аз соли 1983 то соли 1988 ба зимма дошт [30, с. 6]. Ҳамзамон, дар ин давра устод солҳои 1982-1988 узви Кумитаи давлатии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон [24, с. 340], солҳои 1983-1988 аъзои Кумитаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, солҳои 1986-1991 аъзои КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон [31, с. 65] ва аз 29 марти соли 1985 то 18 ноябри соли 1988 раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон [119] буд.

Дар ин давра устод Т. Назаров барои фаъолияти пурсамару воқеъбинонааш ба як қатор медалу ифтихорнома қадрдонӣ карда мешавад. Аз ҷумла, соли 1985 бо Ифтихорномаи фахрии Комитети Марказии Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонони Тоҷикистон ва Ифтихорномаи фахрии Кумитаи ҳифзи сулҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1986 бо медали ба номи академик С.И. Вавилов (Москва) ва соли 1987 бо медали «70-солагии барқарорсозии истиқлолият»-и ҳукумати Афғонистон қадрдонӣ шудааст [29, с. 58]. Илова бар ин, бо Фармони Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 09 марти соли 1988 ба Талбак Назаров барои хизматҳояшон дар соҳаи илми иқтисодиёт ва тайёр кардани мутахассисон барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ унвони фахрии «Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон» дода мешавад [3].

Ҳамин тавр, ректори ДДТ Талбак Назаров дар таърихи ин донишгоҳ нақши назаррасе гузоштааст. Солҳои ректории ӯ солҳои мустаҳкам шудани

интизоми меҳнат, зиёд шудани номзаду докторони илм, васеъ шудани робитаҳои илмии донишгоҳ бо дигар мактабҳои оливу муассисаҳои илмӣ, беҳтару хубтар шудани раванди тайёр намудани кадрҳои баландихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва давлатҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Барои хизматҳои ҳамаҷонибаи худ дар назди ДДТ ва коллективи он эшон ба унвонҳои баланди илмӣ, омӯзгорӣ ва давлатӣ сазовор гардидааст.

Замони ректории академик Талбак Назаровро имрӯз ҳам устодони калонсоли донишгоҳ ва дигар шахсиятҳои барҷастаи тоҷикистонӣ ба некӣ ёд мекунанд ва ӯро аз пуркортарин роҳбарон медонанд. Масалан, Фарҳод Раҳимӣ – Президенти АМИТ ҳангоми ҷашн гирифтани 70-солагии ДМТ дар суханрониаш чунин гуфта буд: «Боиси ифтихори олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки роҳбарии донишгоҳи мазкурро дар солҳои гуногуни фаъолияташ олимони машҳур, аз ҷумла академик ...Талбак Назаров... ба зимма дошта, дар пешрафти он саҳми арзандаи худро гузоштанд» [109].

Ҳамзамон, М. Имомзода яке аз собиқ ректорони донишгоҳ давраи ректории Талбак Назаровро чунин баҳогузорӣ мекунад: «Метавон гуфт, ки яке аз саҳифаҳои заррини Донишгоҳ дар замони то истиқлолият ба давраи ректории устод Талбак Назарович рост меояд. Дар замони ректории ӯ факултетҳои наву тахассусҳои ба талаботи рӯз ҷавобгӯй кушода шуданд. Шумораҳои Шуроҳои ҳимояи корҳои илмӣ афзуда, микдори унвондорон ба маротиб боло рафт. Донишгоҳ дар баробари мактаби тарбияи кадрҳо будан, ба маркази бузурги илмиву таҳқиқотӣ табдил ёфт. Дар донишгоҳ дар баробари донишҷӯёни ватанӣ шаҳрвандони хориҷӣ аз даҳҳо кишварҳои олам ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Сатҳи таълиму тарбия боло рафтаву донишгоҳ дар асоси нишондодҳои илмиву таълимӣ ба қатори донишгоҳҳои пешсафи шуравӣ ворид гардид. Ин ҳама ба маҳорати созмондеҳӣ ва маърифати баланди роҳбарии Талбак Назарович иртибот дошт» [65, с. 208].

Баъд аз муваффақиятҳои пайдарпайи Т.Н. Назаров роҳбарияти ҳизбиву давлатии Тоҷикистон зарур донистанд, ки ӯро ба вазифаи масъулноктари давлатӣ пешбарӣ намуда, ба сиёсати бузург ворид созанд.

Чӣ тавре дар боло ишора шуд, Талбак Назаров шуруъ аз соли 1980 вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб шуда буд. Яъне ин маънои онро дошт, ки ӯ аллакай дар гирдоби сиёсат шиноварӣ мекард.

Соли 1988 устод Т. Назаров бо фармони Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 майи соли 1988 таҳти №1075 вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон таъин карда шуд [13, с. 21]. Бояд қайд кард, ки мақомоти мазкур дар он давра яке аз сохторҳои асоситарини собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳисобида мешуд.

Талбак Назаров вақте вазир таъин шуданд, ки Вазорати маориф дар заминаи 3 сохтор – Вазорати маорифи халқ, Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, Кумитаи давлатии маълумоти касбию техникӣ таъсис ёфт. Талбак Назарович корҳои ташкилии Вазорати маорифро дар мувофиқа бо собиқадорон ва масъулини соҳа хеле хуб ба роҳ монданд [64, с. 208].

Инчунин, дар баробари дар мансаби вазирӣ қарор доштанаш, Талбак Назаров солҳои 1989-1990 узви Кумитаи давлатии маорифи халқи ИҶШС [30, с. 6] ва аз 26 марти соли 1989 то 26 декабри соли 1991 вакили халқии ИҶШС [115] низ буд.

Дар замони фурупошии ИҶШС Талбак Назаров ҳангоми вазири маорифи ҷумҳурӣ ва узви Кумитаи давлатии маорифи халқи ИҶШС буданаш, дар фаъолияти худ ба рушд ва такмили низомҳои таҳсилоти миёнаи махсус ва олӣ диққати зиёд медод. Ҳамзамон, ӯ чунин мешуморад, ки маҳз сиёсати мақсадноки давлатӣ дар ин соҳа барои ташаккули эҷодкорони ҷомеаи оянда, яъне ҷавонон пешбинӣ шудааст. Ӯ ғояи заруриро дар таҳия ва татбиқи як консепсияи ягонае, ки ҷойгоҳ ва нақши ҷавононро дар кишвар муайян мекунад, консепсияе, ки бо қарорҳои молиявӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ дастгирӣ бояд карда шавад, баён кард.

Масалан, Т. Назаров ҳангоми гузориши худ дар Пленуми муштараки КМ Ҳизби Коммунистӣ ва КМ ЛКСМ (ИЛКҶ – Иттифоқи ленинии коммунистии ҷавонон)-и Тоҷикистон вобаста ба масъалаи мазкур чунин қайд карда буд: «Айни замон мо консепсияи маълумоти умумии миёна дорем, консепсияи маълумоти

олӣ ва миёнаи махсус дар арафаи тасдиқ аст. Аммо то ҳол дар ҷумҳурӣ консепсияи ягонаи муайянкунандаи мавқеи ҷавонон дар ҷомеа вуҷуд надорад. Эҳтимол вақти таҳияи чунин консепсия расида, муҳим аст, ки он ба тадбирҳои молиявию иқтисодӣ тақвият дода шавад. Ба ҳамин андоза дар оянда қонуни ҷумҳуриявӣ дар бораи ҷавонон низ зарур аст» [107, с. 1]. Инчунин, Т. Назаров чунин мешуморид, ки мушкилоти ҷавонон бо мушкилоти афзоиши истифодаи неруи ҷомеа зич алоқаманд аст. Сарфи назар кардани онҳо метавонад ба таназзули принсипҳои ахлоқӣ оварда расонад, ки оқибатҳои манфии пешгӯинашавандаро ба бор меорад. Рафтори ҷавонон ва сатҳи ҷиноятҳое, ки онҳо содир мекунанд, бештар аз сифати таълим ва тарбия вобаста аст.

Дар ин робита, ба ақидаи Талбак Назаров, маблағгузории соҳаи маориф хеле муҳим мебошад. Ҳамчун мутахассиси варзида дар соҳаи муносибатҳои молиявию қарзӣ, ӯ устуворона андешаи худро дар бораи афзалиятнокӣ ва тақдирсоз будани таҳсилот барои ҷомеа ҳимоя карда, зарурати рафъи принсипи маблағгузории боқимондаи таълимро тарафдорӣ намуд. Ҳамзамон, Талбак Назаров зимни суханронӣ дар матбуоти марказӣ таъкид кард, ки дар низоми маориф – ин самти муҳим вазъи манфӣ дар ҳавасмандгардонии меҳнати омӯзгорон ба вуҷуд омадааст [31, с. 53].

Барои ҳамаи ин саъю талошҳояш ба хотири пешрафти соҳаи маориф устод Талбак Назаров соли 1990 бо Ифтихорномаи Кумитаи давлатии маорифи халқи ИҶШС қадрдонӣ карда мешавад.

Талбак Назаров дар вазифаи вазири маорифи халқии ҶШС Тоҷикистон тӯли ду сол хеле пурсамар кор кард ва нақшаҳои зиёде барои пешбурд ва инкишофи ин соҳа дошт, аммо соли 1990 ӯро зуд аз вазифа гирифта, муовини якуми раиси Шурои Вазирон ва раиси Кумитаи банақшагирии давлатии (Госплан) ҶШС Тоҷикистон таъин мекунанд. Устод Т. Назаров дар ин вазифаҳои пурмасъулият то соли 1991 кору фаъолият менамояд.

Шуруъ аз ибтидои солҳои 90-уми асри XX вазъи сиёсии кишвар рӯ ба инқироз ниҳода, кор кардан ниҳоят душвор мегардад. Дар ҳамин давра, дар асоси Оинномаи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон 19 январи соли 1991

олимони тоҷик Т. Назаровро якдилона ба узвияти ҳақиқи (академик)-и Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон қабул намуданд.

Инчунин, бо қарори маҷлиси умумии Академия аз 11 августи соли 1992 (протоколи №1) Талбак Назаровро ба узвияти ҳақиқии Академияи байналмилалии илмҳои макотиби олӣ низ қабул мекунанд [3]. Аз ин рӯ, Талбак Назаров қарор медиҳад, ки аз фазои сиёсии кишвар каме дур шуда, танҳо ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул шавад.

Академик М. Имомзода ин амали устодро чунин баҳогузорӣ кардаанд: «Азбаски Талбак Назарович тарбияи маънавӣ ва маърифати сиёсии баланд доштанд, нахостанд ба «каҷдорумарезҳо»-и рӯзгори ибтидои солҳои 90-ум ҳамроҳ бошанд ва боз ба илму боргоҳи илм – Академияи илмҳо рӯ оварданд. Дар ин рӯзгор ҳам аз принсипҳои худ – Ҳақиқату Адолат кор гирифтанд…» [65, с. 209].

Ҳамин тавр, соли 1991 Т. Назаровро ноиби президенти АИҶТ интихоб мекунанд, ки дар ин вазифаи пурмасъулият то соли 1994 фаъолият менамояд. Дар ин бобат худи Т. Назаров чунин мегӯяд: «Росташро гӯям, дар чунин вазъият дигар нияти кор кардан дар вазифаҳои роҳбариро надоштам. Бинобар ин қарор додам, ки дар Академияи улум фаъолиятамро идома диҳам, зеро дар он давра ман аллакай унвони академикӣ доштам. Ҳамин тавр ҳам кардам. Маро ба вазифаи ноиби президенти академияи илмҳо интихоб карданд» [134].

Ҳамзамон, Талбак Назаров солҳои 1991-1992 аъзои Комиссияи экспертӣ оид ба ихтисосҳои иқтисодии Комиссияи олии аттестатсионии назди Шурои Вазирони ИҶШС буд. Аз соли 1991 то имрӯз аъзои Президиуми АМИТ мебошад. Дар баробари ин, соли 1993 Президенти Раёсати Ассотсиатсияи Тоҷикистон оид ба мусоидат ба ҳамкорӣ ва пешрафти халқҳои Осиёи Марказӣ интихоб шудааст [30, с. 6-7].

Дар ҳамин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуда, як қатор шаҳрвандони кишвар, алалхусус зиёиёне, ки мактаби илмии россиягиро гузашта буданд, ба хотири ҳифзи ҷони худ рӯ ба гурез ниҳоданд. Аммо Талбак Назаров ҳамчун шахси ватандӯсту вафодори Ватани худ мавқеашро ба хотири манфиатҳои шахсии худ тағйир надод.

Баръакс, агар дигарон барои молу мулк ва ҳифзи ҷонашон талош мекарданд, пас ӯ дар ин давра аз вазъи кунунии илм шадидан нигарон буд. Устод пеш аз ҳама дар аз даст додани обрӯю эътибори мутахассисон-олимон, фирори онҳо ё берун рафтан аз кишвар ва ё ба ҳар гуна сохторҳои тиҷоратии музднок ҷалб шуданашон нигарон буд. Дар натиҷа, ин ба коҳиши таҳқиқоти бунёдии илмӣ, яъне ба вазъи амалан сарбаста дар рушди илм оварда расонид.

Барои бартараф кардани ҳамаи ин мушкилиҳо Талбак Назаров кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ дода, дуруст мешуморад, ки хароҷоти илм ва таълим бояд ба талаботи иқтисоди бозорӣ мувофиқ карда шаванд.

Талбак Назаров дар суханрониҳои оммавӣ ва матбуотӣ бемайлон густариш ва таҳкими робитаҳои илмӣ, маърифатӣ ва ғайра бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳониро тарафдорӣ мекунад. Чунки, ба ақидаи ӯ ин ягона роҳи рафъи бухрони низомии ҳаёти ҷомеа, суръат бахшидани раванди ислоҳоти демократӣ ва бозорӣ мебошад [31, с. 54].

Талбак Назаров дар он солҳо ҳамчун яке аз роҳбарони АИҶТ пеш аз ҳама ҷонибдори ҳифз ва рушди минбаъдаи робитаҳои илмӣ бо кишварҳои фазои пасошуравӣ мебошад. Ӯ зарурати тавсеа ва тақвияти ҳамкориҳои илмӣ ва техникии байни кишварҳои ИДМ-ро фаъолона тарафдорӣ мекунад, зеро худидоракунӣ дар заминаи миллӣ барои ҷомеа харобиовар аст. Ба гуфтаи Т.Назаров, пешрафт дар илми ватанӣ бо омӯзиши таҷриба ва дастовардҳои илмии кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ дар Аврупо, Осиё ва Амрико алоқамандии зич дорад. Ӯ барои барқарор ва густариши робитаҳо бо ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, ҳоло давлатҳои мустақил ва пеш аз ҳама - бо Федератсияи Россия, ки шарики боэътимоди Тоҷикистон, кафили сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, дар мавқеи махсус мегузорад [29, с. 41].

Ҳамин тавр, академик Т. Назаров ҳамчун ноиби президенти АИҶТ (1991-1994) [23, с. 375] барои таҳкими заминаи илмӣ ва таҷрибавӣ, ташаккул ва рушди бахшҳои асосии илмии академияи мазкур корҳои зиёдеро ба анҷом расонид.

Чи тавре ки қаблан қайд кардем, оғози солҳои 90-уми асри гузашта дар сиёсати ИҶШС тағйироти куллӣ ба амал омада, «Бозсозии Горбачёвӣ» ба парокандашавии ин давлати абарқудрат оварда расонд ва Тоҷикистон низ истиқлоли хешро эълон кард. Аммо дере нагузашта Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Нахустпрезидент Қ.Маҳкамов ва баъдан Р. Набиев ба таври маҷбурӣ ба истеъфо рафтанд. Мардум истеъфои кормандони ҳукуматро талаб мекарданд. Дар баробари ин, вазъ дар ҷумҳурӣ ниҳоят муташанниҷ гардида буд [98, с. 9].

Моҳи ноябри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шурои Олии Тоҷикистон интихоб шуд ва зимоми ҳукуматро ба дасти худ гирифт. Дар ин давра дар ҳаёти Талбак Назаров, ки ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул буд, тағйироти куллӣ ба амал омад. Ба ӯ пешниҳод карданд, ки роҳбарии ситоди интихоботии онвақта Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмонро дар интихоботи президентии дарпешистода бар уҳда бигирад. Баъд аз гузаштани интихобот ва ғолиб гардидани Эмомалӣ Раҳмон дар интихоботи мазкур, академик Талбак Назаровро ба вазифаи роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунанд. Муаррихи даврони ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон Нуралӣ Давлат дар робита ба ин мегӯяд: «Соли 1994 ба Талбак Назаров пешниҳод карданд, ки роҳбарии ситоди Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмоновро дар интихоботи қарибулвуқӯи президентӣ ба уҳда бигирад. Сипас, дере нагузашта, пас аз интихобот Талбак Назаровро ба вазифаи роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент таъин карданд. Ин дар ҳаёти Талбак Назарович тағйироти куллӣ буд» [134]. Лекин дар ин мансаб ҳамагӣ наздики 1 моҳ кору фаъолият менамояд. Моҳи декабри соли 1994 ӯро аз ин мансаб озод карда, ба яке аз мансабҳои калидии давлатӣ - вазири корҳои хориҷӣ таъин мекунанд.

Чи гунае, ки худи устод қайд мекунад – «моҳи декабри соли 1994 маро ба мансаби роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуданд, ки дар он ҷо ман ҳамагӣ 28 рӯз фаъолият кардам. Пас аз он, моҳи январи соли оянда маро вазири корҳои хориҷӣ таъин карданд, ки 12 сол дар ин вазифа кор кардам» [137].

Дар ин давра барои кишвари Тоҷикистон, ки тоза истиқлол бадастоварда буду дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ месӯхт, аз фаъолияти роҳбари ин вазорат бисёр чизҳо, аз ҷумла, дар навбати аввал имиҷи сиёсии Ҳукумат вобастагии калон дошт. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ кор кардан дар садри Вазорати корҳои хориҷӣ кори саҳлу осон набуд. Роҳбари онро мебоист робитаҳои дипломатии кишварро, ки акнун ҳамчун субъекти мустақил дар муносибатҳои байналмилалӣ шинохта мешуд, бо кишварҳои ҷаҳон барқарор намояд. Аз ин рӯ, интихоби Т. Назаров дар ин мансаби калидии давлатӣ бисёр интихоби дақиқ ва бомуваффақият ба ҳисоб меравад. Чунки, устод то имрӯз аллакай таҷрибаи сиёсӣ доштанд. Масалан, солҳои 1986-1988 раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва солҳои 1989-1991 вакили Шурои Олии ИҶШС буданд.

Масалан, вобаста ба ин дар китоби «Многовекторная дипломатия Таджикистана» дар бораи ҳаёту фаъолияти устод дар ин давра чунин қайд гардидааст: «Роҳбари нави давлат, Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ислоҳоти конститутсионӣ ва сохтмони давлат аҳамияти аввалиндараҷа дода, ба дастаи худ кадрҳои болаёқат ва салоҳиятдорро даъват намуд. Яке аз чунин шахсиятҳо Талбак Назаров буд, ки дар таҳияи барномаи интихоботи президенти ояндаи Тоҷикистон ширкат варзида, сипас ситоди таблиғотии онро роҳбарӣ кард. Пас аз интихобот, Талбак Назаров Дастгоҳи иҷроияи Сарвари давлатро роҳбарӣ кард, аммо ба зудӣ вазири корҳои хориҷӣ таъин шуда, 12 сол дар ин вазифа кор кард. Ҳаёт нишон дод, ки дар ин ҳолат интихоби Президент хеле дақиқ ва муваффақ буд. Дар тӯли ин давра Талбак Назаров аз аввал то ба охир ба халқ ва Ватани худ содиқона ва фидокорона хидмат карда, дастурҳои Сарвари давлатро бо ҳисси масъулият ва касбияти баланд ба ҷо меовард» [27, с. 77].

Дар ҳақиқат будани Талбак Назаров барин шахсияти шинохта ва боэътибор дар ҳукумати навтаъсисёфта дар он давра бисёр муҳим ба ҳисоб мерафт. Нақши устод, махсусан дар мустаҳкам кардани пояҳои ҳукумати конститутсионӣ ва густариш ёфтани сиёсати Президенти навинтихобшуда Эмомалӣ Раҳмон, махсусан сиёсати сулҳсозонаи ӯ бисёр назаррас мебошад.

Дар замони дар вазорат кор карданаш, Т. Назаров заминаи моддию техникӣ ва иқтидори кадрии онро мустаҳкам кард. Шумораи намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа ба таври назаррас афзоиш ёфт ва аксари онҳо соҳиби биноҳои нав гардиданд [96]. Тоҷикистон тавонист равобити боэътимод ва босамарро бо бисёр кишварҳои ҷаҳон барқарор кунад ва аз ҷониби дигар, аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ даъват ба амал овард, ки на танҳо мушкилоти дохилии худ, балки муҳимтарин мушкилоти байналмилалӣ ҳал шаванд.

9 феврали соли 1995 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Талбак Назаров рутбаи дипломатии «Сафири Фавқулода ва Мухтор»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад [21, с. 30; 16].

Давраи аз ҳама муҳим ва назарраси вазирии Талбак Назаров ин бешубҳа раванди музокироти сулҳи тоҷикон мебошад. Чунки, соли 1996 Талбак Назаровро роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар МСТ таъин мекунанд. Ин давра барои мардуми тоҷик бисёр давраи ҳассос буд. Зеро дар ин замон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бuҳрони шадиди сиёсӣ рӯ ба рӯ шуд. Маҳз дар ҳамин давра баъзе аз қумандонҳои Фронти халқӣ алайҳи ҳукумати қонунӣ ошуб бардошта буданд. Дар баробари ин, неруҳои мухолифин низ рӯз аз рӯз пурқуват мешуданд. Дар ин ҳолат ҳузури Талбак Назаров барин сиёсатмадори зирак ва дурандеш дар паҳлуи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои ҳал кардани низои байни тоҷикон бо роҳи мусолиматомез нақши калон бозид.

Чунонки профессор Абдунабӣ Сатторзода, яке аз чеҳраҳои саршиноси Иттиҳоди мухолифини тоҷик солҳо баъд дар як маҳфили «Гуфтугӯи тамаддунҳо» иброз дошт, ки шахсияти роҳбари ҳайат дар музокироти миёни тоҷикон нақши муҳим мебозид. «Албатта, нисбат ба шахсияти Шукурҷон Зуҳуров, Абдумаҷид Достиев, Маҳмадсаид Убайдуллоев, ки дар давраҳои гуногун роҳбарии ҳайати ҳукуматиро ба дӯш доштанд, ҳурмату эҳтиром мавҷуд буд ва аз ҷониби онҳо кӯшишҳои зиёд ба кор бурда мешуданд, вале бо таъин шудани Талбак Назаров фазои музокироту мулоқоти ҷонибҳо дигар гашт, эътимоду боварӣ ба ҳамдигар ва баояндаи нек зиёд шуд» [123].

Худи академик Талбак Назаров вобаста ба даврони вазирӣ ва роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар раванди МСТ буданаш чунин мегӯяд: «Ба мо муяссар шуд, ки равобити Тоҷикистонро бо бисёр аз кишварҳои Шарқу Ғарб ба роҳ монем. Он давра барои кишвар ниҳоят душвор буд, зеро дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандӣ идома меёфт. Гумон мекунам, аз ҳама давраи душвори замони вазирии банда музокироти сулҳи тоҷикон миёни ҳукумати қонунӣ ва мухолифин буд. Хушбахтона миссияи ман дар ин вазифа бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар соли 1997 ба итмом расид» [132].

Бояд қайд намуд, ки дар давраи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон будани академик Талбак Назаров (аз 28.12.1994 то 30.11.2006 [118]) кишвари мо бо 39 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, аъзои 10 созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ гардид [51, с. 259-268].

Дар ҳамин давра Талбак Назаров ба хотири меҳнату фаъолияти софдилонаю фидокоронааш ба як қатор унвону ҷоизаҳои ватанию хориҷӣ қадрдонӣ мегардад. Масалан, соли 1997 бо медали нуқрагини «Шурои умумиҷаҳонии озуқаворӣ» (Италия, Рим), бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 1998 №966 бо ордени «Ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо Фармони Президиуми Раёсати руҳонии минтақаи Аврупои Марказии Россия бо медали «Барои ваҳдати руҳонӣ» аз 3 июни соли 1998, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ордени «Дӯстӣ» аз 18 августи соли 1999 таҳти №1289, бо Нишони сарисинагии «Неруҳои дастаҷамъии сулҳҷӯён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 сентябри соли 2000 таҳти №006, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон бо медали ҷашнии «10-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Қазоқистон» соли 2002, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали ҷашнии «10-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 ноябри соли 2002 таҳти №938 ва соли 2002 бо Нишони ҷашнии сарисинагии «200-солагии ВКХ-и Федератсияи Россия» мукофотонида шудааст [31, с. 68-69; 3].

Баъди фаъолияти 12-сола дар ВКХ Талбак Назаров аз вазифаи вазирӣ ба истеъфо рафт. Соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Фонди ҷамъиятии хайриявии Тоҷикистонро таъсис медиҳад. Барои пеш бурдани кори ин муассисаи нав шахсияте лозим буд, ки тавонад онро ба як низоми муайян дарорад. Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат, ки аз таҷрибаи бою рангини устод Талбак Назаров бохабар буданд, ӯро соли 2007 роҳбари фонди мазкур таъин мекунанд, ки то имрӯз муассисаи мазкурро роҳбарӣ ва дар он ҷо кору фаъолият намуда истодааст.

Чуноне ки дар китоби «Многовекторная дипломатия Таджикистана» қайд гардидааст: «Ҳангоми интихоби роҳбари Фонди ҷамъиятии хайриявии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, пеш аз ҳама, ростқавлӣ, ростгӯӣ, инсондӯстӣ, адолатпарварӣ, хоҳиши фидокорона ба халқу Ватан хидмат кардан ва бисёр сифатҳои наҷиби дигари Талбак Назаровро ба назар гирифтаанд. Аз ин рӯ, Президенти кишвар иҷрои ин вазифаҳоро ба ӯ супорид, то ки такягоҳи боэътимод дошта бошад» [27, с. 79].

Дар даврони истиқлол баробари дар вазифаҳои баланди сиёсӣ фаъолият карданаш, инчунин, Талбак Назаров аз фазои илмӣ берун нашуда, баръакс доираи пажуҳиши худро аз иқтисод то ба дипломатия ва амнияту бехатарӣ васеъ намуда, асарҳои арзишмандеро иншо кардааст.

Масалан, пас аз барқарор гардидани сулҳу ризоияти миллӣ дар кишвар омӯзиши таърихи дипломатияи тоҷик қувват гирифт. Аз ҷумла, рисолаи «Дипломатияи муосири тоҷик»-ро, ки ба қалами академик Талбак Назаров ва профессор Абдунабӣ Сатторзода тааллуқ дорад, дар пажуҳиши таърихи дипломатияи тоҷик дар давраи истиқлоли давлатии Тоҷикистон кӯшиши ҷиддие ном бурдан мумкин аст. Ғайр аз ин, чанд асари илмии академик Талбак Назаров, ки дар солҳои охир эҷод шудаанд, аз ҷумла, «Тоҷикистон: иқтисод, сиёсат, ҳамкориҳои байналмилалӣ» (2001), «Тоҷикистон: ҳамкории иқтисодӣ ва амният»(2003), «Тоҷикистон: рушди иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавӣ» (2004), «Раванди сулҳ ва барқарорсозии пас аз низои иқтисоди

Тоҷикистон» (2000) ва «Иқтисоди бозорӣ ва ҳамкории байналмилалӣ» (2007) дар омӯзиши сиёсати хориҷии кишвар кумаки арзандае карда метавонанд [22, с. 244].

Навиштаю таълифот ва гузоришу суханрониҳои ӯ нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи ин донишманди дақиқназарро ҳамеша муҳимтарин масоили иқтисодӣ, роҳҳои пешбурди ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар ба худ ҷалб менамояд. Устод ҳатто дар замони Шуравӣ ҳам масъалаҳоеро ба миён мегузоштанд ва ё ба таҳқиқ мегирифтанд, ки онҳо аз ҳимояи манфиатҳои ҷумҳурии мо маншаъ доштанд.

Бинобар ин, ба Назаров Талбак Назарович соли 2003 барои силсилаи корҳо: муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳамкории байналмилалӣ (барои китоби арзишманди «Тоҷикистон: иқтисод, сиёсат, ҳамкориҳои байналмилалӣ», «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва бехатарӣ») Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дода шудааст [3], ки ин як навъ қадршиносӣ ва арзи иродати давлату ҳукумат ва аҳли илми кишвар ба заҳматҳои пайвастаю олимонаи устод Т. Назаров мебошад. Дар баробари ҷоизаи мазкур ба Т. Назаров 2500 доллари ИМА мукофотпулӣ низ медиҳанд, ки онро ҳам барои дар мактаб-интернати ношунавоёни ноҳияи Рӯдакӣ кушодани синфхонаи компютерӣ масраф менамояд. Чунки барои ӯ боигарӣ ва пулу мол арзише надоранд ва доимо мехоҳанд ба ниёзмандон кумак намоянд.

Агар мо китобҳои дар боло номбаршударо на ин ки маълумотҳои дохилашро, балки танҳо номи онҳоро таҳлил карда бароем, пас мебинем, ки дар унвони ҳамаи ин китобҳо номи Тоҷикистон зикр ёфтааст ва ишорат ба он мекунад, ки асосу бунёди консепсия ва таҳқиқоти илмии академик Талбак Назаровро манфиатҳои иқтисоди ҷумҳурӣ дар бар мегирад.

Ба қавли академик Н. Қаюмов «ин китобҳо дар баробари ифода намудани манзараи умумии иқтисодии кишвар, нишон додани бурду бохтҳои сиёсати иқтисодӣ ва захоири истифоданашудаи иқтисодӣ дурнамои рушди онро бо дарназардошти равандҳои минтақавию ҷаҳонӣ ифода мекунанд» [31, с. 14-15].

Дар баробари ҳамаи ин, Талбак Назаров на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он низ чун шахсияти бонуфуз ва донишманди забардаст

эътироф шудааст. Устод бо фазлу дониши доманфари хеш, таҳлилҳои муътамади илмӣ ва тамкину дурандешии сиёсӣ барои афзудани обрӯи давлат ва миллат дар арсаи байналмилалӣ корҳои пурарзишеро анҷом додаст.

Масалан, академик Т.Н. Назаров борҳо илм ва сиёсати кишварамонро берун аз он муаррифӣ намудааст. Ӯ дар ҳайати намояндагиҳои ҳукуматӣ ва илмӣ ба бисёр кишварҳои ҷаҳон сафар карда буд. Ӯ дар бисёр семинарҳову конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, умумииттифоқиву байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, симпозиюмҳо, ки дар онҳо масъалаҳои рӯзмарраи такмилдиҳии ислоҳотҳои иқтисодӣ ва ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ дар кишварҳои пасошуравӣ баррасӣ гардида буданд, иштирок кардааст [30, с. 36]. Аз ин рӯ, дар ин давра устод як таҷрибаи бениҳоят беканори илмиро соҳиб шуда, онро баҳри мустаҳкам гардонидани мақому манзалати кишварамон дар арсаи байналмилалӣ истифода бурдааст.

Бесабаб нест, ки имрӯз ҳам бисёр сиёсатмадорон ва дипломатҳои кишварҳои дигар бо ӯ дар тамос шуда, аз маслиҳатҳо ва таҷрибаи ғании дипломатияш истифода мебаранд.

Ба замми ҳамаи инҳо, дар ҳамин давра аз ҷониби мақомот ва муассисаҳои ватанию хориҷӣ академик Т. Назаров ба якчанд унвону ҷоизаҳо қадрдонӣ мешавад. Аз ҷумла, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон бо медали «50-солагии азхудкунии заминҳои навкорам»-и Қазоқистон (31.08.2004), бо фармони роҳбари Фонди хайриявии «Сарпарастони аср» бо Ордени «Салиби ёқутӣ» (28.03.2005), соли 2005 бо медали хотиравии Фонди байналмилалии «Сулҳи абадӣ» ба муносибати 60-солагии анҷомёбии Ҷанги дуюми ҷаҳонии солҳои 1941-1945, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо медали ҷашнии «60-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» (03.05.2005), бо Нишони фахрии Маркази ҳамкории байналмилалии илмӣ ва фарҳангии назди Ҳукумати Федератсияи Россия «Барои саҳмгузорӣ дар кори дӯстӣ» (10.11.2005), ба хотири иштироки фаъолона дар мустаҳкамнамоии ҳамгироии ҳарбӣ-сиёсии аъзоёни Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ бо Ифтихорномаи фахрӣ (23.06.2005), бо

фармони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишони фахрии «Аълочии молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (07.09.2006) [3], ба хотири саҳми беандоза дар таҳкими дӯстӣ ва ҳамкории Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Федератсияи Россия В. Путин бо ордени «Дӯстӣ» (28.03.2007) [17], бо қарори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишони фахрии АИҶТ (07.04.2008), бо фармони Президенти ҷумҳурӣ бо медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (06.08.2011) [3], бо ҷоизаи олии дипломатии Қазоқистон – медали ба номи Назир Туракулов (01.10.2018) [147], бо қарори Ҳукумати Япония барои саҳми арзандааш дар рушду таҳкими муносибатҳои дуҷониба байни Тоҷикистону Япония бо мукофоти давлатии ин кишвар – ордени «Тулуи офтоб» дараҷаи I (28.02.2019) [117] ва барои саҳми арзанда дар рушди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, фаъолияти бисёрсолаву пурсамари илмӣ, дастовардҳои назарраси илмӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисос бо «Ифтихорномаи АМИТ» (27.12.2021) [3] сарфароз гардонида шудааст.

Агар мо тамоми мукофотҳои дар боло қайд кардашударо таҳлил карда бароем, пас мебинем, ки бе ягон муболиға дар ҳақиқат академик Талбак Назаров як шахсият ва арбоби барҷастаи сиёсию давлатии Тоҷикистон мебошад. Чунки мукофотҳои ӯ дар як самт ё соҳа набуда, аз ҷониби ташкилоту кишварҳо ва шахсони машҳури ҷаҳонӣ қадрдонӣ карда шудаанд. Аз ин рӯ, мо гуфта метавонем, ки академик Талбак Назаров на танҳо сиёсатмадори барҷастаи эътирофшуда дар Тоҷикистон, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ мебошад.

Бояд қайд кард, ки баъди рафтан аз ВКХ ба Талбак Назаров пешниҳод карданд, ки дар донишгоҳҳои гуногуни дохилию хориҷӣ ҳамчун як соҳибкасби риштаи дипломатия ва олими соҳаи иқтисод дар факултетҳои муносибатҳои байналмилалӣ дарс гузаранд. Аммо ӯ ин пешниҳодҳоро рад мекунанд, чунки саломатияшон ба устод имконият намедод, ки соатҳои дароз рост истода, дарс гӯянд. Ҳамзамон, аз ҷониби роҳбарияти ДМТ ва Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон вазифаи мушовирӣ ба Талбак Назарович пешниҳод шудааст, ки устод розигӣ надодаанд.

Новобаста аз ин, академик Т. Назаров таҷрибаю дониши пурғановати худро меҳоҳанд ба наслҳои оянда боқӣ гузоранд. Аз ин рӯ, дар баробари навиштани мақолаю китобҳо, ӯ инчунин бо донишҷӯёну шунавандагон вохӯриҳо мегузаронанд. Масалан, рӯзи 30 сентябри соли 2019 дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ДИДНПҶТ - ҳоло Академия) вохӯрии шунавандагон ва ҳайати профессорону омӯзгорони он бо собиқадори соҳаи дипломатияи кишвар, собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров бахшида ба муносибати Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ доир гардид. Академик Т. Назаров зимни суханронияш аз таърихи ташаккули соҳаи дипломатия дар Тоҷикистон ва рушду нумуи сиёсати хориҷии он зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар назди донишҷӯёну муҳассилини Академия суханронӣ кард [121]. Ҳамзамон, Талбак Назарович чанд маслиҳатҳо аз таҷрибаи пурғановати худ ба дипломатҳои ҷавон дода, сирри ҳама муваффақиятҳояшонро аз меҳнату хизмат ба халқу Ватан ва пайваста ба донишандӯзӣ машғул будан баён доштанд [120].

Таҳлилҳои муътамади илмӣ дар соҳаи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалӣ, хизматҳои арзанда дар рушди соҳаи молия ва иқтисод, инчунин, тарбияи кадрҳои баландихтисос дар соҳаи иқтисод ва муносибатҳои байналмилалӣ, барои саҳми арзанда гузоштан дар рушди илму маорифи кишвар ва тамкину дурандешии сиёсӣ ба Талбак Назаров имкон дод, ки на танҳо дар ватани худ, балки берун аз ҳудуди он ҳамчун як донишманди машҳур, арбоби сиёсӣ ва ҷамъиятӣ эътироф гардад. Шогирдони сершумори ӯ дар муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳои Тоҷикистон, Россия, Қазоқистон ва дигар кишварҳо бомуваффақият кору фаъолият мекунанд. Дар солҳои охир меҳнати бовиҷдонона ва софдилонаи илмии ӯ бо бисёр унвону мукофотҳои ҳукуматӣ ва байналмилалӣ қадрдонӣ карда шудааст, ки ин нишони эътироф гардидани мактаби илмии Талбак Назаров дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Аз ҷумла, бо унвони «Профессори фахрӣ»-и Донишгоҳи байналмилалии Чини ВКХ-и Ҷумҳурии Мардумии Чин (17.05.2006) [3], «Профессори фахрӣ»-и

Донишкадаи молияи Тоҷикистон (27.08.2009) [15], «Профессори фахрӣ»-и Донишкадаи Россия, Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Маркази Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин (05.12.2011) [3], «Профессори фахрӣ»-и Академияи миллии стратегии иқтисодии Чин (26.02.2013) [111], Ҷоизаи байнидавлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Ситораи Иттиҳод» (06.06.2015) [112] ва бо унвони илмии «Профессори фахрӣ»-и ДИДНПҶТ сарфароз гардонида шудааст [1].

Бояд қайд кард, ки академик Талбак Назаров аввалин шахсе гардид, ки унвони илмии «Профессори фахрӣ»-и ДИДНПҶТ-ро соҳиб гашт.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои боло вобаста ба ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ, мо ба хулосаҳои зерин омада метавонем:

1. Шахсияти Талбак Назаров дар даврони дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кору фаъолият карданашон ташаккул ёфта, дар ин давра худро ҳамчун роҳбари кордон ва ташкилотчии моҳири соҳаи илм нишон медиҳад. Дар даврони сарварии ӯ донишгоҳ дар самтҳои мухталифи фаъолият ба комёбиҳои назаррас соҳиб шуда, дар тамоми сохтори донишгоҳу факултетҳо ва кафедраҳо тағйирот ба вуҷуд омаданд. Ӯ дар раванди таълиму тарбия ба ислоҳот даст зада, то андозае ба тайёр кардани оммавии мутахассисон бе назардошти талаботи истеҳсолот хотима гузошта, тахассусҳои наву ба талаботи замон ҷавобгӯй кушод. Дар раванди қабул, хатм ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён дигаргуниҳои назаррас ба вуқуъ пайвастанд. Шумораи номзаду докторони илм дар донишгоҳ зиёд шуда, робитаҳои илмӣ бо дигар мактабҳои оливу муассисаҳои илмӣ васеъ гашта, дар асоси нишондодҳои илмиву таълимӣ ба қатори донишгоҳҳои пешсафи шуравӣ ворид гардид.

2. Академик Талбак Назаров дар ҳаёту фаъолият худро на танҳо муҳаққиқи камназир, балки ҳамчун як чеҳраи шарафманди сиёсӣ ва арбоби барҷастаи давлатӣ низ нишон дод. Ӯ ҳамчун вакил ва Раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, вакили халқии ИҶШС ба таҳкими волоияти қонун, баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ доимо диққати махсус медод. Қобилияту истеъдоди ӯ ҳамчун сиёсатмадори баркамол дар мансаби вазири

корҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар зоҳир шуд. Чунки ин давра фазои сиёсии кишвар ниҳоят мураккаб гардида, Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд. Ӯ ҳамеша ба ҷонибдории ҳалли мусолиматомези низои байни тоҷикон баромад мекард. Аз ин рӯ, ҳузури Талбак Назаров барин сиёсатмадори зираку дурандеш дар паҳлуи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои хотима гузоштани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо роҳи мусолиматомез нақши калон бозид. Ба ҳайси роҳбари мақомоти сиёсати хориҷӣ дар суханрониҳои худ дар ҷаласаҳои Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) ва дигар ташкилоти байналмилалӣ идеяи таҳкими субот ва эътимодро, хусусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ба таври методӣ ва ҳадафмандона пешниҳод карда буд.

3. Талбак Назаров ҳам даврони шуравӣ, ҳам соҳибистиқлолӣ дар баробари дар вазифаҳои баланди сиёсӣ фаъолият кардан, инчунин, аз фазои илмӣ берун нагардида, баръакс доираи пажуҳиши худро аз иқтисод то ба дипломатия ва амнияту бехатарӣ васеъ намуда, бо таҳлилҳои муътамади илмӣ ва дурандешии сиёсӣ барои афзудани обрӯи давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ корҳои пурарзишеро анҷом додааст. Мавҷуд будани номи тоҷик ва Тоҷикистон дар унвони қариб ҳамаи асарҳои академик Т. Назаров шаҳодат аз он медиҳад, ки асосу бунёди консепсия ва таҳқиқоти илмии ӯро манфиатҳои сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ дар бар мегирад.

4. Ҷоизаву мукофотҳои сазоворшудаи Талбак Назаров ба ӯ имкон дод, ки на танҳо дар ватани худ, балки берун аз ҳудуди он ҳамчун як донишманди маъруф, арбоби сиёсӣ ва ҷамъиятӣ эътироф гардад. Чунки ҷоизаву мукофотҳои ӯ ба як самту соҳа тааллуқ надошта, аз ҷониби созмону кишварҳо ва шахсони машҳури ҷаҳонӣ сарфароз гардонида шудаанд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки академик Талбак Назаров на танҳо арбобу сиёсатмадори барҷастаи эътирофшуда дар Тоҷикистон, балки дар арсаи ҷаҳонӣ низ мебошад.

# БОБИ II. ТАЛБАК НАЗАРОВ – ДИПЛОМАТ ВА ХОДИМИ ДАВЛАТӢ

## 2.1. Нақши Талбак Назаров дар рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз мақомоти марказӣ ва калидии тамоми давлатҳои ҷаҳон Вазорати корҳои хориҷӣ ба ҳисоб рафта, пешбарандаи асосии сиёсати хориҷии онҳо мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун як субъекти фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ буда, аз рӯзҳои аввалини соҳибистиқлол гардидан ба мавқеи мақомоти мазкур – ВКХ диққати махсус дода, яке аз самтҳои меҳварии давлатдории худ медонад. Зеро дар раванди ҷаҳонишавӣ мақомоти мазкур дар мадди аввал ҳифзкунандаи манфиатҳои миллии кишвар ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонаш дар дохил ва хориҷ аз он мебошад. Дуюм, кишваре, ки нав истиқлоли худро ба даст овардааст, мебоист мақому манзалат ва имиҷи сиёсии худро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорад.

Аз ин рӯ, Сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон баробари ба сари қудрат омадан, барои тақвияти пояҳои ҳукумати конститутсионӣ ва мустаҳкам кардани сохтори давлатӣ ба ҳайати ҳукумати худ кадрҳои болаёқат ва босалоҳиятро даъват менамояд, ки яке аз онҳо академик Талбак Назаров мебошад. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1994 Талбак Назаров ба вазифаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад [21, с. 28], ки дар ин вазифаи пурмасъулият то 30 ноябри соли 2006 [22, с. 240] кору фаъолият мекунад. Аммо, қабл аз он, ки дар борои кору фаъолият ва нақши ин шахсияти сарсупурдаи миллат дар рушду ташаккули Вазорати корҳои хориҷӣ ва хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронем, мо бояд каме ҳам бошад аз таърихи таъсисёбии мақомоти мазкур ва фаъолияти роҳбарони он бохабар бошем, то ки анику дақиқ ва объективона даврони вазирии Талбак Назаровро баҳогузорию таҳлил намоем.

Барои ҳамин, агар мо ба таърихи пайдоиши ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, мебинем, ки ин мақомот дар даврони Шуравӣ – 12 майи соли 1944 таъсис ёфта буд. Аммо фаъолияти он ба таври пурра бо сабабҳои ҳам маълум, ҳам номаълум дер давом накард. Соли 1946 фаъолияти ин мақомот маҳдуд ва сафи

кормандонаш кам карда мешавад. Ин маънои онро дошт, ки мақомоти мазкур дигар мустақилона сиёсати хориҷии кишварро пеш бурда наметавонад.

Дар баробари ҳамаи ин маҳдудиятҳо роҳбарӣ ба сиёсати хориҷӣ ба зиммаи Шурои вазирон мегузарад. Раисони он дар Тоҷикистон, ё яке аз муовинони онҳо вазифаи вазири корҳои хориҷиро ба таври сарборӣ ба вазифаи асосиашон иҷро мекарданд [41, с. 33-34].

7 ноябри соли 1989 пас аз зиёда аз 45 сол бори дувум вазири корҳои хориҷии мустақил таъин мешавад. Вазири нав Лақим Қаюмов аз ҷумлаи он дипломатҳое буд, ки дар низоми сиёсати хориҷии шуравӣ ба ҳайси консул собиқа дошт. Ин гувоҳӣ медод, ки Тоҷикистон мисли ҷумҳуриҳои дигари иттифоқӣ бо истифода аз фурсати муносиб ҳуқуқи мустақилият дар сиёсати хориҷиро дубора барқарор намудааст. Аммо, дар ин давра яке аз масъалаҳои доғ нарасидани мутахассисони дипломатӣ буд. Иллати ин ҳолат дар он аст, ки марказ (Москва) ҳуқуқи ҷумҳуриҳои иттифоқиро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ нодида мегирифт. Бинобар ин, дар Тоҷикистон «тайёр кардани мутахассисони ихтисоси дипломатиро қатъ карда буданд». Онҳое, ки Институти давлатии робитаҳои байналмилалии Москва (МГИМО), Академияи дипломатии ВКХ-и ИҶШС, Академияи олии иқтисоди хориҷӣ ва дигар донишгоҳҳои махсусро хатм карда бошанд, ангуштшумор буданд [60, с. 84].

Фаъолияти воқеӣ ва густурдаву озоди ВКХ ба шарофати ба истиқлол расидани Тоҷикистон оғоз мегардад ва давра ба давра бо пушти сар кардани душвориҳо пайваста такомул меёбад. Ҳамзамон, аз 9 сентябри соли 1991 раванди нави шаклгирии сиёсати хориҷии ҷумҳурии озоду соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба ҳайси субъекти баробарҳуқуқи байналмилалӣ оғоз мегардад [22, с. 11].

Исботи ин гуфтаҳоро мо дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 15 марти соли 2013 бахшида ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави ВКХ дида метавонем, ки чунин қайд карда буданд: «Мо дар оғози истиқлол ниҳод ё сохтори мукаммали татбиққунандаи сиёсати хориҷиро надоштем ва Вазорати корҳои хориҷие, ки аз замони шуравӣ мерос монда буд, 11 нафар корманд дошту халос. Аз ин рӯ, бо камоли итминон

метавон гуфт, ки ҳам сиёсати хориҷии мо ва ҳам мақоми ба ҳаёт татбиққунандаи он – Вазорати корҳои хориҷӣ зодаи ҳақиқии истиқлоланд» [50, с. 22]!

Акнун барои кишваре, ки нав истиқлоли худро ба даст даровард, иҷро кардани ҳамаи ин корҳо осон набуд. Зеро дар даврони шуравӣ Тоҷикистон чун яке аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ роҷеъ ба идораи самтҳои мухталифи хоҷагии халқ таҷрибаи муайяне дошт, вазорату муассиса ва ташкилотҳо кор мекарданд, вале дар самти сиёсати хориҷӣ аз ваколату салоҳияти лозимӣ бархӯрдор набуд. Ин буд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ барои Тоҷикистон самти тамоман нав ба ҳисоб мерафт. Чуноне ки коршиносон қайд менамоянд: «Мушкилии ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар он буд, ки он амалан аз сифр оғоз ёфт. Дар мамлакат анъанаҳои мукаммали фаъолияти сиёсати хориҷӣ вуҷуд надоштанд» [47, с. 21].

Дар натиҷа, моҳи январи соли 1992 Вазорати корҳои хориҷӣ ба Вазорати робитаҳои хориҷӣ табдил ёфт. Вале ин таҷриба дурустии худро собит накард ва моҳи июли ҳамон сол он барҳам дода шуда, дар заминааш Вазорати корҳои хориҷӣ таъсис ёфт, ки онро мебоист сиёсати хориҷии кишварро дар сатҳи зарурӣ дар амал татбиқ намояд. Аммо дар натиҷаи кашмакашиҳои шадиди дохилӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдори хориҷӣ барангехта мешуданд, ахиран соли 1992 ҷумҳуриро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашониданд.

Бояд тазаккур дод, ки роҳандозии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ низ дар он шабу рӯз чун ҷузъи раванди умумии ҳаводиси кишварҳои пасошуравӣ сурат мегирифт. Ҳамин тариқ, пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ шуруъ аз охири декабри соли 1991 теъдоде аз кишварҳои хориҷӣ истиқлоли давлатии Тоҷикистонро эътироф намуда, қисме аз онҳо дар пойтахти он намояндагиҳои дипломатии худро ифтитоҳ намуданд. Дар баробари дигар ҷумҳуриҳои ИДМ Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1992 ҳамчун иштирокчии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва аз 2 марти ҳамин сол ба узвияти СММ пазируфта шуда буд. Вале мутаассифона, ҳукуматдорони вақт натавонистанд низоми муносибатҳои байналмилалиро дуруст ба роҳ монда, ҷомеаи ҷаҳониро ба танзими вазъи ноороми ҷумҳурӣ ҷалб созанд. Баръакс, бо вусъати ташаннуҷи вазъи ҷумҳурӣ шуруъ аз тобистони соли

1992 муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ тадриҷан коҳиш ёфта, як қатор намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ ҳайатҳои худро ихтисор ва ё фаъолияташонро дар ҷумҳурӣ муваққатан қатъ намуданд [61, с. 8].

Табиист, ки ин вазъияти ноороми сиёсии ҷумҳурӣ ба фаъолияти ВКХ таъсири бад расонд. Чи тавре ки муаллифони «Дипломатияи Тоҷикистон», ки худ бевосита шоҳиди он рӯзҳои вазнин буданд, мегӯянд, дар бинои вазорат ҳам «садои тир меомад, ҳам хун рехт. Вазорат ғорат шуд. Фаъолияти он фалаҷ шуда буд. Бойгонии бисёр санадҳои муҳимтарини дипломатӣ нобуд шуд» [25, с. 12].

Ҳамзамон, рӯз аз рӯз вусъат ёфтани муқовимати мусаллаҳонаи байни ҷонибҳои даргир ва фалаҷ гаштани ҳокимияти марказиву сохторҳои маҳаллии он охири тирамоҳи соли 1992 дар маҷмуъ тамомияти арзӣ ва истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери хатар гузоштанд.

Дар чунин вазъият ҷомеаи кишвар ба роҳбаре ниёз дошт, ки аз санъати давлатдорӣ ва иродаи қавии сиёсӣ бархӯрдор буда, ба хотири ба даст овардани манфиатҳои миллӣ, ки бешубҳа афзалиятноктарини онҳо дар ин давра ба даст овардани ваҳдати миллӣ ва пойдор кардани сулҳу субот дар кишвар буданд, қудрати барқарор намудани ҳокимияти устувори давлатиро дошта бошад.

Чунин шахсият Эмомалӣ Раҳмон буд, ки пас аз ба вазифаи Раиси Шурои Олии Тоҷикистон интихоб шуданаш рисолати мазкурро бар дӯши худ гирифт. Лекин барои татбиқи он сохтори мукаммалу пурқувват ва шахсиятҳои содиқ ба миллату давлат лозим буд. Аз ин рӯ, роҳбари нави давлат ба эҳёи сохтори вазорату муассисаҳои давлатӣ шуруъ кард. Дар ин давра, таваҷҷуҳи бештар ба эҳёи ВКХ равона карда шуд ва он ҳам бефоида набуд. Зеро дар оянда мақомоти мазкур дар ба даст овардани сулҳи тоҷикон яке аз нақшҳои калидиро бозид.

Таҳаввулоти ҷиддӣ дар фаъолияти ВКХ пас аз иҷлосияи XVI Шурои Олии ҷумҳурӣ шуруъ шуд. Бо супориши Роҳбари давлат сохтори ин вазорат, салоҳияту зарфияти он мавриди бознигарӣ қарор гирифт. Дар ин асос 12 январи соли 1993 бо қарори Шурои Вазирони ҷумҳурӣ сохтори нави дастгоҳи марказии вазорат тасдиқ гардид [18, с. 24].

Сарвари давлат ба ташаккули зарфияти кадрии вазорат таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуд, зеро мутахассисони ин соҳа бо таҷрибаи забондонӣ ангуштшумор буданд. Он вақт дар дастгоҳи марказии вазорат ҳамагӣ 19 корманд кор мекард ва мебоист дар муддати кӯтоҳ ҳайати нав бо мутахассисони варзида пурра карда шавад [61, с. 30-31].

Аз ин лиҳоз, 28 декабри соли 1994 Президенти навинтихоби Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба яке аз мансабҳои калидии ҳукумати кишвар – вазири корҳои хориҷӣ, ки барои баланд бардоштани имиҷи давлат, хомӯш гардонидани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани сулҳи тоҷикон мавқеи марказиро мебоист иҷро мекард, Талбак Назаровро таъин намуданд. Зеро ӯ қариб, ки тамоми зинаҳои ҳам ҳаётӣ, ҳам илмӣ ва ҳам сиёсиро гузашта, дорои таҷрибаи бисёр бузурги илмию сиёсӣ буд ва барои кишваре, ки дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ ғарқ шуда буд, ба таҷрибаву дониши чунин шахсият хеле зиёд эҳтиёҷ дошт.

Вобаста ба ин, Ҷ. Темурзода дар китобаш «Қаламрави ёдҳо» чунин қайд кардааст, ки «воруди Талбак Назаров, ки аз замонҳои Тоҷикистони Шуравӣ миёни мардуми соҳибтамаддун ва донишманду зиёиёни кишвар соҳиби арҷу эҳтироми хеле зиёд буд, ба ҳайати Ҳукумати кишвар эътибори давлат ва сиёсати фарҳангии Роҳбари хирадманди мардумӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро миёни мардумони кишвар ва берун аз он даҳчанду садчанд намуд» [53, с. 98].

Дар ҳақиқат будани Талбак Назаров барин шахсияти шинохта ва боэътибор дар ҳукумати навтаъсисёфта дар он давра бисёр муҳим ба ҳисоб мерафт. Чунки, дар ин давра кор кардан дар садри ВКХ осон набуд ва аз фаъолияти роҳбари ин мақомот бисёр чизҳо вобастагӣ дошт.

Бояд қайд намуд, ки даврони вазирии Т. Назаров шояд давраи аз ҳама душвортарин дар ҳаёт ва фаъолияти ӯ ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин давра дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ шуруъ гардида, буҳрони шадиди иқтисодӣ, фалаҷи корхонаю муассисаҳо кишварро дар ҳолати хеле душвор қарор дод. Дар баробари ин, худи давлатдорӣ барои мо чизи нав буд ва мантиқист, ки мо бояд на танҳо амал мекардем, балки меомӯхтем.

Худи устод вобаста ба ин даврон чунин мегӯяд: «Дар ин мансаб тӯли 12 сол фаъолият кардам. Ин солҳо на он қадар давраи тинҷию амонӣ буданд. Бояд иқрор шуд, ки ҳамчун вакили Парламенти ҷумҳуриявию иттифоқӣ, ман каме ҳам бошад аз нозукиҳои дипломатия бохабар будам, чунки баъзе вақт ҳамроҳи ҳайатҳои расмӣ сафар мекардам ва баъзе вақт онҳоро роҳбарӣ менамудам. Шояд барои ҳамин ба ман муяссар гардид, ки ҳарчӣ зудтар нозукиҳои кори нави худро дарк намоям, чунки дигар вақти фикр кардан намонда буд» [68, с. 32].

Ҳақ бар ҷониби академикҳои АМИТ Н. Салимов ва К. Олимов аст, ки даврони оғозёбии вазирии Т. Назаровро ба таври объективона чунин тасвир кардаанд: «Воқеан ҳам, мақоми вазирии устод Т. Назаров дар самти умури хориҷӣ дар замони басо мураккаб, ки вазъи сиёсии Тоҷикистон печидаву пургиреҳ буд, оғоз ёфт. Баррасӣ ва ҳимоят аз манофеи миллии Тоҷикистон дар тавофуқ бо вазъи дохилии кишвар, вазъи минтақа ва ҷаҳон, ки хеле ошуфта ва пурзиддият буд, бар замми дониш ва ақлу хиради комил қувваи бузурги ирода, ҷасорату матонат азхудгузаштагӣ ва садоқати бепоён ба мардум ва давлату ҳукуматро тақозо дошт. Бадеҳист, ки яке аз рукнҳои асосии давлати тозабунёди тоҷикон иборат аз эътироф ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ буд. Ин ниҳоди бунёдӣ, яъне мактаби муоширати дипломатӣ, заминаҳои усулии фаъолияти он, пойгоҳҳои сиёсӣ, таърихӣ ва замонии он бояд пайрезӣ мегардид. Дар ин марҳалаи созандагӣ нақши сарвари ин ниҳоди бисёр муҳим барои давлат ва миллат аҳамияти хос дошт» [30, с. 10-11]. Барои ҳамин, Т. Назаров барои татбиқи сиёсати хориҷии пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва таъсиси мактаби дипломатияи тоҷик оғоз намуд.

Чи тавре ки, дар боло қайд кардем, он вақт дар дастгоҳи марказии вазорат ҳамагӣ 19 корманд кор мекард ва мебоист дар муддати кӯтоҳ ҳайати нав бо мутахассисони варзида пурра карда шавад [61, с. 30-31], то ки дар баланд бардоштани имиҷи давлат, пайдо кардани сармоягузорон, беҳтар кардани муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи кишвар бо давлатҳои хориҷию созмонҳои байналмилалӣ кумак намоянд. Оид ба ин масъала, Т. Назаров 29 сентябри соли 2016 дар суханрониашон вобаста ба рӯзи кормандони хизмати

дипломатӣ ва ифтитоҳи бинои нави Сарраёсати консулии ВКХ чунин қайд намуданд: «Албатта барои аз уҳдаи ин вазифаҳо баромадан мо бояд кадрҳои баландихтисос, кордон, дорои малакаҳои хоси дипломатӣ ва симои касбӣ дошта бошем. Чи тавре мегӯянд: **Кадрҳо ҳалкунандаи ҳама масъалаҳо мебошанд!** Агар ҳалли масъалаҳои муҳим ба кадрҳо вобастагӣ дошта бошанд, пас Вазорати корҳои хориҷӣ бояд ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи дипломатия ва тарбияи касбии онҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳад» [3].

Ба ақидаи Талбак Назаров «бо вусъат ёфтани фаъолияти дипломатӣ масъалаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисос муҳимтар мегардад. Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гузашта, воқеан, дар арсаи байналмилалӣ намояндагӣ надошт. Ташаккули дипломатияи нави давлати мустақил амалан аз сифр оғоз ёфт. Аммо, сарфи назар аз ҷавонии кишвар, дипломатияи он вазифадор буд, ки дар асоси ҳадафҳои муосир манфиатҳои кишварро дар арсаи байналмилалӣ бомуваффақият муаррифӣ ва ҳимоя намояд. Имрӯз беш аз пеш вобаста аз сатҳи дипломатҳо, омодагии сиёсии онҳо, қобилияти ҳалли проблемаҳои мураккаби замони муосир симои кишвар ва нуфузи байналмилалии онро баҳогузорӣ мекунанд» [72, с. 8-9].

Ба ҳамин хотир, дар даврони кор кардан дар вазорат Т. Назаров базаи моддӣ-техникӣ ва иқтидори кадрии онро мустаҳкам намуд [27, с. 79].

Бояд қайд кард, ки кори дипломатиро бояд шахсе анҷом диҳад, ки соҳиби обрӯ ва сазовори боварию эътимод буда, манфиатҳои кишвари худро ҳимоя карда тавонад. Ин хусусиятҳо сатҳи интихоби сахти озмунии номзадҳоро барои кор дар вазорат муайян намуд. Акнун ҷустуҷӯи одамоне, ки қобилияти кор кардан дар мақомоти сиёсати хориҷиро доранд, як тарафи масъала буд. Тарафи дигар бошад ин ба онҳо омӯхтани дониши махсус буд, ки доираи васеи масъалаҳои ин самтро дар бар мегирифт. Аз ин хотир, дар назди роҳбари навтаъини ВКХ Т. Назаров вазифаи ниҳоят душвор гузошта шуда буд.

Барои ин корҳоро ба анҷом расонидан дар он солҳо бо баъзе аз кишварҳои дӯст роҷеъ ба омода кардан ва бозомӯзии кадрҳои дипломатӣ

шартномаҳо ба имзо расида, аксарияти кормандони вазорат курсҳои кӯтоҳмуддатро дар кишварҳои хориҷӣ хатм намуданд.

Ҳамаи ин ба туфайли ҳамкорӣ бо вазоратҳои корҳои хориҷии Британияи Кабир, ИМА, Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Австрия, Нидерландия ва як қатор кишварҳои дигар имконпазир шуд. Аз ҷониби Академияи дипломатии назди ВКХ-и Федератсияи Россия дар ин самт низ кумак расонида шуд, ки дар давоми ду сол ба он ҷо 9 нафар аз ҷумҳурӣ қабул карда шуданд. Инчунин, роҳбарияти Академия омода гашт, ки минбаъд шумораи ҷойҳоро барои Тоҷикистон афзоиш диҳад [25, с. 12].

Бо дарназардошти вазъи зикршуда роҳбарияти ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон он солҳо ба масъалаи тарбияи кадрҳои баландихтисоси дипломатӣ диққати ҷиддӣ дод. Аз роҳи озмун ба кор қабул кардан сар шуд ва ҳамасола ду маротиба аз рӯйи нақшаи муайян аттестатсияи ходимони дастгоҳи марказии вазорат ва намояндагиҳои он дар кишварҳои хориҷӣ гузаронида мешавад. Солҳои охир ба низоми муайян даромадани ротатсияи ходимони вазорат низ ба сатҳи дониши касбии онҳо таъсири мусбате расонд. Таҷриба нишон дод, ки кор дар дастгоҳи марказӣ ва баъд дар сафорату намояндагиҳои хориҷӣ ва баръакс механизми бисёр муассир ва санҷидашуда мебошад [41, с. 94], ки дар замони имрӯза ин таҷриба дар амалияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шуда истодааст.

Дар солҳои баъдӣ сохтори дастгоҳи марказии вазорат муносиб бо пешомадҳои нави сиёсати хориҷӣ инкишоф ёфта, дар таркиби он раёсатҳои нав кушода шуд [18, с. 24], ки бевосита қисми зиёди он ба даврони вазирии Талбак Назаров рост меояд. Масалан:

А) Дар миёнаҳои соли 1997 дар натиҷаи азнавташкилдиҳии сохтори ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Раёсати кишварҳои Осиё ва Африқо шуъбаи кишварҳои Аврупо ва Амрико таъсис ёфт. Соли 2000 шуъбаи мазкур ба Раёсати кишварҳои Аврупо ва Амрико табдил дода шуд, ки баъд аз таъсисёбии он муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ва Амрико ниҳоят васеъ гардида, характери тамоман дигар пайдо кард;

Б) Раёсати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил соли 1997 дар заминаи Раёсати муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи вазорат таъсис дода шуд. Аз он вақт инҷониб, ҳам дар фазои Иттиҳод ва ҳам дар муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо аъзои ин созмон тағйироти куллӣ ба амал омад;

В) Раёсати шартнома ва ҳуқуқи ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 таъсис ёфтааст. Қаблан он ҳамчун шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳайати Раёсати муносибатҳои байналмилалӣ дохил мешуд;

Г) Раёсати корҳои идории ВКХ-и Тоҷикистон соли 1992 дар ибтидо ҳамчун Раёсати корҳо ва хидматрасонии корпуси дипломатӣ таъсис ёфтааст. Соли 1998 шуъбаи хидматрасонии корпуси дипломатӣ аз сохтори раёсат хориҷ карда шуда, дар заминаи он шуъбаи алоҳидаи мустақил таъсис дода шуд [21, с. 262-283].

Ҳамин тавр, дар давраи роҳбарии ВКХ-ро бар уҳда доштани Талбак Назаров сохтор ва иқтидори кадрии он ба таври зарурӣ инкишоф ёфта, шумораи кормандони он ба 110 нафар расида, дар он 13 раёсат ва 1 комиссияи миллӣ амал мекард [41, с. 94-95].

Дониши амиқу дарки нозуки вазъи сиёсӣ, дасту дили пок, одамияту маънавият ва ватанпарастиву миллатдӯстии Талбак Назаров имконият дод, ки дар маснади вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ дар густаришу тавсиаи обрӯю эътибори кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ва дар муайян гардидани мақому ҷойгоҳи Тоҷикистон дар созмонҳои бонуфузи дунё саҳми худро гузорад. Т.Н. Назаров дар татбиқ ва роҳандозии сиёсати хориҷии Президенти кишвар бо тамкину таҳаммул ва бо ташхису шинохти саҳеҳи вазъи ҷаҳон ҳамеша кӯшиш бар он дошт, ки ҳам манофеи кишвар ҳимоя шавад ва ҳам равобити он бо мамолики мухталиф устувору мустаҳкам гардад [30, с. 10].

Т.Н. Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷӣ на танҳо дар амалӣ сохтани сиёсати хориҷии давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон нақши амиқ гузошт, балки дар як муддати кутоҳ бо маҳорати хоси дипломатӣ байни кишварҳои Ғарбу Шарқ ва ҳамсояҳои дуру наздики ҷумҳурӣ муносибату равобити судмандеро ба роҳ монд ва дар ин замина барои ба вуҷуд овардани мактаби ҷадиди

дипломатияи тоҷик, ки ташаккули он ба номи ин марди наҷиб алоқаманд аст, заҳмати зиёд кашид [31, с. 12].

Дар ин давра шумораи намояндагиҳои дипломатии кишвар дар хориҷа афзоиш ёфта, аксарияти онҳо соҳиби биноҳои нав гардиданд [96], ки дар ин кор саҳми Талбак Назаров ниҳоят калон аст. Барои исботи ин суханҳо дар ин ҷо мо оид ба сафорат, консулгариҳо ва намояндагиҳое, ки дар даврони вазирии ӯ дар хориҷ аз кишвар кушода шудаанд, каме маълумот меорем. Масалан:

1. Сафорати Тоҷикистон дар шаҳри Алматои Қазоқистон 17.06.1993 кушода шуда, 15.09.2004 дар шаҳри Остона соҳиби бинои нав гардид;
2. 9.08.1995 дар Ҷумҳурии Исломии Эрон (минбаъд ҶИЭ) сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуд, ки худи ҳамон рӯз дар шаҳри Теҳрон ба фаъолияташ шурӯъ кард;
3. 13.08.1995 дар Ҷумҳурии Туркия сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуда, 4.12.1995 дар шаҳри Анқара ба кори худ шурӯъ кард;
4. 15.10.1996 консулгарии Тоҷикистон дар шаҳри Толиқони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (минбаъд ҶИА) кушода шуда, моҳи ноябри соли 1996 ба фаъолияти худ шурӯъ кард, ки мақсади асосии он баргардонидани гурезагони тоҷик аз Афғонистон ба ватан ба ҳисоб мерафт;
5. 3.01.1997 сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин (минбаъд ҶМЧ) кушода шуд;
6. 4.02.1997 сафоратхонаи Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус кушода шуд;
7. 15.07.1997 консулгарии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон кушода шуд;
8. 4.09.1997 дар Ҷумҳурии Австрия сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуд;
9. Соли 1997 Намояндагии Тоҷикистон дар назди САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, инчунин, 3.02.2000 Намояндагии Тоҷикистон дар назди Иттиҳоди Аврупо (минбаъд ИА) кушода шуд;
10. 26.11.2001 дар ҶИА сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуд, ки он 14.01.2002 дар шаҳри Кобул ба фаъолияти худ оғоз кард;
11. 3.06.2002 сафоратхонаи Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия кушода шуд;

12. 2.07.2002 сафоратхонаи Тоҷикистон дар Қирғизистон кушода шуд;
13. 4.09.2002 дар шаҳри Мазори Шарифи ҶИА консулгарии Тоҷикистон кушода шуда, 4.03.2004 соҳиби бинои нави худ гардид;
14. 25.12.2002 дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуда, 26.02.2003 дар шаҳри Вашингтон ба кори худ шуруъ кард;
15. 5.02.2003 Консулгарии Генералии Тоҷикистон дар шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон кушода шуд;
16. 11.08.2003 дар Ҳиндустон сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуд, ки моҳи апрели соли 2006 дар шаҳри Деҳлӣ ба фаъолияти худ шуруъ кард;
17. 12.02.2005 дар Ҷумҳурии Исломии Покистон сафоратхонаи Тоҷикистон кушода шуда, 23.02.2005 дар шаҳри Исломобод ба кори худ шуруъ кард [21, с. 90-121].

Ҳамзамон, дар ин давра кишвари мо бо як қатор давлатҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд. Лекин бояд қайд кард, ки дар он солҳо барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ бинобар сабаби якчанд омил мушкил буд:

1. Тоҷикистон дар ҳолати ҷанги дохилӣ ва баъдинизоъ қарор дошт, ки пайомадҳои иқтисодӣ дошта, вазорат имкониятҳои амниятӣ ва молиявии фаровон барои муаррифии кишвар ва сафарҳои гуногун надошт;

2. Дар он давра на ҳама кишварҳо бо давлати тозаистиқлол ва дар низоъ қарордошта хоҳиши барқарор кардани муносибатҳои дипломатиро доштанд;

3. Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ ва кушодани сафорату консулгариҳо дар хориҷ аз кишвар иқтидори кадрӣ кифоягӣ намекард;

4. Инчунин, вазир ва мутахассисони калидии вазорат масъули ҳамаҷонибаи пешбурди музокироти сулҳи тоҷикон дар хориҷи кишвар буданд ва сарбории асосиашонро ба таври зарурӣ иҷро карда наметавонистанд.

Аммо новобаста ба ҳамаи ин мушкилиҳо бо ташаббусу ибтикори вазири онвақтаи корҳои хориҷӣ Талбак Назаров, ки сиёсати хирадмандонаи Сарвари кишварамонро дар амал татбиқ мекард, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист бо 39

кишварҳои ҷаҳон, ки то ин давра равобити дипломатӣ надошт (1994-2006), муносибатҳои дипломатӣ барқарор намояд. Аз ҷумла:

1) **Қитъаи Осиё 12 кишвар:** Қувайт, Баҳрайн, Камбоҷа, Ироқ, Сингапур, Аморати Муттаҳидаи Араб, Яман, Ҷумҳурии Халқии Демократии Лаос, Ҷумҳурии Иттиҳодии Мианма, Бруней, Непал ва Тимори Шарқӣ;

2) **Қитъаи Аврупо 12 кишвар:** Сербия, Македония, Ватикан, Белорус, Босния ва Гертсоговина, Хорватия, Ирландия, Ордени Малтӣ, Словения, Исландия, Эстония ва Черногория;

3) **Қитъаи Африқо 9 кишвар:** Замбия, Лубнон, Ҷумҳурии Халқии Демократии Алҷазоир, Либия, Сомалӣ, Уганда, Судон, Эритрея ва Камерун;

4) **Қитъаи Амрико 6 кишвар:** Ҷумҳурии Федеративии Бразилия, Ҷумҳурии Шарқии Уругвай, Эл-Салвадор, Аргентина, Ҷумҳурии Боливарии Венесуэла ва Сент-Лусия [22, с. 167].

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар давраи вазирии академик Талбак Назаров аъзои 10 созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ гардид. Ба монанди: Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ (02.11.1995), Созмони байналмилалии алоқаи спутникии «ИНТЕЛСАТ» (22.02.1996), Бонки рушди исломӣ (ноябри соли 1996), Созмони умумиҷаҳонии гумрук (01.07.1997), Бонки осиёии рушд (20.02.1998), Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (1999), Суди байналмилалии ҷиноятӣ (11.12.1999), Агентии байналмилалӣ оид ба энергияи атомӣ (МАГАТЭ) (01.11.2001) [51, с. 268], Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (30.05.2001)[1] ва Созмони ҳамкории Шанхай (15.06.2001).

Инчунин, дар ин давра ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ пас аз ҳамроҳшавии кишвар ба Барномаи «Шарокат баҳри сулҳ» (20.02.2002)-и ин созмон оғоз ёфт [151].

Бояд қайд кард, ки ба рафти инкишофи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо сафари расмии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров ба Фаронса дар моҳи марти соли 2001 ва

---

[1] Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё - созмони байналмилалии иқтисодиест, ки аз соли 2001 то соли 2014 вуҷуд дошт ва аз як қатор ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ иборат буд.

вохӯриҳои ӯ дар Душанбе (ноябри 2001) бо вазирони корҳои хориҷии Фаронса ва Шоҳигарии Белгия, сафарҳои вазири Ҷумҳурии Фаронса оид ба корҳои ҳамкорӣ, вазири корҳои хориҷии Утриш ва дигарон ба Тоҷикистон низ таъсири мусбат расониданд. Бешубҳа, ҳодисаи назарраси сол сафари вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Т. Назаров) ба Вена ва иштироки ӯ дар кори Шурои доимии САҲА мебошад [41, с. 98]. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки академик Талбак Назаров дар ташаккули сиёсати хориҷӣ ва барқарор кардани муносибатҳои дипломатии дуҷонибаю бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳои ҷаҳон саҳми босазо гузоштааст.

Дар даврони вазирии Талбак Назаров дастоварди аз ҳама муҳиму ҷолибтарини дипломатияи тоҷик дар соли 2002 ин инкишофи ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи ҷумҳуриямон бо давлатҳои пешқадами ҷаҳонӣ, ба монанди ИМА, Фаронса ва Олмонро метавон ёдовар шуд.

Соли 2003 дар сиёсати хориҷии кишвар аз ҷиҳати инкишофи фаъолонаи муносибатҳои шарикӣ ва мутақобилан судманд бо кишварҳои хориҷии дуру наздик ва созмонҳои байналмилалии минтақавӣ фарқ мекард ва дар таърихи дипломатияи тоҷик соли фаъолтар гардидани сиёсати хориҷии кишвар дар самти давлатҳои Ҷанубу Шарқи Осиё ба шумор меравад... Соли 2003, инчунин, бо тавсеаи асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ кард. Агар дар соли 2002 шумораи шартномаҳои баимзорасида 60-то ва конвенсияҳои байналмилалии тасдиқгардида ба 9-то расида бошад, дар соли 2003 ин нишондод мутаносибан 90 ва 24-торо ташкил дод. Ин шаҳодат аз воридшавии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҷаҳонии муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, тавсеа ёфтани ҷуғрофияи ҳамкориҳои он бо давлатҳои шомили ҷомеаи ҷаҳонӣ медиҳад [41, с.100-101].

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров ҳангоми татбиқи сиёсати хориҷӣ ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ диққати бештар медод, зеро масъалаи муваффақ гаштан дар пешрафти иқтисоди ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини рӯз ба шумор мерафт ва аз ҳалли он бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ вобастагӣ дошт.

Аз ин рӯ, бо кӯшишу қадамҳое, ки дар ин давра Президенти кишвар ва роҳбарияти ВКХ дар самти иқтисодии сиёсати хориҷии кишвар мекарданд ё мебардоштанд, ниҳоят самари дилхоҳ дод.

Масалан, ин чиз аз ҷумла, дар соли 2004 нисбат ба солҳои пешина бештар ба назар мерасад. Ба таври назаррас афзудани ҳаҷми додугирифти мо дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон (100%), Ҷумҳурии Қирғизистон (110,3%), ҶМЧ (ду баробар), Белорус (319%) ва ғайра ба он шаҳодат медиҳад... Аз рӯи он ки соли 2004 аз 68 созишномаи дутарафае, ки байни Тоҷикистон ва давлатҳои дигар баста шуд, 21-тоаш ба ҳамкориҳои иқтисодӣ дахл дошт, азояндаи нек дарак медод [41, с. 103].

Моҳи марти соли 2004 вазири корҳои хориҷи Тоҷикистон Талбак Назаров ба ИМА сафари корӣ анҷом дода, дар ҷараёни он бо мақомоти олии амрикоӣ мулоқот кард. Инчунин, Талбак Назаров дар маросими ифтитоҳи бинои нави сафорати Тоҷикистон дар Амрико ширкат варзид. Дар натиҷа, соли 2004 равобити байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ИМА фаъолтар гардид, ки дар рушди муносибатҳои байни ду кишвар ва зиёд гардидани ҳаҷми кумакҳои ИМА ба Тоҷикистон, инчунин, дар афзоиши мубодилаи сафарҳо дар сатҳҳои гуногун таъсири амиқ расонид [48, с. 298].

Дар ҳамин давра, амалисозии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар самти рушди робитаҳо бо кишварҳои пешрафтаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ – Малайзия, Индонезия, Шоҳигарии Тайланд, Сингапур, Филиппин ва Ветнам мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифт. Зеро иқтидори молиявӣ, технологӣ ва истеҳсолии онҳо қодиранд, ки дар тараққиёти иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расонанд.

Махсусан, сафарҳои вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров ба Шоҳигарии Тайланд ва Сингапур дар аввалҳои моҳи феврали соли 2004 дар ин самт иқдомоти мусбате буданд, ки дар рафти он масъалаҳои фаъолгардонии муносибатҳои дуҷониба баррасӣ шуданд. Бар асоси тавофуқҳое, ки дар натиҷаи ин сафарҳо ҳосил шуда буданд, ба ҷонибҳои Тайланд ва Сингапур лоиҳаҳои созишномаҳо оид ба мусоидат ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ,

ҷилавгирӣ аз андозбандии дукарата, тиҷорату сайёҳӣ ва ҳамкориҳои иқтисодию техникӣ пешниҳод карда шуданд [48, с. 291-292].

Инчунин, пас аз сафари вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров аз 14-19 марти соли 2004 дар муносибатҳои Тоҷикистон бо Либия марҳалаи нав кушода шуд. Матбуоти маҳаллӣ ба ин воқеа диққати калон дод. Дар саҳифаҳои рӯзномаи марказии Либия «Ал-Фаҷр ал-ҷадид» мақолаи академик Т.Назаров ба забони арабӣ «Тоҷикистон: қадамҳои устувор ба сӯйи оянда» ба табъ расида, хонандагонро бо вазъи иҷтимоию сиёсӣ ва шароитҳои мусоиди сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ошно кард. Ҳамин тавр, яке аз натиҷаҳои мусбати ин сафар он буд, ки Либия чанде пеш аз бунбасти байналмилалӣ раҳо шуда буд, ба истиқрори равобити дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманд бо Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса нишон дод. Ҷониби Либия ба шарикони тоҷик як бастаи асноди дуҷонибаро барои баррасӣ пешниҳод кард, ки имзои онҳо мебоист заминаи ҳуқуқии равобити Тоҷикистону Либияро фароҳам меовард [48, с. 294].

Ҳамзамон, ба имзо расидани Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ бо ИА дар моҳи октябри соли 2004 дар Люксембург дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ Т.Назаров ва моҳи августи ҳамон сол боз шудани Намояндагии доимии Комиссияи Иттиҳоди Аврупо дар шаҳри Душанбе аз таваҷҷуҳ ва эътимоди рӯзафзуни давлатҳои аврупоӣ ба кишвари мо гувоҳӣ медиҳад. Аз ин рӯ, метавон қайд кард, ки баргузории сафарҳои гуногуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва вазири корҳои хориҷии он ба Покистон (январ-май), Тайланд ва Сингапур (феврал), Либия (март), Ҷумҳурии Чехия, Шоҳигарии Белгия ва Люксембург (октябр) ва ғайра бори дигар механизми хеле муносиб дар густариш ва инкишофи робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба будани худро ба исбот расониданд ва самараи хубе доданд [41, с. 104].

Дар даврони вазирии Талбак Назаров заминаҳои ҳуқуқӣ ва назариявии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то ин давра қариб мавҷуд набуд, низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Аз ҷумла, як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳияву қабул гардиданд, ки ба масъалаҳои рушди сиёсати хориҷӣ ва таъминоти ташкилию сохтории он бахшида шуда буданд.

Масалан, соли 2002 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» қабул гардиданд, ки ҳам барои муайянсозии самтҳо, ҳадафҳо, авлавиятҳо, роҳу василаҳо, тактика ва стратегияи сиёсати хориҷӣ ва ҳам барои мақомоти хизмати дипломатӣ, ки ба хотири амалӣ намудани ин сиёсат фаъолият мекунад, аҳамияти зиёд дошт [18, с. 29]. Ин консепсия ва қонун аз зумраи аввалин санадҳои муайянкунандаи масири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Ҳамчунин, ба хотири ба вуҷуд овардани пойгоҳи ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ як силсила санадҳои зарурӣ таҳия ва қабул гардиданд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 Низомномаи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои асосии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлатҳои дигар аккредитатсия шудаанд, тасдиқ гардиданд. Дар баробари ин, санадҳои дигаре, аз қабили Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон (30 июли соли 1998) қабул гардиданд, ки фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии ҷумҳуриро дар самтҳои гуногун танзим менамуданд [61, с. 32-33].

Инчунин, соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки тартиби таҳиясозӣ, имзогузорӣ, ба тасвиб расонидан ва дигар амалҳои вобаста ба санадҳои байналмилалиро ба танзим даровард [18, с. 32].

Бояд қайд намуд, ки дар баробари санадҳои дар боло ишорашуда дигар санадҳо дар соҳаи мазкур низ дар ин давра (яъне аз соли 1994 то соли 2006) имзо ва қабул гардидаанд, вале муайянкунандаи масири сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ҳамин санадҳо мебошанд.

Ҳамин тавр, дар давраи вазирии Талбак Назаров заминаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мустаҳкам гардида, хизмати дипломатӣ дар Тоҷикистон ба шакли муайян даромада, фаъолияти ВКХ ва муассисаҳои хориҷии ҷумҳурӣ ба маҷрои муайян ворид гардид.

Яке аз хизматҳои дигари Т. Назаров дар даврони вазирӣ ин иштироки ӯ дар гуфтушунидҳои миёни тоҷикон ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ аз моҳи январи соли 1996 то ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» (27 июни соли 1997) ба ҳисоб меравад.

Худи ӯ роҳбарии худро ба ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот давраи душвор, аммо пурсамари фаъолияти хеш медонад: «Хушбахтона миссияи ман дар ин вазифа бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар соли 1997 ба итмом расид» [134].

Академик Фозил Тоҳиров дар яке аз мақолаҳояш вобаста ба ин мавзуъ бамаврид қайд кардааст, ки «дар ҳақиқат тамоюлҳои посдории сулҳ, ҳамгирой ва дигар равандҳо бе иштироки фаъолонаи Талбак Назаров дар онҳо, ҳамчун роҳбари мақомоти сиёсати хориҷии кишвар ва ҳамчун як арбоби давлатӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ сурат гирифта наметавонистанд. Ӯ дар ҳақиқат яке аз онҳоест, ки сиёсати пешгирифтаи ҳукумат ва Президенти кишвари аз ҷониби мардум интихобшударо ба таври суботкорона амалӣ карда, тамоми кӯшишро ба харҷ додааст, то Тоҷикистонро аз муқовимати мусаллаҳона бароварда, ризоияти миллӣ ба даст оварда шавад» [30, с. 47].

Дар баробари вазир Т. Назаров дигар кормандони масъули ВКХ низ дар ташкил ва гузаронидани гуфтушунидҳо фаъолона иштирок карданд, ки ин худ исботи ба таври дуруст ба роҳ мондани кор ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият дар ин мақомот аз тарафи роҳбари он мебошад.

Ҳамин тавр, Т. Назаров тӯли 12 сол мақоми вазири корҳои хориҷиро бар дӯш дошт, ки бидуни шак шаҳодати эътимод ва эътиқоди роҳбарият ва Ҳукумати кишвар ба шахсият ва қобилияти созмондиҳии ӯ маҳсуб мешавад.

Дар ин бора дар китоби «Многовекторная дипломатия Таджикистана» омадааст, ки: «Ҳаёт нишон дод, ки дар ин ҳолат интихоби Президент хеле дақиқ ва муваффақона буд. Дар тӯли ин давра, Талбак Назаров аз аввал то ба охир ба халқ ва Ватани худ содиқона ва фидокорона хидмат карда, дастурҳои Сарвари давлатро бо ҳисси масъулият ва касбияти баланд ба ҷо меоварл» [96].

Дар баробари ин, ҳангоми дар мансаби вазирӣ қарор доштанаш, барои кормандон ӯ ҳамчун як роҳбари намунавӣ ба ҳисоб мерафт. Муносибати ӯ бо кормандони вазорат гарму самимӣ буда, нисбати ҷавонон муносибати падарона мекард. Ӯ мутахассисони хубро қадр мекард. Дар ҳама ҷое, ки ӯ фаъолият намудааст, рафтораш чунин буд ва аз ҳамин хотир имрӯз ҳам дар доираҳои илмӣ ва ҳам дар сохторҳои давлатӣ шогирдони зиёде дорад [27, с. 79].

Масалан, дар ин бора дар китоби «Многовекторная дипломатия Таджикистана» чунин омадааст: «Вақте ки Талбак Назарович вазири корҳои хориҷӣ буд, бо як боварии комил ӯ масъулияти бузургро ба дӯши дипломатҳо мегузошт. Бо эътимоди худ, ҳамчун роҳбари хирадманд, ба дипломат имкон медод, ки ташаббус нишон дода, мустақилона роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷориро ҷустуҷӯ кунад. Ба туфайли ин эътимод мо тавонистем ҳатто корҳоеро анҷом диҳем, ки ғайриимкон менамуданд. Албатта, коре, ки ба эътимод асос ёфтааст, дар худ таҳкурсии мустаҳкам дорад. Ин аст, ки сарфи назар аз имкониятҳои маҳдуди мавҷуда, дипломатҳои мо тавонистанд дар ҳама соҳаҳо муваффақ шаванд» [31, с. 47].

Як хислати ибратпазири дигари Талбак Назаров барои шогирдонаш дар даврони вазирӣ ҳамин аст, ки ӯ умуман ҳашамату дабдаба ва карруфарро нағз намебинад. Баръакс, фикр мекунад, ки утоқи корӣ шахси роҳбарикунандаро зебо намегардонад, балки шахси роҳбарикунанда онро зебо мегардонад. Академик Талбак Назаров оид ба ин мавзуъ дар яке аз мубоҳисаҳояш чунин қайд намудааст: «Ман умуман шукуҳу шаҳомат ва карруфарро нағз намебинам. Аз тарафи дигар, медонам, ки бисёре аз шахсони мансабдор, баъд аз оне ки ба мансаб таъин мешаванд, аввал аз таъмир кардани утоқҳои кории худ сар мекунанд. Танҳо як чизро бояд гуфт, ки тамоми солҳои фаъолиятам дар утоқи кории Вазорати корҳои хориҷӣ будаам, ҳамон мебелҳое, ки дар даврони роҳбарии Абдулаҳад Қаҳҳоров дар Шурои вазирон дар он ҷо буданд, ман ҳам онҳоро истифода бурдам. Ман боварӣ доштам, ки пеш аз ҳама утоқи корӣ бояд тозаву озода бошад, шукуҳу шаҳомат ҳеҷ фоидае надорад» [138].

Одатан роҳбари ВКХ-ро ҳангоми сафарҳо якчанд нафар ҳамроҳӣ мекунад. Аммо Талбак Назаров кӯшиш мекард, ки ҳамроҳаш танҳо ҳамкоронашро гирад. Дар

солҳои аввал умуман танҳо рафта, ҷиҳати иқтисодии сафарҳоро ба назар мегирифт. Чунки буҷети кишвар на он қадар мустаҳкам буд ва намехост, ки он боз ҳам ноустувортар гардад. Пас аз чанд муддат Президент аз ин кораш хабардор шуда, ба ӯ гуфт, ки набояд ба сафар танҳо равӣ ва бояд ягон ёвар ҳамроҳат гирӣ. Бо вуҷуди ин, бурдани бағоҷи либосҳо, портфел ва иваз кардани костюм дар вохӯриҳо барои вазир аз рӯи қоида нест. Баъд аз ин, ҳамчун қоида дар сафарҳо ҳамроҳаш танҳо як корманди ВКХ-ро, ки дар ин ё он соҳа масъул буд, мегирифт. Тавре як ҳамкасби хитоияш дар яке аз вохӯриҳо ба ӯ гуфт, ки мехоҳад таҷрибаи иштирок кардани ӯро дар вохӯриҳои байналмилалӣ аз худ намояд. Ӯ дар ҳайрат монда буд, ки чи гуна ҳайати Тоҷикистон иборат аз ду нафар метавонад кореро анҷом диҳад, ки ин қадар корро намояндагиҳои иборат аз 20 нафара ба мушкили анҷом медиҳанд [68, с. 33].

Т. Назаров баъди фаъолияти пурсамар аслан бо хоҳиши худ аз мансаби вазири корҳои хориҷӣ ба истеъфо рафт. Хоҳиши ба истеъфо рафтанашро ду сол пеш ба Президент пешниҳод карда буд. Аммо президент баъд аз ду сол (30.11.2006) ба истеъфо рафтанаш розигӣ медиҳад. Худи академик Т. Назаров вобаста ба ин масъала чунин мегӯяд: «Ман аз мансаби вазирӣ бо иродаи худам рафтам. Хоҳиши ба истеъфо рафтанамро ду сол пеш ба Президент пешниҳод карда будам. Ман аллакай 70-сола будам ва аз кор кардан хеле хаста шудам, зеро 12 сол бе рӯхсатии меҳнатӣ кор кардам ва ба истироҳат ниёз доштам. Аммо Президент баъд аз ду сол ба истеъфо рафтанам розигӣ доданд» [68, с. 32-33].

Умуман, замони дар мансаби вазири корҳои хориҷӣ қарор доштан, ба Талбак Назаров муяссар гашт, ки бо бисёр шахсони обрӯманди сиёсатшинос ва ходимони давлатӣ вохӯрад. Ӯ ҳамеша Президентро ҳангоми сафарҳои хориҷияш ҳамроҳӣ карда, инчунин, ба сифати роҳбари ВКХ ба бисёр кишварҳои ҷаҳон сафари корӣ анҷом дода, бо президент ва ё роҳбарони сохтории кишварҳои ба монанди ИДМ, ИМА, Фаронса, Япония, ҶМЧ, Покистон, Ҳиндустон, Эрон, Туркия, Либия, Афғонистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон вохӯриҳо гузаронида, дар ташаккулу рушди муносибатҳои дуҷонибаю бисёрҷониба саҳми беандозаи худро гузоштааст.

Аз маълумотҳои дар боло овардашуда бармеояд, ки Талбак Назаров замоне роҳбарии ВКХ-ро бар душ гирифта, ба эҳёи сиёсати хориҷии кишвар шуруъ кард, ки рӯйдодҳои сиёсии кишвар дар солҳои 1991-1992 ва омилҳои берунае, ки онҳоро мутаҳаррик сохта буданд, ба нуфузи байналмилалӣ ва хусусан ба мавқеи он дар минтақа халали ҷиддӣ ворид намуда буданд. Масалан, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 20 апрели соли 2012 оид ба ташаккули сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ сухан ронда, аз ҷумла, чунин иброз намуда буданд: «…ба иллати оғоз ёфтани ихтилофоти дохилӣ, шиддат ёфтани он ва ниҳоят, забона задану доман паҳн кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мо бо мушкилоти зиёди мухталиф рӯ ба рӯ шуд» [135].

Аммо новобаста аз шароити мавҷуда ба Талбак Назаров муяссар шуд, ки сиёсати хориҷии пешгирифтаи Сарвари давлатро дар амал татбиқ намуда, дар таъсиси мактаби дипломатияи тоҷик саҳми арзандаи худро гузорад. Аз ҳамин хотир, имрӯзҳо Т. Назаровро ҳамчун пешоҳанги дипломатияи тоҷик ном мебаранд. Агар ба маънии дигар гӯем, Талбак Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷӣ на танҳо дар татбиқи сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистони тозаистиқлол нақши намоён гузошт, балки дар як муддати кӯтоҳ бо маҳорати хоси дипломатӣ байни кишварҳои Ғарбу Шарқ ва ҳамсояҳои дуру наздики ҷумҳурӣ муносибату равобити судмандеро ба роҳ монд ва дар ин замина барои ба вуҷуд овардани мактаби ҷадиди дипломатияи тоҷик заҳмати зиёд кашид. Имрӯз даҳҳо шогирдони баркамоли ин мактаб дар дохилу хориҷи кишвар дар вазифаҳои гуногуни дипломатӣ сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистонро пиёда месозанд ва аз мактаби Т. Назаров ба шоистагӣ номбардорӣ мекунанд [31, с. 12].

Масалан, дар китоби «Дипломатия Таджикистана» даврони вазирии Талбак Назаров чунин баҳогузорӣ шудааст: «Талбак Назарович, ки тӯли 12 сол дар вазифаи вазири корҳои хориҷӣ буд, дар бунёди пояҳои сиёсати хориҷии давлати мо, ҳимоя ва татбиқи манфиатҳои миллии кишвар дар арсаи минтақавӣ ва байналмилалӣ саҳми бузург гузоштааст. Бояд дар назар дошт, ки Талбак Назаров вазоратро дар як давраи душвору шадиди ҳаёти халқу давлат, ки зарурати

истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ, рафъи оқибатҳои даҳшатноки ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кишвар буд, роҳбарӣ кард. Соли 1996 аз як кишвар ба сафари корӣ ба хориҷа рафтам ва баъди даҳ сол ба кишвари дигар баргаштам, ки дар он ҷо сохтори мустаҳкам ва ҳокимияти пурқуввати президентӣ таъсис ёфта, субот ҳукмфармост ва иқтисод босуръат рушд мекунад» [19, с. 311].

Худи Талбак Назаров ин давронро чунин баҳогузорӣ кардааст: «Он солҳо душвор буд: дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ давом дошт, бинобар ин барои фикр кардан вақт набуд. Вақте ки ман омадам, вазорат чунин низом надошт, мо онро худамон бунёд кардем. Вазорат ниҳоят хурд буд, дар хориҷа амалан сафоратхонаҳо вуҷуд надоштанд, ҳамаи инро таъсис додан лозим буд. Мо мутахассис надоштем, бояд одамонро ёфта, интихоб карда, ба хондан мефиристодем. Аммо муҳимтар аз ҳама, мо бояд муносибатҳоро бо кишварҳои шарик беҳтар мекардем. Ман як консепсия доштам, ки ба кушодани сафоратхонаҳо давлатро маҷбур накунам, зеро шароити молиявии кишвар бад буд. Сафоратҳоямонро танҳо дар он ҷойҳое, ки зарур буд, кушодем» [69, с. 34].

Ҳамин тавр, дар ин давра Т. Назаров худро аз ҷумлаи давлатмардоне нишон доданд, ки барояшон манфиатҳои миллӣ, сарнавишти миллату давлатдории тоҷикон болотар аз манфиатҳои гурӯҳиву шахсист. Дар ин давра Т. Назаров аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ тавонистанд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд. Маҳз барои ҳамин, даҳҳо ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодоти Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд, ки дар он нақши Талбак Назаров низ хеле назаррасу арзишманд аст.

Аз таҳлилҳои боло ба хулосае омада метавонем, ки дар даврони роҳбарии академик Талбак Назаров ба ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳёи сиёсати хориҷӣ дар чанд самт сурат гирифта, дар натиҷа пойгоҳи мустаҳкаме барои амалӣ намудани он ба вуҷуд оварда шуд:

1. Иқтидори кадрии ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон пурқувват гардонида шуд;

2. Базаи моддию техникии ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, дар сохтори он раёсату шуъбаҳои нав таъсис дода шуд;

3. Шумораи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии кишвар дар хориҷа ба таври назаррас афзоиш ёфта, аксарияти онҳо соҳиби биноҳои нав гардиданд;

4. Кишвари мо бо 39 мамлакати ҷаҳон, ки то ин давра равобити дипломатӣ надошт (1994-2006), муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, аъзои 10 созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ гардид;

5. Асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва назариявии сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд оварда шуд;

6. Намояндагони ВКХ дар ташкил ва гузаронидани гуфтушунидҳои миёни тоҷикон фаъолона иштирок карда, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров аз моҳи январи соли 1996 то анҷоми он ҳайати ҳукуматиро дар гуфтушунид роҳбарӣ намуд, ки он бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997 (шаҳри Москва) ба итмом расид;

7. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун як субъекти мустақил ворид гардида, ҷойгоҳ ва мақоми худро дар он пайдо кард;

8. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дипломатияи муосири тоҷик марҳилаи ташаккулёбии худро гузашта, ба марҳилаи нави инкишоф қадам ниҳод.

## 2.2. Андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар баробари шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ ва номуайян будани самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар сафоратхона ва намояндагиҳои баъзе кишварҳои хориҷӣ, ки дар шаҳри Душанбе амал мекарданд, фаъолияташонро қисман маҳдуд карда, баъзеи дигарашон пурра фаъолияташонро қатъ намуданд.

Барои аз нав барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои ҷаҳон, инкишофи босуръати робитаҳои дипломатию сиёсӣ, ҳамкориҳои

тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздик, зарурати ҳарчи зудтар ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ доштани Консепсияи сиёсати хориҷӣ ва муайян кардани самтҳои асосии сиёсати хориҷиро тақозо мекард. Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 28 декабри соли 1993 ҳангоми суханронияш дар Иҷлосияи XVIII Шурои Олӣ дар ин замина гуфта буд: «...Моро дар аввал лозим аст, ки як консепсияи томи сиёсати беруниро дар даст дошта бошем, то равшан тасаввур карда тавонем, ки вазъи воқеӣ дар ҷаҳон чӣ гуна асту фаъолияти давлатамон дар арсаи байналхалқӣ ба кадом тарафҳо ва ба чӣ тарзе ҷараён гирад» [46, с. 78].

Аз ин рӯ, дар назди Т. Назаров, ки симмати ВКХ-ро дар он солҳо бар уҳда дошт, бисёр кори мушкил гузошта шуда буд. Зеро ӯро мебоист, ки бунёди назариявию амалии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро аз сифр оғоз намояд.

Ҳамин тавр, омодагӣ барои таҳияи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 дар ВКХ бо сарпарастии академик Т. Назаров сар шуда, як тарҳеро бо номи «Самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба вуҷуд оварда, ба ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд, ки он 24 сентябри соли 2002 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Дар натиҷа, консепсияи мазкур пойдевори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асос гузошта, принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки онро муайян намуд. Аммо дар амал татбиқ намудани онҳо дар ин давра бисёр мушкил буд. Зеро кишвари мо дар раванди барқароршавии баъдиҷангӣ ва гузариш қарор дошт. Инчунин, дар ин самт таҷрибаи кофии чандинсола ё стратегияи татбиқшуда надоштем.

Аз ин хотир, академик Талбак Назаров, ки симмати Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъулияти дар амал татбиқ намудани сиёсати хориҷиро бар уҳда дошт, стратегияву роҳҳои амалӣ  кардани онҳо ва кушодани гиреҳи сарбастатаринро дар ин самт доимо ба воситаи усулҳои илмӣ меёфт.

Махсусан, ӯ аз солҳои аввали вазирияш шуруъ карда, ақидаву назарияҳои худро вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар китобу мақолаҳо ва суханрониҳояш пешниҳод намуд, ки онҳо барои дар амал татбиқ намудани ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии муосири Тоҷикистон нақши калидӣ бозиданд.

Чуноне ки Рашид Алимов қайд менамояд, «Талбак Назаров бо масъулият нисбат ба супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон амал мекард. Президенти кишвар чун меъмори боистеъдод ва стратеги дурбини сиёсати хориҷӣ ба вазири корҳои хориҷӣ дар ҳалли вазифаҳои басо муҳиму нозук боварӣ дошта, вазир Т. Назаров ҳамчун олим ва ҳам дипломат онҳоро доимо бомуваффақият ва сарбаландона иҷро мекард. Барои кушодани гиреҳи сарбастатарини сиёсати хориҷӣ академик Т. Назаров доимо роҳҳои илмиро меёфт» [10].

Ба ақидаи Талбак Назаров дар ҷаҳони муосир сиёсати мутаносиби хориҷӣ муҳимтарин омили таъмини ҳамкории байналхалқии иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ мебошад. Дар айни замон дипломатияи хориҷӣ беш аз пеш ба як абзори бисёрқутбӣ ва универсалӣ табдил ёфтааст, ки тамоми самтҳои фаъолияти созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавиро фаро мегирад. Тавассути дипломатия таносуби манфиатҳои кишварҳое, ки субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд, таъмин карда мешавад. Тоҷикистон низ давлати соҳибистиқлол гардида, ба мадори ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии байналмилалӣ фаъолона ворид гардида, дар як муддати кутоҳ узви бисёр созмонҳои байналхалқии байниминтақавӣ ва минтақавӣ гашт. Тоҷикистон барои вусъат додан ва амиқ гардондани робитаҳои байнидавлатии сиёсӣ, иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ фаъолона ҷидду ҷаҳд карда истодааст [72, с. 5].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои алоҳида афзалиятҳои сиёсати хориҷии худ ва қобилияти таъсиррасонӣ ба таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои ҳаётиро ба назар мегирад. Чунончи, Талбак Назаров дар мақолаи худ иброз доштанд: «Яке аз шартҳои муҳими иҷрои созишнома дар бораи барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ ифтитоҳи намояндагиҳои дипломатӣ ва таъини сафирон мебошад. Васеъ ва амиқтар шудани муносибатҳои дуҷонибаи

Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ба ҳузури намояндагиҳои дипломатӣ дар ҷумҳурии мо низ вобаста аст. Ифтитоҳи намояндагиҳои дипломатии кишварҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба зарурати нигоҳ доштани муносибатҳои зичи байнидавлатӣ, таъмини густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, сиёсат, фарҳанг, тайёркунии кадрҳо ва табодули илмию техникӣ алоқаманд аст» [72, с. 7-8].

Дар ин росто, Тоҷикистон аз омили бунёдии он бармеояд, ки манофеи сиёсати хориҷии он универсалӣ буда, дар соҳаи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ чӣ дар Ғарб ва чӣ дар Шарқ мавқеи муайян пайдо кардааст. Ҳамзамон, зарур аст, ки суръати шарикии анъанавӣ дар соҳаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангию иттилоотӣ бо кишварҳои ҳамсоя, ки Тоҷикистон бо онҳо дар робитаи ягонаи иқтисодӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ қарор дорад, бояд ба суръати баланд афзоиш дода шавад. Ин вазъият моро водор мекунад, ки муносибатҳоямонро бо ҳамаи кишварҳои ИДМ ва пеш аз ҳама бо ҳамсояҳоямон дар минтақа пайваста ба роҳ монем [80, с. 10-11].

Мо андешаҳои Талбак Назаровро вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба панҷ самт ҷудо кардем, ки дар ҳар кадоме соҳа ва паҳлуҳои гуногун ба риштаи таҳқиқ кашида мешаванд.

**1. Фазои давлатҳои ҳамсоя.** Тоҷикистон бо эҷоди равобит бо ҳамсоягони худ саъй дорад ба ҳар иттиҳодияе шомил шавад, ки ба ҳамгироии минтақавӣ мусоидат мекунад. Масалан, ҳамкориҳои мо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба он асос ёфтааст, ки дар ҳоли ҳозир мо бисёр манфиатҳои муштарак ва вазифаву мушкилоти зиёде дорем, ки ҳамоҳангсозии ҳадафмандонаи амалиёти сиёсии тамоми давлатҳои минтақаро тақозо мекунад [131].

Набудани дастрасӣ ба баҳр ва дур будан аз бозорҳои ҷаҳонӣ хароҷоти нақлиёти транзитиро ба таври назаррас афзоиш дода, иштироки кишварро дар тиҷорати байналмилалӣ мушкил мекунад ва ба сатҳи камбизоатӣ дар кишвар бевосита таъсир мерасонад. Дар ин замина омили асосие, ки метавонад барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар Тоҷикистон мусоидат кунад, ин

фаъолсозии ҳамкориҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама бо кишварҳои ҳамсоя мебошад [78, с. 31].

Бо дарназардошти ин вазъ Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки пешрафти ҳадди аксарро дар расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола таъмин намояд. Дар солҳои охир кишвар дар роҳи иҷрои як қатор ҳадафҳо ба пешравиҳои воқеӣ ноил гардида, барои эҷоди талошҳои минбаъда дар ин самт замина гузошт. Дар ҳамин ҳол, мо бар ин назарем, ки дурнамои суботи дарозмуддат дар Осиёи Марказиро дар ҷудо аз рушди ҳамгироии минтақавӣ баррасӣ кардан ғайриимкон аст [75, с. 29].

Аз ин рӯ, вазифаи афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки дар тамоми масири сарҳади ҷумҳурии мо як навъ камарбанди эътимод ва ҳамсоягии нек ба вуҷуд ояд [76, с. 34]. Мо бовар дорем, ки ноил шудан ба ин ҳадаф метавонад Осиёи Марказиро ба як минтақаи аз ҷиҳати энергетикӣ, сӯзишворӣ ва озуқаворӣ амалан худкифокунанда ва минтақаи босуръат рушдёбандаи ҷаҳон табдил диҳад [75, с. 32].

Тоҷикистон, ки ба ҳамкорӣ бо ҳамсоягони худ афзалияти муайян дода, ҳамзамон, пайваста эълом мекунад, ки доктринаи сиёсати хориҷии худ бисёрҷониба буда, бо тамоми кишварҳое, ки барои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар ва муносибатҳои дӯстона ҳавасманданд ва дар заминаи манфиатҳои тарафайн асос ёфтаанд, ба ҳамкории баробарҳуқуқ омода аст. Чунон ки қайд карда шуд, маҳз дар асоси ҳамин принсипҳо муносибатҳои мо бо аксарияти давлатҳо, пеш аз ҳама бо ҶМЧ инкишоф меёбанд. Дар ин шароит хеле муҳим аст, ки кишварҳои ҳамсоя механизмҳои боэътимоду мустаҳками байнидавлатиро дошта бошанд. Яке аз чунин механизмҳо бешубҳа шарикӣ дар сатҳи мақоми стратегӣ мебошад [77, с. 11-12]. Дар ин замина, ба фаҳмиши ман, ҳамкорӣ бо Чин як ҳолати махсус, ҳатто табиист. Маҳз фарқияти Чин аз дигар кишварҳо дар он аст, ки муносибатҳои худро бо ҳамсояҳои худ, сарфи назар аз андозаи кишвар ва вазъи иқтисодии онҳо, дар асоси баробарҳуқуқӣ, эҳтироми мутақобила, бидуни ҳар гуна ҳавобаландӣ, такаббур, нафрат ва бартарият додан ба худ бунёд мекунад [133].

ҶМЧ яке аз аввалин кишварҳоест, ки истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва бо он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, ба Тоҷикистон ҳамеша дастгирӣ ва кумаки бародарона мерасонад. Далели барҷастаи дӯстии ду кишвар он аст, ки Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сарвари давлат нахустин сафари расмии хориҷии худро ба Чин анҷом дод [34, с. 139].

Дар таърихи муосир муносибатҳои байни халқҳои Чин ва Тоҷикистон тарҳҳои мушаххасе доранд, ки ҳамкориҳоро дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ амиқтар мегардонанд.... [113]. Бо кумаки мутахассисони чинӣ ва сармоягузории Чин роҳҳои мошингард, нақбҳо, хатҳои барқӣ, корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд ёфта, корхонаҳои куҳнаи истеҳсолӣ аз нав сохта ва ба истифода дода мешаванд... Албатта, ҳамаи ин олист (идеалӣ), вале алҳол Тоҷикистон омили дур будан аз бозорҳои ҷаҳониро ба таври ҷиддӣ ҳис карда, хароҷоти калони транзитию нақлиётиро ба душ гирифтааст, ки ба иштироки самарабахши он дар тиҷорати байналмилалӣ халал мерасонад. Бинобар ин, мо ба ҳамкорӣ бо Чин афзалият ва хусусияти стратегӣ дода, бо дарназардошти он, ки ин кишвар ҳамсояи мост ва чунон ки худи дӯстони чиниамон мегӯянд, моро кӯҳҳои баланду дарёҳои тезу тунд мепайванданд. Маҳз тавассути ҳамин кӯҳҳои баланд коршиносони тоҷику чинӣ роҳеро, ки шоҳроҳи асосии тиҷоративу иқтисодӣ гардид, **«бурида»** буданд [114].

Ҳоло, ки дар асри XXI зиндагӣ карда истодаем, мебинем, ки имрӯз бо тавсеа ва амиқтар шудани ҳамкориҳои байни кишварҳоямон роҳи бостонии абрешим на танҳо эҳё мешавад, балки долони нави худро боз карда, ба яке аз шоҳрагҳои марказӣ табдил меёбад, ки тавассути он ҳарчи бештар тиҷорати судманд, мубодилаи илмию техникӣ ва маданӣ ба амал бароварда хоҳад шуд. Дар ин замина, Тоҷикистони муосир дубора имкон пайдо мекунад, ки тавассути **«долони роҳи абрешим»** дарҳои худро ба гардиши босуръати молу маҳсулот аз Чин ба Осиёи Марказӣ ва дигар кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ боз кунад. Дар ин ҳама мо мебинем, ки чӣ гуна равандҳои таърихии марбут ба равобити тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ имрӯз ба як навъ пули байни гузашта, имрӯз ва оянда табдил ёфта истодаанд [70, с. 11-12].

Тоҷикистонро бо ҳамсояи ҷанубиаш омилҳои зиёде мепайвандад. Мо як гузаштаи таърихӣ дорем, марзи муштараки зиёда аз 1387 километр тӯлкашида ва миёни мо монеаи забонӣ нест. Таҷрибаи ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахше мавҷуд аст, ки дар давраи шуравии таърихи мо ғанӣ гардидааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мусоидат ба мардуми афғон дар амалиёти башардӯстона, ки дар асоси ҳамкории мутақобилаи ҳафт кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудааст, шароити заруриро барои интиқоли кумаки башардӯстона ба Афғонистон тавассути қаламрави кишвари мо фароҳам созад [71, с. 20]. Мо ҳамсоя ҳастем, умумияти зиёде дорем, ки ин ба мо имкон медиҳад, ки дар соҳаи иқтисодиёт, фарҳанг, маориф ва тиб ҳамкории зич ва самарабахшро ба роҳ монем. Набояд нодида гирифт, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Афғонистон бартариҳои худро дорад. Ба ин ҷо наздик будани масофа, забони умумӣ, набудани хароҷоти баланди нақлиётӣ барои моли ба Афғонистон овардашуда ва ғайра таъсир мерасонад. Мо дар Тоҷикистон итминон дорем, ки дар оянда имкони густариши ҳамкориҳои худро бо Афғонистони озоду бетараф ва мустақил хоҳем дошт [71, с. 22-23].

Ҳамин тавр, Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ афзалиятро барои ҳамкорӣ кардан бо давлатҳои ҳамсоя, махсусан, кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҶМЧ ва Афғонистон медиҳад. Зеро дар замони муосир ва сиёсати ноустувори байналмилалӣ мустаҳкам кардани муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии дилхоҳ давлати ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

**2. Фазои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил.** Сиёсати мо – сиёсати ошкорбаёнӣ мебошад. Мо ҳамеша таъкид менамоем, ки мо барои ҳар як давлат боз ҳастем ва барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳама соҳаҳо омодаем. Аммо, мо аз касе пинҳон намедорем, ки Федератсияи Россия шарики стратегии Тоҷикистон буд ва боқӣ мемонад... Аз нигоҳи сиёсӣ муносибатҳои мо бо Россия махсусанд. Дар ягон санади сиёсие, ки Россия бо кишварҳои ИДМ (ба истисноси Беларус) имзо кардааст, шумо ба мафҳуми иттифоқчӣ во намехӯред. Одатан сухан дар бораи шарикӣ меравад. Дар санаде, ки роҳбарони Россия ва Тоҷикистон имзо кардаанд, маҳз **«иттиҳод»** эълом

шудааст. Ин муқаррарот барои таҳкими равобити Россия ва Тоҷикистон дурнамои бузургро боз мекунад [84, с. 24].

Ба ақидаи Талбак Назаров якчанд омилҳои таърихӣ вуҷуд доранд, ки моро бо Россия ҳам имрӯз ва ҳам дар оянда шарик мекунанд. Мо дар як давлат зиндагӣ мекардем, дар иқтисод, маориф, фарҳанг фазо ва тафаккури ягонаро ташаккул додем. Кӯшиши ҳама чизро аз сифр оғоз кардан, нарм карда гӯем, беақлона мебуд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки истилоҳи **«шарикии стратегӣ»** тавсифи мувофиқтарини вазъи муносибатҳои мост. Тавассути ин консепсия мо на танҳо ҳамкориҳои муҳтавои ҳарбӣ-техникӣ ё ҳарбию сиёсӣ доштаро, балки мушкилоти башардӯстона, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ғайраро низ татбиқ мекунем [92, с. 60].

Вазъияти низомию сиёсиеро, ки пас аз ба даст овардани истиқлоли Тоҷикистон ба вуҷуд омад, ба ёд оред. Ҷанги шаҳрвандӣ моро маҷбур кард, ки ҳамкории ҳарбию техникиро ба мадди аввал гузорем. Қаблан дар Тоҷикистон марзбонони рус буданд, ки дар таъмини амнияти берунии мо саҳми бузург гузошта, дар безарар гардонидани қочоқи маводи мухаддир саҳм гузоштаанд. Дар мо дивизияи 201-ум ҷойгир аст. Илова бар ин, дар қаламрави мо Россия аллакай як иншооти муҳими ҳарбӣ - истгоҳи «Окно» дар минтақаи Неругоҳи барқии обии Норакро гирифтааст. Ин иншооти беназирест, ки истифодаи он ба шумо имкон медиҳад, ки фазои на танҳо дар ИДМ, балки аз он ҳам васеътарро назорат намоед. Ниҳоят, мо бо Россия дар чаҳорчӯби Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ равобити бисёрҷониба дорем, ки ин имкон медиҳад ҳамкориҳоямонро боз ҳам фаъолтар созем. Чӣ дар рафти гуфтушуниди дутарафа ва чӣ дар доираи робитаҳои бисёртарафа мо ҳамеша забони умумӣ меёбем ва масъалаҳоро ба таври нек ва ба хубӣ ҳал мекунем [140].

Ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистон дар сатҳи хеле пешрафта қарор дорад. Мо бо Қазоқистон гардиши молии калон дорем, ки аз он ҷо Тоҷикистон сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, ғалла ва дигар молҳоро мегирад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки равандҳои ҳамгироии байни кишварҳои мо, хусусан дар соҳаи иқтисодиёт боз ҳам фаъолтар бошанд. Ба фикрам, барои ин захираҳо бисёранд.

Мо дар сатҳи вазоратҳои корҳои хориҷӣ робитаҳои зич ба роҳ мондаем, ки ба мо имкон медиҳанд, ки мавқеву амалҳои худро дар доираи СММ, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба вақташ ҳамоҳанг созем. Фикр мекунам, ки дар роҳи рушди ҳамкориҳои Қазоқистону Тоҷикистон ҳеҷ монеа вуҷуд надорад. Мо метавонем дар соҳаи металлургияи ранга, энергетика, захираҳои об ҳамкорӣ кунем. Зиёда аз ин, мо низоми ягонаи энергетикӣ дорем [145].

Ҳамин тавр, мавқеи давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, махсусан, Федератсияи Россия ва Қазоқистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон то ба сатҳи шарикии стратегӣ расидааст, ки ин гувоҳи боварию эътимод доштани ин кишварҳо ба якдигар мебошанд.

**3. Фазои кишварҳои Шарқи мусулмоннишин.** Дар Тоҷикистон муносибати муайяни фарҳангӣ ва таърихӣ барои доштани равобити наздики дӯстона бо Эрон вуҷуд дорад. Гап дар бораи умумияти забон, маданият, адабиёт меравад, вале на дар бораи наздикии идеологӣ. Дар ин самт наздикшавӣ нест ва шуда ҳам наметавонад. Тоҷикистон давлати дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Аз ин рӯ, мо ва Теҳрон дар идоракунии давлатӣ бархӯрдҳои мухталиф ва ақидаҳои мухталиф дорем. Аммо ин чунин маъно надорад, ки мо имкониятҳои ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмию техникӣ ва иқтисодиро васеъ накунем. Қадами аввал ва муҳим дар ин самт ширкати Эрон дар сохтмони неругоҳи барқии обии Сангтӯда-2 буд. Ғайр аз ин, Эрон дар сохтмони нақби Анзоб кори ҳақиқатан бузургеро анҷом додааст, ки ин амалро истиқбол мекунем. Дар соҳаи иқтисодӣ набояд идеология вуҷуд дошта бошад ва дар ин замина кишвари мо ҳамкориро бо Эрон идома медиҳад ва аз он пуштибонӣ мекунад. Зимнан, Тоҷикистон ва Эрон узви як қатор созмонҳои минтақавӣ, ба монанди Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони Ҳамкории Исломӣ ҳастанд [34, с.117-118], ки барои рушди минбаъдаи муносибатҳои тарафайн саҳми беандоза хоҳанд гузошт.

Ҳамин тавр, Тоҷикистон новобаста аз мухолифати идеологӣ бо Эрон таърихан равобити наздики дӯстона дорад. Зеро мо бо онҳо умумияти таърихӣ, забонӣ, маданият ва адабиёти ягона дорем. Аз ин рӯ, кишвари мо дар оянда бо

Эрон рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмию техникӣ ва иқтисодиро, ки дар он идеологияи мазҳабӣ ҷой надорад, пуштибонӣ мекунад.

**4. Фазои кишварҳои манфиатдор.** Дар яке аз маводҳои таҳлилии худ, Талбак Назаров ҳамчун доктори илмҳои иқтисодӣ менависад, ки: «Ҷустуҷӯи роҳҳои вусъат додани ҳамкории иқтисодӣ бо давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА, минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором ва хусусан бо Ҷопон ба назар мувофиқ аст» [35, с. 6]. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки дар солҳои пешбурди сиёсати хориҷии кишвар низ ин фикрҳои худро баҳри пешбурди иқтисодиёти миллӣ ва некуаҳволии мардум амалӣ мекардааст.

Дар самти Осиёӣ чунин кишварҳо, ба мисли Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, ҶМЧ ва баъзеи дигар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки дар рафти ба амал баровардани ислоҳоти иқтисодӣ ба дараҷаи баланди самарабахши идоракунӣ ноил гаштаанд, метавонанд шарикони афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои хориҷи наздик ва дур, пеш аз ҳама, боназардошти манфиатҳои иқтисодӣ ва мақсаднокии сиёсӣ дошта, ҳамкориҳои судманд дошта бошад [81, с. 29].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ дар доираи «Муколамаи Осиёи Марказӣ + Ҷопон» дар соҳаи амнияти минтақавӣ, ки унсури асосии он мубориза бо паҳншавии ғайриқонунии маводи мухаддир мебошад, ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад... Ин мушкилот, махсусан, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон дорои марзи тӯлонӣ мебошад, аҳамияти муҳим дорад» [20, с. 120].

Миқёс, мураккабӣ ва ҳадафҳои дарозмуддат дар соҳаи таҳкими амнияту субот зарурати бархӯрди ҳамаҷониба ба татбиқи ҳамкориҳои гуногунҷанбаро барои безарар гардонидани таҳдиду хатарҳои нав дар ҷанбаи минтақавӣ бо нақши пешбарии худи давлатҳои Осиёи Марказӣ тақозо мекунад. Ҳамзамон, мехоҳам таъкид намоям, ки «Муколамаи Осиёи Марказӣ + Ҷопон» ба мо имкони беназир медиҳад, ки манфиатҳои миллиро бо ғамхории муштарак барои табдил додани минтақаи Осиёи Марказӣ ба қаламрави сулҳу субот ва шукуфоӣ муттаҳид созем [20, с. 122].

Мо ҳама иқдомҳои Ҷопонро дар чаҳорчӯби «Муколама»-и имрӯза истиқбол ва дастгирӣ мекунем, аз он бармеояд, ки «захмҳои» иқтисоди мо (дар назар Тоҷикистон аст) хеле амиқанд, ки онҳоро танҳо бо «сузандоруҳои дохилӣ» табобат кардан ғайриимкон аст. Имрӯз, беш аз пеш, сармоягузориҳо барои пурра кардани имкониятҳо ва захираҳои дохилӣ заруранд [34, с. 163].

Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2001 [127] дар ИА намояндагии дипломатии доимии худро надошта, сафорати кишвар дар он минтақа танҳо дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Австрия фаъолият мекарданд. Аз ин хотир, Талбак Назаров вазъи ҳамкориҳоро хуб дарк карда, дурнамои онро чунин шарҳ дода аст: «...ба раванди таҳкими муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИА бояд аҳамияти аввалиндарача дод. Набудани намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо сатҳи ҳамкориҳои моро бо кишварҳои узви ин иттиҳодия ба таври қобили мулоҳиза коҳиш медиҳад. Мо набояд фаромуш кунем, ки кишварҳои ИА донорҳои асосии созмонҳои байналмилалии башардӯстона мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро баҳри дар оянда васеътару амиқтар гардонидани ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои аврупоӣ дорад, ки онҳо метавонанд шарикони фаъол дар самти эҳё ва ташаккули минбаъдаи иқтисоди кишвар шаванд» [81, с. 29].

Бо дарназардошти ин вазъият, инчунин, мавқеи ҷуғрофӣ ва геополитикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон муддати тӯлонӣ аз назари кишварҳои узви ИА аз нигоҳи рушди ҳамкориҳои воқеии иқтисодӣ дур монда буд. Дар баробари ин, мехоҳам таъкид намоям, ки пас аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 бисёре аз созмонҳои байналмилалӣ ва як қатор кишварҳои узви ИА муносибати худро нисбат ба Тоҷикистон тағйир дода, ҳарчи бештар зарурати тавсеа ва амиқсозии ҳамаҷонибаи ҳамкории иқтисодӣ бо онро оғоз намуда истодаанд. Ба шарофати тамоюли инкишофи устувори солҳои охир дар Тоҷикистон рушди назарраси иқтисодӣ мушоҳида шуда, мутаносибан ҳаҷми содирот ба кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, ба кишварҳои узви ИА меафзояд [73, с. 21]. Ҳукумати Тоҷикистон дарк мекунад, ки мушкилии рушди иқтисодӣ бештар ба фаъолсозӣ ва имконоти ҳамкориҳои байналмилалӣ ва махсусан минтақавӣ, тавсеа ва амиқсозии

равобити тиҷоратӣ на танҳо бо кишварҳои ҳамсоя, балки бо кишварҳои узви ИА низ вобаста аст [73, с. 22-23].

Ҳамин тавр, вусъат додани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, ҶМЧ ва баъзеи дигар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зеро ин давлатҳо метавонанд шарикони фаъол дар самти ташаккул ва рушди минбаъдаи иқтисоди кишвар шаванд.

**5. Созмонҳои байналмилалӣ.** Барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муҳимтарин созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ бо мақсади истифодаи иқтидори ҳамгироии онҳо барои суръат бахшидан ба таҳкими раванди рушди баъдиҷангӣ (манзур ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аст), фароҳам овардани механизмҳои зарурии бозорӣ бо инфраструктураи муосири пешрафта дар кишвар аҳамияти бузург дорад. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти худ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (минбаъд ИДМ), Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё, Панҷгонаи Шанхай, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (минбаъд СҲИ), Созмони Конфронси Исломӣ афзалияти бузург медиҳад. Ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ин созмонҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ метавонад натанҳо робитаҳои бисёрҷонибаи ҷумҳуриро густариш бахшад, балки барои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварад. Аммо ин маънои онро надорад, ки Тоҷикистон ба рӯи тамоми ҷаҳон боз набошад [35, с. 5-6].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон узвият дар СҲИ аҳамияти бузург дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 1992 узви ин созмони бонуфуз гардид. Иштироки фаъолонаи кишвари мо дар фаъолияти СҲИ метавонад дар рушди иқтисодиёти миллӣ, ворид шудан ба низоми иқтисодии минтақа нақши назаррас бозад. Аҳамияти рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи СҲИ, ҳамчунин, аз он вобаста аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти мутлақи давлатҳои аъзои созмон ҳамсоя мебошад [76, с. 34]. Ҳамкории Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи СҲИ метавонад дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамгироии он ба низоми иқтисодии минтақа нақши муҳим бозад [72, с. 6].

Тавре ки маълум аст, солҳои охир коршиносон ва олимони соҳаи сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ фаъолияти ИДМ ва иқтидори онро бештар зери танқид гирифта, бесамар арзёбӣ мекунанд. Вале академик Талбак Назаров ИДМ-ро аз дигар паҳлу баҳогузорӣ карда, менависад, ки: «Сарфи назар аз баъзе тамоюлҳои бuҳронӣ, иқтидори ИДМ ҳанӯз бузург аст. Гузашта аз ин, мавҷудияти Иттиҳод дар марҳилаи кунунӣ судманд боқӣ мемонад, зеро тавсеаи як қатор самтҳои ҳамгироӣ ба рушди дахлдори давлат, инчунин, имкони мутобиқшавии бештари қобили қабул дар заминаи ҷаҳонишавӣ ба он такони муҳим медиҳад. Тавре ки шумо медонед, дар баробари Иттиҳод сохторҳои дигари ҳамгироӣ дар фазои пасошуравӣ вуҷуд доранд, аммо онҳо дар баробари таъмини ҳамгироии амиқтар дар самтҳои интихобшуда, ба ҳеҷ ваҷҳ на аз лиҳози шумораи иштирокчиёни давлатҳо ё на ба соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ ба ИДМ баробар шуда наметавонанд. Солҳои охир ҳамкориҳо вусъат ёфта, соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва ғайраро дар бар мегирад. Яке аз механизмҳои амалисозии ин вазифаҳо, албатта, Хазинаи байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи кишварҳои узви ИДМ мебошад, ки ҳар сол дар кишварҳои ИДМ бештар чорабиниҳо баргузор намуда, ходимони фарҳанг, илм ва маорифро муттаҳид мекунанд» [69, с. 34].

Вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров дар ҳамоишу конференсияҳои гуногунсатҳи САҲА ҳамасола иштирок намуда, аз аҳамияти ҳамкориҳои ин созмон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкид кардааст. Кӯшишҳои САҲА ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти Тоҷикистон ва атрофи он дар низоми авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвари мо мақоми хос дорад. Аз лаҳзаи таъсисёбӣ дар соли 1994, Намояндагӣ дар ҳама соҳаҳои инкишофи ҷомеаи мо - аз мусоидат ба дигаргуниҳои демократӣ то саҳмгузорӣ дар раванди ҳаллу фасли низои миёни тоҷикон фаъолона иштирок мекунад [4].

Мо ба ҳамкорӣ бо САҲА ва ниҳодҳои он аҳамияти хос қоилем ва бештар ниятҳои худро дар мавриди ҳалли вазифаҳои ҷорӣ дар соҳаи демократикунонии ҷомеа бо онҳо пайванд медиҳем [5].

Тоҷикистон ба таҳкиму густариши минбаъдаи ҳамкориҳо бо САҲА аҳамияти калон дода, онро ба сифати созмони муҳиме, ки барои дастгирии сулҳ ва амният дар минтақа масъул аст, мешиносад [6].

Дар шароити ҳозираи ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ, масъалаи афзалиятноки ташвиши Тоҷикистон на танҳо амният аз таҳдидҳои беруна, балки ҷустуҷӯи кафолати амнияти миллӣ аз дигаргуниҳои ҷиддии харобиовари ногаҳонӣ мебошанд. Мо ба хубӣ дарк мекунем, ки кафолати байналмилалии суботнокӣ хислати муҳимро дорост. Ин дарккуниҳо ба ҳадди имкон рӯзмарра будани рушд ва таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар назар дорад [7].

Талбак Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷӣ аз лаҳзаҳои аввал дар таъсисдиҳии Созмони ҳамкории Шанхай (минбаъд СҲШ) фаъолона иштирок дошта, дар зинаҳои баъдии ташаккулёбии он низ бетараф набуд. Тоҷикистон яке аз муассисони СҲШ аст. Ҳифзи сулҳу субот дар минтақа, муборизаи муштарак бо терроризми байналмилалӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, дурнамои ширкат дар ҳамкориҳои минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои васеи Авруосиё, ҷалби сармояи иловагии хориҷӣ ба бахши гидроэнергетикии кишвар, имкони азхудкунии муштараки сарватҳои табиии кишвар заминаи асосӣ барои иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ табдил ёфт.

Дар як муддати кутоҳи таърихӣ равобити Тоҷикистон бо шарикони СҲШ дар доираи рушди таҳаввулоти созмон ба таври қобили мулоҳиза густариш ва амиқтар гардид. Ҳоло ин созмон имкон ва иқтидори худро дорад, то дар самти тавсеаи минбаъдаи ҳамкорӣ бо кишварҳои узв ба марҳалаҳои баландтар бирасад. Боварӣ дорем, ки Тоҷикистон ва СҲШ тамоми имкониятҳоро доранд, ки ҳамкориҳоро на танҳо дар заминаи рушди иқтисодӣ, ки хеле муҳим аст, балки дар мубориза бо терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва таъмини сулҳу амният дар минтақа идома диҳанд [149].

Ҷузъи иқтисодии ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби СҲШ барои Тоҷикистон бисёр аҳамияти муҳим дорад. Бо таъсиси СҲШ назарияи эҳёи «Роҳи бузурги абрешим» воқеан ба ҷанбаи дар амалия татбиқ шуданаш гузашт... Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар фазои ҷуғрофии СҲШ мақоми марказиро ишғол мекунад. То 60%-и муомилоти моли кишвар ба давлатҳои узви СҲШ рост меояд.

СҲШ як имконияти беназир барои ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҷоди соҳаҳои муосири иқтисодиёт ва истеҳсолот дар шароити бозоргонӣ, ташаккули қабати нави қувваи кории соҳибихтисос, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ мебошад [34, с. 177-179].

Як самти муҳими дигари ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби СҲШ метавонад рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон бошад, ки воситаи муассири тавсеаи заминаи мавҷудаи иқтисодӣ, фароҳам овардани шароит барои шуғли аҳолӣ ва афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ мебошад. Таҷрибаи Чин ва Россия дар соҳаи сайёҳӣ метавонад ба кишвари мо дар беҳбудӣ ва рушди инфрасохтор, нақлиёти ҳавоӣ ва меҳмонхонаҳо, инчунин, коммуникатсия, таъмини оби нӯшокӣ ва меъёрҳои санитарию беҳдоштӣ мусоидат кунад. Тоҷикистон дар оянда метавонад ба яке аз марказҳои сайёҳии кӯҳӣ ва экологӣ дар фазои СҲШ табдил ёбад [93, с. 40].

Яке аз шартҳои муҳими рушди иқтисодӣ густариш ва амиқтар кардани ҳамкориҳои минтақавӣ ва serминтақавӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҳамгироии иқтисодӣ аҳамияти хоса дода, дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ, аз қабили ИДМ, СҲШ, СҲИ ва СКИ (ҳоло СҲИ) ба мадори ҳамкориҳои байналмилалӣ шомил гардид. Ҳамаи ин ташкилотҳо ҳуҷҷатҳои оинномавию барномавии худро доранд, ки сатҳи ҳамкории бисёрсамтаи байналмилалиро танзим мекунанд. Ҳамзамон, тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ тавассути равишҳои минтақавӣ дар самти афзалиятнок бояд ба миён гузошта шавад [79, с. 49].

Ҳамин тавр, Т. Назаров нозукиҳои дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосирро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондан ва дар амал татбиқ намудани онро чунин пешниҳод кардааст: «Барои сиёсати хориҷии кишваре мисли Тоҷикистон чӣ муҳим аст? Кишвари мо вазифадор аст, ки тамоми қувваашро ба харҷ диҳад, то ки бо ҳама муносибати хуб дошта бошад. Ҳатто агар баъзе аз ин кишварҳо нисбат ба мо ягон кинаву адоват ҳам дошта бошанд. Барои тағйир додани

нуқтаи назарашон бояд бо онҳо ҳамкорӣ кард. Дар мулоқоту гуфтушунидҳо ҳеҷ гоҳ набояд мавқеи кишвари сеюмро ба интиқод гирифт. Мо набояд манфиатҳои миллии худро қурбон кунем. Ин манфиатҳоро дағалона не, балки ба таври моҳирона ҳимоя кардан лозим аст» [68, с. 33].

Чуноне, ки ӯ дар натиҷаи таҳқиқоту таҷрибаи ғании худ менависад: - Пас аз эълони истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи фаъоли сиёсати хориҷии худро пеш бурда истодааст, ки ба таҳкими нуфузи байналмилалии он, ташаккул ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо даҳҳо кишварҳои хориҷи дуру наздик, инчунин, бо бисёр давлатҳои ҷаҳон ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии байналмилалӣ нигаронида шудааст. Дар маҷмуи ин муносибатҳо ташаккул, рушд ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ бо тамоми шарикон дар асоси принсипҳои манфиати мутақобила ва ҳамдигарфаҳмиро ҳамчун авлавият пешбинӣ менамояд [76, с. 34].

Аз фаъолияти пурсамар ва андешаҳои академик Талбак Назаров хулоса карда, бо чанд нукта ин қисмати рисоларо ҷамъбаст менамоем:

1. Ҳамкории кишварҳо дар доираи иттиҳодияи минтақавӣ ва зерминтақавӣ зери таъсири ҷаҳонишавӣ дар шароите аҳамияти бузург дорад, ки пеш аз ҳама муносибатҳои иқтисодиро фаро гирад.

2. Сарфи назар аз тамоми душвориҳое, ки ба тараққиёти мо халал мерасонанд, Тоҷикистон барои ҳамкории иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ бо ҳамаи он кишварҳое, ки таваҷҷуҳи самимӣ зоҳир менамоянд, кушода бошад. Дар ҳамин ҳол Тоҷикистон муваззаф аст, ки дар баробари таҳдидҳои афзояндаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таҳаммулпазирии кофӣ ва тавонмандии назорати сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодиро дар дасти худ нигоҳ дорад. Дар ин ҷо ҳам дар заминаи ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳам дар сатҳи созмонҳои минтақавию зерминтақавӣ пешбурди фаъолияти муваффақи сиёсию дипломатӣ низ хеле муҳим аст.

3. Ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамсоя ба он асос ёфтааст, ки мо дар баробари манфиатҳои муштарак вазифаву мушкилоти зиёде низ дорем, ки ҳамоҳангсозии ҳадафмандонаи сиёсати тамоми давлатҳои минтақаро тақозо мекунад.

4. Яке аз омилҳои муҳими рушди ҷумҳурии мо ҳамкориҳои густурдаи минтақавӣ, ҳамчунин, таҳкими шарикии мо бо созмону сохторҳои байналмилалӣ ҷиҳати дарёфти имконоту кумакҳои муайян мебошад. Аз ин рӯ, расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола сарҳадест, ки бояд онро гузарем, вале дар ин ҷода бояд пеш аз ҳама худамон ин вазифаҳоро ҳал намоем.

5. Ба ояндаи рушди муносибатҳои Тоҷикистону Чин бо умеди калон ва некбинона нигариста, бо вусъат додани сатҳи ҳамкориҳои бадастомада метавон боз натиҷаҳои зиёдеро соҳиб шуда, дар баробари ин, шарикии стратегӣ бо Чинро то ба сатҳи мақоми афзалиятноки стратегӣ расонем.

6. Ба раванди таҳкими муносибатҳои байни Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бояд аҳамияти аввалиндараҷа дод. Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро баҳри дар оянда васеътару амиқтар гардонидани ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои аврупоӣ дорад, ки онҳо метавонанд шарикони фаъол дар самти эҳё ва ташаккули минбаъдаи иқтисоди кишвар шаванд.

7. Чунин кишварҳо ба мисли Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, ҶМЧ ва баъзеи дигар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки дар рафти ба амал бароварданиислоҳоти иқтисодӣ ба дараҷаи баланди самарабахши идоракунӣ ноил гаштаанд, метавонанд шарикони афзалиятноки Тоҷикистон гарданд.

## 2.3. Саҳми академик Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997)

Даврони соҳибистиқлолӣ ва махсусан, давраи ҷанги шаҳрвандӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор шахсиятҳоеро сари кор овард, ки барои миллату сарзамин ва ваҳдати сартосарӣ ҷонфидоиҳои зиёде карда, ному пайкори худро дар таърихи навини тоҷикон бо ҳарфҳои заррин сабт намудаанд. Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки менависад: «Таърих ҳеҷ гоҳ дар фазои холӣ ба вуҷуд намеояд. Ҳар як саҳифаи он бо номи абармарде вобаста аст, ки бо гузашти вақт нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеаи хеш ва асрҳои минбаъда беш аз пеш равшан мегардад» [45, с. 344] ва номи онҳо ҳеҷ гоҳ аз хотираи мардум фаромуш намешавад.

Хушбахтона, чунин шахсиятҳо дар таърихи тамаддуни миллати тоҷик низ кам нест ва ҳар як марҳилаи он дорои чунин шахсиятҳои барҷаста буда, ҳар кадоми онҳо дар соҳаҳои гуногуни илму маърифат ва таъриху сиёсат чеҳраи дурахшоне дошта, бо осору хизматҳои худ дар байни мардум машҳур гардидаанд. Аз ҷумла, яке аз чунин шахсиятҳо академик Талбак Назаров мебошад, ки тамоми ҳастӣ ва ҳаёти худро ба хизмати халқу ватани азизамон ва ба даст даровардани сулҳу истиқрори миллатамон бахшидааст.

Яке аз хизматҳои муҳимтарини Т. Назаров дар назди ҳамватанонаш он аст, ки ӯ ҳайати ҳукуматиро дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон бо ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик (минбаъд ИМТ) роҳбарӣ кардааст. Ин далели таърихиро сиёсатмадорон ва мушоҳидони дохилию хориҷӣ борҳо тасдиқ кардаанд. Барои саҳеҳу дурусттар дарк кардан ва ба таври объективона баҳогузорӣ намудани саҳми академик Талбак Назаров дар раванди МСТ каме ҳам бошад мо бояд навиштани мавзуъро аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ ва МСТ шуруъ намоем.

Пас аз фурупошии Иттиҳоди Шуравӣ ҳодисаҳое, ки дар рӯзҳои аввали истиқлолият дар Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастанд, куллан ба равандҳое нисбат додан мумкин аст, ки фазои пасошуравиро фаро гирифта буданд. Аммо вазъият дар Тоҷикистон хусусиятҳои худро дошт ва зери таъсири неруҳои дохилию хориҷӣ босуръат бад шуда, хислати пешгӯинашавандаро касб намуд.

Дар натиҷаи зиддияти сиёсӣ ва тазодҳои дохилӣ дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфта, боиси даҳҳо ҳазор қурбониён, беасар гумшудагон ва садҳо ҳазор гурезагон гардид. Инчунин, ҷанги мазкур зарари беҳудуди сиёсию иқтисодӣ ва зеҳнӣ расонида, боиси фалаҷ гардидани ҳокимият, беқонунӣ ва бедодгарӣ шуд. Масалан, академик Талбак Назаров дар бораи оқибату зарари ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон чунин қайд кардаанд: «Тоҷикистон ягона кишваре дар минтақаи Осиёи Марказӣ гардид, ки даҳшатҳои ҷанги пуршиддати шаҳрвандиро паси сар кардааст..., ки боиси талафоти ҷуброннашаванда гардид: аз шумораи умумии аҳолии қариб 6,2 миллион нафар 50 ҳазор кушта, 600 ҳазор нафар макони зисти худро тарккарда, 50 ҳазор муҳоҷирон, 60 ҳазор гуреза, зиёда аз 55 ҳазор ятим ва қариб 30 ҳазор бевазан гардид. Зимнан, зиёни умумии иқтисодӣ беш аз 7 миллиард

долларро ташкил кард, ки агар онро мо бо маҷмуи маҳсулоти дохилии ҳозира ё даромади буҷети давлатии кишвар муқоиса кунем, ниҳоят бисёр аст» [116].

Ҳамзамон, фалаҷ гардидани сохторҳои давлатӣ ба он овард, ки вазъият аз зери назорат баромад, Президенти ҷумҳурӣ (манзури муаллиф Раҳмон Набиев аст) аз тарафи гурӯҳи яроқнок маҷбуран ба истеъфо фиристода шуд ва тадриҷан ҷанубу маркази кишварро оташи ҷанги ҳамватанӣ фаро гирифт [51, с. 216-218]. Чуноне ки Талбак Назаров вобаста ба ин масъала қайд намудаанд: «Бемулоҳизагии элитаи он замон ба истилоҳ тоҷик, ки дар ҳизбу ҳаракатҳои гуногун гурӯҳбандӣ шудаанд, инчунин, ҳассосияти онҳо ба омилҳои берунӣ ва манфӣ, ки дар дохили кишвар ба вуҷуд омадаанд, зиддиятро дар ҷомеа шиддат бахшида, барои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ заминаҳои ҷиддӣ фароҳам овардаанд, ки соли 1992 амалан ҳамаи минтақаҳои ҷануб, ҷанубу шарқ ва маркази Тоҷикистонро фаро гирифт» [74, с. 1].

Аз ин хотир, моҳи ноябри соли 1992, ҳангоме ки дар ҷануби кишвар муқовимати мусаллаҳона идома дошт, дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват шуд. Чунки дар он шабу рӯз бухрон тамоми шохаҳои ҳокимиятро фаро гирифта, онҳоро тамоман ноустувор гардонид. Инчунин, зарари сиёсие, ки ба имиҷи давлат расид, ё зиёни зеҳнию маънавие, ки сокинони кишвар бар асари бедодгариҳо ва қонуншиканиҳо ҳис карданд, ба ягон меъёри ченак намеғунҷид.

Ин Иҷлосияро барои миллати тоҷик дар ҳақиқат тақдирсоз номидан мумкин аст. Зеро он ҷараёни рӯйдодҳои фоҷиабори кишварро тағйир дода, онҳоро ба ҷустуҷӯи роҳҳои сулҳу субот равона кард ва ба барномаи сиёсати истиқлоли давлатӣ оғоз бахшид. Профессор И. Усмонов оид ба «воқеаи муҳиму сарнавиштсоз» будани Иҷлосияи XVI Шурои Олии ҷумҳурӣ қайд намудааст, ки «анҷоми Иҷлосия анҷоми ҷанг ва шуруи сулҳ набуд, балки он гардише барои муайян кардани роҳи сулҳ гардид» [57, с. 88]. Инчунин, дар ин Иҷлосия вакили ҷавон, раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб Эмомалӣ

Шарипович Раҳмонов[1] Раиси Шурои Олии кишвар интихоб шуд (ки баъдан бо ташаббуси ӯ ҷанги шаҳрвандӣ хотима ёфта, ба сулҳ табдил ёфт).

Роҳбарияти нави Тоҷикистон, пас аз таҳлили ҳамаҷонибаи вазъият ба мақсади берун овардани кишвар аз буҳрони сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ корҳои мақсадноку самараоварро оғоз карда, баҳри ҷустуҷӯи роҳҳои ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар тадбирҳои зиёдеро андешид. Зеро Тоҷикистони соҳибистиқлол бидуни ин вуҷуд дошта наметавонист.

Ин ҳадафҳои гузошташударо дар ин вазъияти муташанниҷ танҳо тавассути музокироти сиёсӣ ва дипломатӣ бо ҷалби СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ, инчунин, кишварҳои дӯст метавон ба даст овард.

Аммо дар ин давра ҷанг рӯз аз рӯз оташ мегирифт. Аз ин хотир, барои ҳарчи зудтар ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, барқарор намудани иқтисоди азбайнрафтаи давлат ва беҳбудӣ бахшидан ба ҳаёти мардум чораҳои зарурӣ андешида, ҳамзамон, Ҳукумат барои гуфтушунид бо мухолифон омодагӣ мегирифт. Ҳарду ҷониб моҳияти гуфтушунидро дарк карда буданд, зеро ба таври возеҳ медонистанд, ки ба ҷуз сулҳу ризоияти миллӣ роҳи дигаре барои онҳо мавҷуд нест.

Ҳамин тариқ, дар айни амалиётҳои ҷангӣ, 5 апрели соли 1994 дар Москва таҳти сарпарастии СММ раванди мураккабу бисёрдавраи гуфтушуниди миёни тоҷикон оғоз гардид, ки 1171 рӯз идома ёфт [22, с. 218].

Бояд қайд намуд, ки оғози раванди гуфтушунид моҳиятан як бахши аввалин ва бунёдӣ гардида, ба марҳилаҳои минбаъдаи гузариш аз ҷанг ба сулҳ ва ризоияти миллӣ роҳ кушод.

Т. Назаров оид ба оғози раванди МСТ қайд мекунад, ки ҳангоми шуруи раванди музокирот бо мухолифин эҳсос кардам, ки бисёре аз намояндагони онҳо худашон аз кори оғозкардаашон хушҳол нестанд, зеро дар натиҷа маҷбур шуданд хонаҳои худро тарк намоянд, ба кӯҳистон раванд ё муҳоҷират кунанд, инчунин, дар кишварҳои бегона онҳоро ягонояндаи дурахшон ҳам низ

[1] Насаб, ном ва номи падари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳамон давра оварда шудааст.

интизор набуд. Аммо такаббуру ғурурашон ба онҳо иҷозат надод, ки фавран хатогиҳои худро эътироф кунанд [67, с. 6].

Ҳамин тариқ, музокироти сулҳи тоҷикон оғоз ёфт, ки дар ду даври аввали гуфтушунидҳо ба ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров – вазири меҳнат ва шуғли аҳолии ҷумҳурӣ ва ба ҳайати ИМТ Отахон Латифӣ – раиси Кумитаи ҳамоҳангсозии неруҳои демократии Тоҷикистон дар кишварҳои ИДМ роҳбарӣ мекарданд.

Бояд гуфт, ки дар давраи аввали гуфтушунид раиси ҳайати мухолифин А.Тураҷонзода ва муовини вай М. Ҳимматзода гарчи дар Москва буданд, аммо дар маҷлисҳо иштирок накарданд. Муовини дигар О. Латифӣ раисӣ кард. Айни ин чиз дар қисми аввали даври дуюм (июни с. 1994, Теҳрон) низ такрор шуд [58, с. 12].

Дар мулоқоти аввалини сатҳи баландпоя ва даври сеюми музокирот А.Достиев – муовини аввали Раиси Шурои Олӣ [51, с. 222-224] ва аз мулоқоти дуюми баландпоя шуруъ карда то марҳилаи якуми даври панҷуми МСТ М. Убайдуллоев – муовини сарвазир [22, с. 221-223] ҳайати ҳукуматиро роҳбарӣ мекарданд. Ҳайати мухолифинро бошад, аз ҳамин давра сар карда то ба имзо расидани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” А.Тураҷонзода – муовини аввали роҳбари ИМТ роҳбарӣ менамуданд.

17-19 майи соли 1995 дар шаҳри Кобул – пойтахти Афғонистон мулоқоти нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари ИМТ Саид Абдуллоҳи Нурӣ баргузор гардид. Ин вохӯрӣ ба қабули Изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон С.А. Нурӣ анҷом ёфт [51, с. 226].

19 июли соли 1995 дар Теҳрон мулоқоти дуюми сатҳи олӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ ва намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Р. Пирис-Балон баргузор гардид. Дар вохӯрии мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири тозаинтихоби корҳои хориҷии ҷумҳурӣ Талбак Назаров ҳамроҳӣ менамуданд [22, с. 222].

Бояд қайд кард, ки то ин давра ҳарчанд гуфтушунидҳо баргузор мегардиданд, лекин оқибат тарафҳо ба ягон натиҷаи дилхоҳ намерасиданд. Чунки ҷонибҳо ба якдигар эътимод надоштанд ва ба ҳама пешниҳоду тавсияҳо бо шубҳаи зиёд ва ғаразнок муносибат мекарданд... Аммо муҳимтар аз ҳама, яке аз омилҳои асосие, ки ба пешрафти бомуваффақияти музокирот халал мерасонд, ин набудани барномаи возеҳи амал, вуҷуд надоштани пайдарпаии масъалаҳои баррасишаванда, бештар хислати муваққатӣ доштани протоколҳо ва изҳороти қабулшуда буд, ки аслан, онҳо аксар вақт дар рӯйи коғаз мемонданд. Чунин раванди сусти музокирот то моҳи августи соли 1995 идома ёфт [40, с. 195-196].

Маҳз **мулоқоти дуюми сатҳи олӣ** дар шакли ғоибона 17 августи соли 1995 Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Душанбе ва Саид Абдулло Нурӣ – роҳбари ИМТ дар Кобул тавассути миёнҷигарии Рамиро Пирис-Балон – намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатеро бо номи “Протокол дар бораи принсипҳои асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” ба имзо расониданд, ки дар раванди сулҳи тоҷикон нақши асосӣ ва ҳалкунанда дошт. Яке аз шахсоне, ки дар омода кардани ин ҳуҷҷат нақши асосӣ дошт, Талбак Назаров ба ҳисоб меравад [22, с. 222].

Бояд тазаккур дод, ки аз давраи якум (5-18 апрели соли 1994) то марҳилаи якуми давраи панҷуми гуфтушунидҳои миёни тоҷикон, ки (аз 30 ноябр то 22 декабри соли 1995) дар Ашқобод доир гардида буд, ҷараёни гуфтушунидҳо ба таври ниҳоят душвор пеш мерафт ва оқибат рафта-рафта дар бунбаст қарор гирифт.

Дар ин ҷо бояд гуфт, ки шояд яке аз сабабҳои ба бунбаст рафтани раванди музокирот ин аз сатҳи ҳайати аъзои тарафҳои он низ вобастагӣ дошт. Чуноне ки И. Усмонов вобаста ба сатҳи ҳайат ва таъсири шахсони дар музокирот иштироккунанда қайд намудаанд: «Ҳар гоҳ сухан аз гуфтушуниди байни тоҷикон бошад, албатта дар бораи сатҳи ҳайате, ки ин корро мебарад, сухан наронда намешавад. Зеро аз бисёр ҷиҳат тарзи ҳалли дурусти ин масъалаҳо ба қобилияти корӣ ва салоҳияти комиссия ё шахсони дар музокира иштироккунанда

вобастагӣ доранд. Аз тарафи мухолифин ба комиссия ҳамеша Ҳ.А. Тураҷонзода роҳбарӣ мекарду М. Ҳимматзода ва О. Латифӣ муовинони ӯ буданд. Аммо дар ду давраи аввал – моҳҳои апрел ва июн дар Москва ва Теҳрон ба баҳонаи он ки сатҳи ҳайати ҳукуматӣ баланд нест, Тураҷонзода ва Ҳимматзода иштирок накарданд» [59, с. 151-152]. Аз ин маълум мешавад, ки ҷониби мухолифин ҳамеша ба аъзоёни ҳайати ҳукуматӣ аҳамияти ҷиддӣ медодааст.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омаданаш тарафдори ҳарчи зудтар хотима ёфтани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба даст овардани сулҳ дар Тоҷикистон буд, аз марҳилаи дуюми давраи панҷум, ки 26 январи соли 1996 дар шаҳри Ашқобод шуруъ шуд, сар карда то ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон роҳбарии ҳайати ҳукуматиро дар музокирот бо мухолифин ба зиммаи Талбак Назаров – вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошт. Дар ин давра, ки вазифаи вазири корҳои хориҷии кишварро ба дӯш дошт, аз ин пас дар гуфтушунидҳо, мулоқотҳои сатҳи баланд ва олӣ, машваратҳои хоса ҳамроҳи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳам дар дохил ва ҳам дар сафарҳои хориҷӣ иштирок менамуд. Лекин вақти зиёди худро дар музокирот бо мухолифин сипарӣ мекард.

Оид ба масъалаи мазкур мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ шодравон Карим Юлдошев чунин қайд намудааст: «Пас аз он, ки якчанд даври раванди музокирот дар бунбаст қарор гирифт, ҳаққи идомаи музокироти аз ҷониби ҳукуматро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба зиммаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Н. Назаров гузошт ва ба ӯ муяссар гардид, ки раванди музокиротро бомуваффақият ба охир расонад» [62, с. 8].

Ё А. Сатторзода яке аз чеҳраҳои шинохтаи солҳои 90-ум ва намояндаи неруҳои мухолифин дар МСТ оид ба нақш ва таъсири Талбак Назаров ба раванди музокироти миёни ҳайати ҳукуматӣ ва ИМТ чунин мегӯяд: «То Талбак Назаров ба ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот Шукурҷон Зуҳуров, Абдумаҷид Достиев ва Маҳмасаид Убайдуллоев роҳбарӣ карда буданд дар чаҳор даври

пешина ва марҳалаи аввали даври панҷум. Ҳар яке аз онҳо, маълум аст, ки шахсиятҳои номдор, ходимони давлатии ботаҷриба ва машҳур буданд он вақт ва ҳоло ҳам ҳастанд. Дар ҳунари роҳбарӣ, ташкилотчигӣ ва донишмандии онҳо ҷойи шаке нест, аммо воқеият ин аст, ки дар давраҳое, ки онҳо ба ҳайати ҳукуматӣ сарварӣ мекарданд, раванди музокирот бисёр ба сахтӣ, ба кундӣ ва ноҳамвор пеш мерафт. Агар аз рӯйи инсоф бигӯем, иллати ин сахтию ноҳамвор пешрафтанҳо, пеш аз ҳама, худи вазъи душвори онвақта, душвории масъалаҳое, ки бояд дар музокирот баррасӣ ва ҳал мегардиданд, буданд. Аммо боз ҳам агар аз рӯйи инсоф баҳо доданӣ шавем ва воқеъбин бошем, бояд иқрор шавем, ки натиҷаи музокирот аз бисёр ҷиҳат ба шахсияти роҳбари ҳайат низ вобаста мебошад. Ба таври дигар, шахсияти роҳбари ҳайат дар музокирот яке аз омилҳои муассир ва ҳалкунанда мебошад ва инро наметавон инкор кард. Талбак Назаров бо он солорӣ, боандешагӣ, мулоҳизакорӣ, таҳаммулу сабру тоқату донишу фаросати фавкулодае, ки доранд, баробари бевосита ворид шуданашон ба раванди музокирот фазои эҳтиром ва эътиқоди «ҷонибҳои муҳтарам»-ро ба вуҷуд оварданд. Ин чиз самараи неки худро дар раванди минбаъдаи музокироти сулҳи тоҷикон дод» [49, с. 178-179].

Масалан, соли 2012 ҳангоми вохӯрӣ бо муҳаққиқони ҷавон дар Китобхонаи миллӣ Талбак Назаров даврони роҳбарии худро дар раванди МСТ ба хотир оварда мегӯяд, ки «дар рӯзи аввали кор дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон ҳайатҳо ворида толори гуфтушунид шуданд ва дар рӯ ба рӯйи ҳамдигар рост истоданду ғайр аз нигоҳи сард нисбати якдигар чизи дигаре мушоҳида нашуд. Т. Назаров суханро оғоз карда, эрод мегирад, ки Шумо ҳамаатон лофи исломгароӣ дореду мусалмонед. Дар Ислом саломро қарзи Худо гуфтаанд. Биёед аввал салом кунем, баъдан корро шуруъ мекунем». Ҳамин тавр, аз лаҳзаи нахустин Т. Назаров тавонист ҷониби мухолифинро ба худ моил намояд [9].

Ҳамин тавр, 26 январ – 19 феврали соли 1996 дар пойтахти Туркманистон (шаҳри Ашқобод) **марҳалаи дуюми даври панҷуми музокирот** баргузор шуд. Аз ин марҳила сар карда, ба ҳайати ҳукуматӣ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров роҳбарӣ мекард [51, с. 230].

Оид ба давраи шуруъшавии роҳбарии Талбак Назаров ба ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот бо мухолифин Иброҳим Усмонов, ки яке аз иштирокчиёни фаъоли раванди музокирот миёни ҳайати ҳукуматӣ ва ИМТ буд, чунин мегӯяд: «Шуруи раисиашон (Талбак Назаров) ба ҳайати ҳукуматӣ дар давраи сахти бухрони ҳарбию сиёсии Тоҷикистон воқеъ шуд. Ба он кас лозим меомад, ки ин давраи музокиротро тавре ба анҷом расонанд, ки ба авзои дохилии кишвар таъсири мусбат расонад. Ҳолати онрӯзаи Тоҷикистон, яъне низои дохилӣ мухолифинро рӯҳбаланд ва бурросухан мекард ва пешниҳодҳои Ҳукумат қабул намешуданд... Дар ин маҷлисҳо Т. Назаров қариб ҳар рӯз сухан мегуфтанд, дар муқобили суханҳои тезутунд низ оромона ҳарф мезаданд, бовар кунонидан мехостанд, ки вазъият дигар шудааст, муносибати Ҳукумату халқ дар нисбати мухолифин тағйир ёфтааст» [55, с. 80].

Дар ин давра вазъияти сиёсию иҷтимоии кишвар ниҳоят муташаниҷ гардида буд ва аз ҳамин сабаб мулоқоту гуфтушунидҳо низ бо душворӣ ҷараён гирифтанд. Аз ин рӯ, дар натиҷаи марҳалаи дуюми даври панҷуми музокирот танҳо як ҳуҷҷат – «Эъломияи Ашқобод дар бораи ҷамъбасти марҳалаи дуюми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ зери сарпарастии СММ (18 феврали соли 1996)» [22, с. 223] ба имзо расонида шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар музокироти сулҳ дар марҳилаи дувуми гуфтушунидҳои Ашқобод ҷониби ҳукумат ба ҳеҷ гуна гузашт розӣ нашуд. Сабаби инро роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар раванди музокирот Т. Назаров ба хабарнигори ИТАР-ТАСС рӯзи бозгашт аз Ашқобод дар фурудгоҳи Душанбе чунин шарҳ дод: «Вақте ҳайати ҳукумат ба моҳияти талаботи мухолифин сарфаҳм рафт, маълум гашт мухолифин амалан пароканда шудани парлумон ва дар асоси он таъсис ёфтани як органи қонунгузорро тақозо мекунад ва гузашта аз ин мехоҳад дар сари ин созмон намояндаи мухолифин қарор гирад, ки ин хилофи Қонуни асосии Тоҷикистон, хилофи интихоботи парлумонист, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф шудааст» [141].

Марҳилаи якум ва дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо нишон дод, ки оид ба ҳаллу фасли баъзе масъалаҳо, пеш аз ҳама, таъсис додани ниҳоди

алоҳида дар давраи татбиқ намудани Созишномаи умумӣ назарҳои ҷонибҳо фарқ мекунанд. Масалан, ҳайати мухолифин пешниҳод намуд, ки як ниҳоди ба сохторҳои давлатӣ таъсиррасон бо ваколатҳои зиёд бо номи Шурои оштии миллии доимоамалкунанда таъсис дода шавад. Чунин масъалагузорӣ хилофи Конститутсияи Тоҷикистон буд. Ҷониби Ҳукумат бошад таъсис додани Форуми машваратии халқҳои Тоҷикистонро, ки тарафҳо дар сатҳи олӣ маъқул дониста буданд, мувофиқи мақсад медонист. Азбаски ҷонибҳо оид ба чунин масъалаҳои муҳим сари як фикр наомаданд, роҳбарияти ҷумҳурӣ зарур донист, ки масъалаи гуфтушуниди тоҷикон дар парлумони кишвар мавриди муҳокима қарор гирад [51, с. 230-232].

Ҳамин тавр, дар марҳилаи дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо тарафҳо ба хулосае омаданд, ки масъалаҳои дар ин марҳилаҳо бавуҷудомадаро дар Иҷлосияи ғайринавбатии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони олимақоми мухолифин баррасӣ намоянд.

Мухолифин барои иштирок намудани намояндагонашон дар Иҷлосияи мазкур дар назди роҳбари ҳайати ҳукуматӣ шарту шароитҳои худро гузошта буданд, ки ҳамаи онҳо аз тарафи Т. Назаров қабул шуданд. Масалан, яке аз шартҳои мухолифин чунин буд, ки намояндагони онҳо дар Иҷлосияи мазкур танҳо бо даъвати СММ иштирок мекунанд ва бояд амнияти онҳо аз ҷониби СММ кафолат дода шавад.

Оид ба ин шарти мухолифин роҳбари ҳайати ҳукуматӣ Т. Назаров чунин посух доданд: «Мо амнияти ҳамаи намояндагони мухолифинро, ки ба иҷлосия меоянд, кафолат медиҳем. Ҷараёни маҷлисҳои сессия мустақиман бо телевизион нишон дода мешавад». Мухолифин бовар карданд ва розӣ ҳам шуданд [55, с. 81].

Ба ин хотир ва барои аз байн бурдани мухолифати тарафҳо 11 марти соли 1996 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, муовини Дабири Кулли СММ И. Қиттонӣ, намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Р. Пирис-Баллон, намояндагони Россия, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон Иҷлосияи махсуси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

даъват карда шуд [51, с. 232]. Аммо дар иҷлосияи мазкур намояндагони мухолифин тамоман иштирок накарданд.

Дар иҷлосия бо маърӯзаи махсус роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот Т. Назаров дар бораи раванди МСТ, мақсад ва натиҷаҳои он баромад карданд. Дар баробари Т. Назаров дар ин Иҷлосия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ суханронии пуртаҳлилу ҷиддӣ доштанд.

Пас аз чор моҳи баргузории иҷлосияи махсуси парлумони кишвар 8-21 июли соли 1996 дар Ашқобод марҳалаи сеюми даври панҷуми музокирот доир гардида [61, с. 49], дар ҷараёни он се ҳуҷҷат ба имзо расид: Изҳороти муштарак дар бораи қатъи амалиёти ҷангӣ ва риояи Созишномаи Теҳрон (19 июли соли 1996); Протокол дар бораи иҷрои амали башардӯстона роҷеъ ба табодули асирони ҳарбӣ ва маҳбусон (21 июли соли 1996); Баёнияи муштарак дар бораи ҷамъбасти марҳалаи сеюми гуфтушуниди байни тоҷикон дар Ашқобод – 8-21 июли соли 1996 (21 июли соли 1996) [22, с. 223].

Вале оид ба масъалаҳои принсипиалӣ тарафҳо мавқеи худро доштанд ва раванди музокирот нисбат ба як соли қаблӣ бо мушкилиҳо пеш мерафт. Дар баробари ин, қувваҳои мухталиф чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар раванди музокиротро халалдор кардан мехостанд. Амалҳои террористӣ, тахрибкорӣ, ҳодисаҳои вайрон кардани сарҳад дар он шабу рӯз бисёр рӯх медоданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, моҳи сентябр дар минтақаи Рашт ҳодисае ба вуқуъ пайваст, ки ба равандҳои гуфтушунид такони ҷиддӣ бахшид. Дар натиҷа, 15-16 сентябри соли 1996 дар шаҳраки Ғарм вохӯрии роҳбарони мақомоти низомии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қумондонҳои саҳроии мухолифин барпо шуд. Фарқияти ин мулоқот дар он буд, ки иштирокчиёнаш аз ҷониби мухолифин дар кӯҳу пуштаи Қаротегину доманакӯҳҳои Помир бар зидди неруҳои ҳукуматӣ мубориза мебурданд ва такягоҳи асосии ИМТ ба ҳисоб мерафтанд. Қумондонҳо дарк карда буданд, ки дар шароитҳои вазнини кӯҳу пушта идома додани мубориза оқибати нек надорад ва зиёда аз ин кашол додани раванди сулҳ ба манфиати халқу давлат нест. Дар фарҷоми ин қадами

ҷасурона «Протоколи мулоқоти ҳайатҳои Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қумондонҳои ҷабҳаи Қаротегин», ки 15 ва 16 сентябри соли 1996 дар шаҳраки Ғарм баргузор гардид, ба имзо расида, барои барқарор намудани сулҳу субот дар ин минтақа заминаи устувор ба вуҷуд овард. Роҳбарони сиёсии мухолифин, ки ҳамагӣ дар хориҷи кишвар ба сар мебурданд ва имкони таъсиррасониашон ба вазъи дохилӣ маҳдуд буд, аз баргузории мулоқот ва натиҷаҳои он огаҳӣ ёфта, ин иқдоми қумондонҳои саҳроиро маъқул нашумориданд, вале ҷуз аз эътироф намудани он илоҷи дигаре надоштанд. Илова бар ин, ИМТ маҷбур шуд, ки дар асоси мувофиқаҳои қаблӣ ба маҷрои гуфтушунид баргардад [61, с. 49].

Гуфтушунидҳо дар Ғарм ва мувофиқаҳои ҳосилшуда ба раванди музокирот ангезаи нав бахшиданд. Пас аз ин мулоқот ҷонибҳо ба мулоқоти сатҳи олӣ омодагӣ гирифтанд. Гурӯҳи корӣ бо намояндагӣ аз ҳарду ҷониб таъсис ёфта, ба омода кардани мулоқот ва ҳуҷҷатҳои лозимӣ пардохт [51, с. 234]. Инчунин, дар ин вохӯрӣ тарафҳо макони баргузор намудани мулоқот деҳаи Хосдеҳи Афғонистонро интихоб карданд.

10-11 декабри соли 1996 (**мулоқоти сеюми сатҳи олӣ**) дар деҳаи Хосдеҳ, воқеъ дар шимоли Афғонистон мулоқоти сеюми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ баргузор гардид. Дар ин гуфтушунидҳо дар баробари масъалаҳои дигар аввалин маротиба дар бораи КОМ, вазифа ва салоҳияти он дар раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ сухан рафт. Ин вохурӣ, ки дар минтақаи хатарнок ва шароитҳои номусоид баргузор гардида, як навъ имтиҳони ҷиддие барои устувории тарафҳо дар бобати идома додани мароми пешгирифта буд, барои давом додани гуфтушунидҳо заминаи устувор гузошт. Рафти мулоқот ва натиҷаҳои он нишон доданд, ки давраи мушкил дар гуфтушунидҳо паси сар шудааст ва ҷонибҳо баҳри зудтар комёб шудан ба сулҳу оштӣ азми қадамҳои ҷиддитарро гузоштан доранд. Дар он ҷонибҳо дар бораи дар рӯзҳои наздик баргузор намудани мулоқоти навбатӣ аҳд карданд [61, с. 50].

Инчунин, дар вохӯрии мазкур ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расиданд:

- Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбӣ-сиёсии минтақаи доғ;
- Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ (11 декабри соли 1996) [22, с. 224].

Пас аз чанд рӯз, 19-23 декабри соли 1996 (**мулоқоти чоруми сатҳи олӣ**) дар шаҳри Москва мулоқоти навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ бо миёнҷигарии намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Г.Д. Меррем баргузор гардид. Дар мулоқот аз ҷониби Федератсияи Россия Раиси Ҳукумати Россия В. Черномирдин, вазири корҳои хориҷии Россия Е. Примаков ва дигарон, намояндагони кишварҳои нозир ва созмонҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд [51, с. 234].

Инчунин, аз ҷониби ҳайати ҳукуматӣ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров (роҳбари ҳайати ҳукуматӣ) низ иштирок намуда, ба раванди мулоқоти мазкур таъсири ҷиддӣ расониданд. Профессор Иброҳим Усмон дар ин маврид ёддошт кардааст, ки «Эътибори давлатӣ, сиёсӣ ва илмии Талбак Назарович пеши миёнаравҳои музокирот низ кам набуд. Дар мулоқотҳое, ки дар Москва баргузор шуданд, суҳбатҳои самимии В.С. Черномирдин – Сарвазири Ҳукумати Русия, Евгений Примаков – вазири корҳои хориҷии он кишвар бо Талбак Назарович эҳтироми амиқ эҳсос мегардид. Ҳамроҳ нишаста тарҳи баъзе ҳуҷҷатҳоро муайян мекарданд ва фикри устод дар ин ҳолатҳо асосӣ буд» [55, с. 82].

Мулоқот ба масъалае, ки дуру дароз мавриди баҳси тарафҳо қарор гирифта буд, яъне таъсис додани ниҳоди алоҳида ба мақсади амалӣ сохтани Созишномаи умумӣ равшанӣ андохт. Чунин ниҳод Комиссияи оштии миллӣ (минбаъд КОМ) ном гирифта, доираи вазифаҳо ва ваколатҳои он дар доираи талаботи Конститутсияи Тоҷикистон муайян гардиданд [61, с. 50-51].

Дар натиҷаи гуфтушунидҳои мазкур ҳуҷҷатҳои зерин қабул карда шуданд: Протокол дар бораи вазифа ва ваколатҳои асосии КОМ (23.12.1996); Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ зимни вохӯриашон дар Москва 23 декабри соли 1996;

Мурочиати Э.Ш. Раҳмонов ва С.А. Нурӣ ба ҳамватанон (23.12.1996) [22, с. 224]. Қабули ин ҳуҷҷатҳо раванди музокироти сулҳи тоҷиконро боз ҳам тезонид.

5-19 январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон даври шашуми музокироти миёни тоҷикон барпо гардид [51, с. 236]. Масъалаи асосии рӯзномаи он таҳия намудани Низомномаи КОМ буд. Дар натиҷаи ин мулоқот Протокол оид ба масъалаҳои гурезаҳо ба имзо расид, ки аз силсилаи ҳуҷҷатҳои Созишномаи умумӣ буда, боз як дастоварди муҳим дар раванди гуфтушунидҳо гардид. Мазмуни асосии ин Протокол дар ҳамкорӣ бо намояндагони СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба таври ихтиёрӣ, бехатар ва боиззат баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои зисти доимиашон буд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ухдадор гардид, ки реинтегратсияи гурезаҳоро ба ҷойи истиқоматашон таъмин намуда, ба онҳо ёрии молиявӣ, гуманитарӣ расонад, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро барқарор кунад. Дар Протокол пешбинӣ шуда буд, ки гурезаҳо барои иштирок дар ҳодисаҳои қаблӣ – тазоҳуротҳо, муқовимати сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Ин ҳуҷҷат имконият медод, ки гурезаҳо бе тарсу ҳарос аз оқибатҳои ногувор ба Ватан баргарданд ва ба меҳнату зиндагии осоишта машғул шаванд [61, с. 51]. Бояд гуфт, ки муаллифи асосии ин Протокол бевосита Талбак Назаров маҳсуб меёбанд.

Қайд кардан кифоя аст, ки дар як муддати кӯтоҳ тақрибан 52 ҳазор гуреза аз Афғонистон ва беш аз 180 ҳазор аз кишварҳои ИДМ, инчунин, беш аз 680 ҳазор муҳоҷирони дохилӣ ба ҷойҳои қаблии истиқоматии худ баргардонида шуданд. Танҳо бо кумаки Намояндагии Раёсати Комиссариати Олии СММ оид ба гурезаҳо дар Тоҷикистон дар як муддати нисбатан кӯтоҳ қариб 38 ҳазор хонае, ки дар ҷараёни амалиёти ҷангӣ хароб шуда буданд, тақрибан 30 ҳазораш барқарор карда шуда, аз 140 ҳазор аъзои оилае, ки дар давраи ҷанг ҷои корашонро аз даст дода буданд, 133 ҳазорашон ба кор ҷалб карда шуданд ва қариб ҳамаи манзилҳои ғайриқонунӣ ишғолшуда ба соҳибони пешинаашон баргардонида шуданд [87, с. 15].

Баъд аз музокироти Теҳрон дар шаҳри Машҳади ҶИЭ 21-22 феврали соли 1997 вохӯрии навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо

роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ бо миёнҷигарии намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Г.Д. Меррем, инчунин, намояндагони кишварҳои нозир ва созмонҳои байналмилалӣ баргузор гардид, ки масъалаи асосии он баррасӣ ва қабули Низомномаи КОМ буд. Ҳамин тавр, дар вохӯрии мазкур ҳуҷҷатҳои зерин ба имзо расонида шуданд: Протоколи иловагӣ ба Протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии КОМ; Низомномаи КОМ; Изҳороти муштараки Э.Ш. Раҳмонов ва С.А. Нурӣ (21.02.1997) [22, с. 225].

Бо қабул шудани ин ҳуҷҷатҳо ба масъалаҳои марказӣ – фаъолияти ниҳоди асосии амалисозии Созишномаи умумӣ – КОМ ва иштироки намояндагони мухолифин дар ҳокимияти давлатӣ равшанӣ андохта шуд [61, с. 51]. Пас аз он ки мулоқоти мазкур бомуваффақият ба анҷом расид, ҳайатҳо ба даври навбатии гуфтушунидҳо ба омодагӣ гирифтан шуруъ карданд.

Даври ҳафтуми гуфтушуниди тарафҳо аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 дар шаҳри Москва баргузор гардид... Дар ин мулоқот таҳия ва қабули яке аз протоколҳои муҳим аз силсилаи ҳуҷҷатҳои Созишномаи умумӣ сурат гирифт [51, с. 236-238]. Вақте масъалаи низомӣ баррасӣ мешуд, 2-юми марти соли 1997 дар Москва Т.Назаров дар муқобили даъвоҳои мухолифин, ки онро баъзе машваратчиёни хориҷӣ ҳам дастгирӣ мекарданд, қатъӣ гуфтанд: «Мо ба он иҷозат дода наметавонем, ки донорҳои хориҷӣ қисмҳои мухолифинро, ки ҷузъи артиши мо мешаванд, маблағгузорӣ кунанд» [55, с. 82].

Пас аз муҳокима ва табодули андеша тарафҳо ҳуҷҷатҳои зеринро қабул карданд: Протоколи масъалаҳои низомӣ; Изҳороти муштараки ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик роҷеъ ба ҷамъбасти гуфтушуниди байни тоҷикон, ки аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 дар ш. Москва баргузор шуд [22, с. 225].

5 апрели соли 1997 дар Душанбе мулоқоти машваратии вазирони корҳои хориҷии Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон бо иштироки вазирони корҳои хориҷии Қазоқистон К. Токаев, Қирғизистон Р.И. Отунбаева, Тоҷикистон Т. Назаров, Ӯзбекистон А.Х.Комилов ва муовини аввали вазири корҳои хориҷии Россия Б.Н. Пастухов баргузор гардид. Дар ин

вохӯрӣ Г.Д.Меррем - намояндаи махсуси Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон низ иштирок дошт. Иштирокчиёни мулоқот дар баробари муҳокимаи масъалаҳои рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ба раванди музокироти тоҷикон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Дар Изҳороти муштараки мулоқоти машваратии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россия, ки дар фарҷоми ҳамоиш қабул гардид, аз ҷумла, зикр ёфтааст, ки иштирокчиёни вохӯрӣ кӯшишҳои роҳбарияти Тоҷикистон ва ИМТ-ро барои муътадилсозии вазъият дар ҷумҳурӣ ва комёб шудан ба оштии миллӣ дастгирӣ мекунанд. Вазирон омодагии кишварҳои худро барои дастгирӣ намудани Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба барқарор сохтани сулҳ ва ризоияти миллӣ, расонидани ёрӣ ба ҷумҳурӣ, мусоидат намудан дар татбиқи амалии мувофиқаҳои бадастомада миёни ҳукумат ва мухолифин, аз ҷумла, дар масъалаҳои ҳарбӣ изҳор намуданд [51, с. 238].

Даври ҳаштуми музокирот байни тоҷикон – даври охирин ба ҳисоб рафта, ба ду марҳила ҷудо мешавад.

8-17 апрели соли 1997 дар шаҳри Теҳрон марҳалаи якуми даври ҳаштуми гуфтушуниди байни тоҷикон баргузор гардид... Ҳангоми ифтитоҳи музокирот вазири корҳои хориҷии Эрон А. Вилоятӣ иштирок дошт. Масъалаи асосии ин вохӯрӣ баррасӣ намудани Протоколи масъалаҳои низомӣ буд [51, с. 238], вале бенатиҷа анҷом ёфт.

Барои ҳамин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қабл аз сафари моҳи май ба Бишкек, ки дар он ҷо Протоколи сиёсӣ бояд баррасӣ мешуд, 2-юми апрели соли 1997 Талбак Назаров, вазири адлия, Раиси Суди Олӣ, Прокурори генералӣ, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқиро даъват карда, назокати ин мавзуъро фаҳмонданд [55, с. 82]. Зеро дар раванди музокирот яке аз масъалаҳои ҳассостарин – масъалаҳои сиёсӣ бояд баррасӣ гардида, ҳалли худро меёфт.

Ҳамин тавр, **вохӯрии шашуми** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ 16-18 майи соли 1997 дар пойтахти Қирғизистон – шаҳри Бишкек баргузор гардид, ки дар рафти он ду ҳуҷҷати муҳим

– Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва Меморандуми Бишкек қабул гардиданд [61, с. 53].

Талбак Назаров оид ба ба имзо расидани Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ, ки дар раванди қабули он иштироки бевосита дошт, чунин мегӯяд: «Вақте ки сухан дар бораи ҳуҷҷатҳое, ки дар ҷараёни музокирот таҳия шудаанд, равад, бояд махсусан ба Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов, роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ ва намояндаи махсуси Дабири кулли СММ Г. Меррем 18 майи соли 1997 ба имзо расидааст, диққати ҷиддӣ диҳем. Мушкилии ба даст овардани якдилӣ дар масъалаҳои сиёсӣ дар он буд, ки сухан дар бораи тақсим кардани сохторҳои қудратӣ ва иштироки намояндагони мухолифон дар онҳо мерафт. Илова бар ин, зарурати тағйир додани сохтори мақоми қонунгузор ва интихоби намояндагони мухолифин ба он пайдо шуд. Дар рӯзи имзои Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ, як санади дигаре қабул шуд, ки онро «Меморандуми Бишкек» меномиданд, ки дар он баъзе самтҳои масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла, созишнома дар бораи чунин масъалаҳои бунёдӣ баста шуда буданд, ба мисли: қабули «Санади ҳамдигарбахшӣ» ва «Қонун дар бораи авф»; дохил кардани 25% намояндагони ИМТ ба Комиссияи марказии интихобот дар давраи гузариш; ислоҳоти ҳукумат тавассути ворид кардани намояндагони ИМТ мувофиқи квота (30%); бекор кардани мамнуият ба фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии ИМТ ва расонаҳои онҳо пас аз анҷоми марҳилаи дуюми «Протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ» [40, с. 198].

Ҳамчунин, дар бораи дар шаҳри Душанбе ҷойгир кардани қисмҳои гурӯҳҳои мусаллаҳи ИМТ бо шумораи 460 нафар ва инчунин, 40 нафар барои ҳифзи аъзои ояндаи КОМ созиш ҳосил шуд [83, с. 18].

Баъд аз созиши мазкур аз роҳбари ҳайати ҳукуматӣ Т. Назаров оид ба он мепурсанд, ки оё ҳамроҳи 460 автомат, аниқтараш омадани силоҳбадастон сулҳ ба охир намерасад ё ин ки ин наметавонад як шуруи дуруғи бузургу давраи дуюми ҷанг бошад? Дар посух ӯ мегӯяд: «Бояд фишангҳои муайян вуҷуд дошта бошанд, бояд аз тарафҳо кафолат дода шавад, ки шартнома маҳз мувофиқи

ҳуҷҷатҳои имзошуда иҷро мешавад... Ҳар як фиреб бефоида хоҳад буд. Аксарияти куллии ҳар ду тараф аз ҷанг хаста шудаанд. Шумо бояд ба ин одамон бовар кунед. Онҳое, ки ҷонибдори идомаи муқовимат ҳастанд, ақаллият ҳастанд... Онҳо аз саргардонӣ дар кӯҳистон, дар кишварҳои хориҷӣ хаста шудаанд. Онҳо дарк карданд, ки ба ҷуз кишвари худ ба касе лозим нестанд. Ҳамин тавр, онҳое, ки ҳам дар ин ҷо зиндагӣ мекунанд, барояшон оромӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, ҳеҷ гуна бесарусомонӣ вуҷуд нахоҳад дошт» [104, с. 1].

22-28 майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон бо иштироки ҳайатҳои ду ҷониб, миёнҷигарии намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҳузури намояндагони кишварҳои нозир ва созмонҳои байналмилалӣ марҳалаи дуюми даври ҳаштуми музокирот барпо гардид. Дар ин вохӯрӣ ду ҳуҷҷати муҳим қабул гардид: 1. Протокол дар бораи кафилони татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон; 2. Декларатсияи Теҳрон [51, с. 240].

Ҳамин тавр, гуфтушунидҳо ба анҷом расида, дар ҳуҷҷати охирин – Декларатсияи Теҳрон дар баробари инъикоси натиҷаҳои вохӯрӣ тарафҳо ба давлати Эрон, ки дар раванди МСТ нақши бузурге бозида буд, миннатдорӣ изҳор намудаанд. Инчунин, тамоми ҳуҷҷатҳое, ки дар Протоколи 17 августи соли 1995 чун қисми таркибии Созишномаи умумӣ пешбинӣ гардида буданд, ба имзо расиданд. Аз ин хотир, ҳайатҳо дар Теҳрон ба раванди музокирот анҷом бахшида, барои омода гаштан ба мулоқоти хотимавии сатҳи олӣ, ки дар шаҳри Москва ба нақша гирифта шуда буд, шурӯъ карданд.

Пеш аз оне, ки ҳайати ҳукуматӣ барои ба имзо расонидани Созишномаи сулҳ ба шаҳри Москва парвоз кунад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар раванди музокирот Талбак Назаров супориш медиҳад, ки ба ҳайати ҳукуматӣ фармондеҳон низ ҳамроҳ шаванд, то онҳо ба чашми сари худ бинанд, ки сулҳ бо чӣ мушкилиҳо ба даст меояд. Ҳамин тавр, ӯ шахсан ба як қатор фармондеҳон занг мезанад. Масалан, ба фармондеҳ Малик, ки дар Шаҳринав буд, занг зад, аммо ӯ ба Москва парвоз карданро рад мекунад. Танҳо як фармондеҳ – Ҳабиб Насруллоев розӣ

мешавад, ки ҳамроҳи онҳо ба Москва парвоз кунад. Лекин рӯзи парвоз ӯ ба фурудгоҳ наомад ва ҳайати ҳукуматӣ бе онҳо ба Москва парвоз кард. Баъд аз як моҳ ба ҷои кори Т. Назаров омада гуфт, ки дигар ҳамсафонаш (фармондеҳони саҳроӣ) ӯро таҳти ҳабси хонагӣ гирифта буданд, то иштироки ӯро дар гуфтушунидҳо ҷилавгирӣ намоянд. Ба фикри Талбак Назаров аз ин маълум мешавад, ки дар дохили кишвар одамоне буданд, ки сулҳро намехостанд [142]. Вале оқибат он рӯзи деринтизори миллати тоҷик даррасид.

23-27 июни соли 1997 мулоқоти сатҳи олӣ – мулоқоти хотимавии раванди МСТ дар шаҳри Москва – пойтахти Федератсияи Россия баргузор гардид, ки дар он аз тарафи ҳайати ҳукуматӣ Эмомалӣ Раҳмон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Т. Назаров, М. Убайдуллоев, А. Достиев, С. Салимов, С. Қосимов, Р.З. Мирзоев, К. Юлдошев, Ш. Зуҳуров, И.К. Усмонов, З. Алиев, Ҳ. Шодиев, М. Бахтӣ, Ш. Орумбеков, Б. Абдуллоев, аз тарафи мухолифин Сайид Абдулло Нурӣ – роҳбари ИМТ, А. Тураҷонзода, М. Ҳимматзода, О. Латифӣ, А.Atторзода, З. Саидов, Х. Холиқназаров, Д. Исмон, инчунин Герд Дитрих Меррем – намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони Дабири Кулли СММ, А. Горяев – намояндаи СММ ва вазирони корҳои хориҷии Афғонистон, Россия, Эрон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Покистон, Қирғизистон, Туркманистон иштирок намуданд. Ҳамзамон, дар ин мулоқот Президенти Федератсияи Россия Борис Елтсин ва Сарвазири Россия Виктор Черномирдин ҳузур доштанд [22, с. 227].

Мақсади асосии мулоқоти мазкур ин имзо кардани Созишномаи умумӣ ва хотима бахшидан ба раванди музокирот буд. Пеш аз оне, ки Созишномаи умумӣ ба имзо расад, дар шаҳри Москва ду ҳуҷҷати дигар – яке Протоколи ҳамдигарфаҳмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва роҳбари Иттиҳоди мухолифин тоҷик С.А. Нурӣ (27 июни соли 1997), дигаре Изҳороти Москва (27 июни соли 1997) ба имзо расонида шуд.

Дар гуфтушуниди таърихие, ки 27 июни соли 1997 дар қасри Кремл баргузор шуд, ҳуҷҷати аз ҳама асосӣ дар раванди сулҳи тоҷикон – «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба

имзо расид. Имзо шудани ин санад ба раванди музокироти сулҳи тоҷикон хотима бахшида, барои қадамҳои минбаъда дар барқарор намудани сулҳу оштӣ ва ризоияти миллӣ шароити мусоид фароҳам овард [61, с. 55]. Ҳақ ба ҷониби профессор И. Усмонов, узви МСТ аст, ки дар китоби «Сулҳнома»-аш дар ин бора чунин навиштааст: «Бо имзои ин Созишнома як марҳилаи душвор, хело муҳим ва таърихии халқ ва давлати тоҷик ба анҷом расид» [56, с. 399].

Вале бояд иқрор шуд, ки сулҳи тоҷикон ба осонӣ ба даст наомадааст. Тавре ки худи Талбак Назаров дар ин бора қайд менамояд: «Барои соҳиб шудан ба он зиёда аз се сол ё 1171 рӯз сарф кардан рост омад. Дар ин муддат зиёда аз 20 мулоқотҳои байни ҳукумат ва мухолифин (дар маҷмуъ 8 давраи музокирот) баргузор гардидаанд [43, с. 35]. Барои расидан ба ин рӯз, зарур буд, ки воқеаҳои бисёр мураккаби раванди гуфтушунидҳои бисёрҷониба, ки бо навбат дар Москва, Теҳрон, Исломобод, Ашқобод, Алмаато, Бишкек, Машҳад, Хосдеҳ (Афғонистон) сурат гирифтанд, бартараф карда шавад» [40, с. 199; 33, с. 4].

Инчунин, худи Талбак Назаров мегӯяд, ки «албатта, дар вохӯриҳои аввал дар паҳлуи якдигар нишаста, мо наметавонистем ба ҳамдигар нигоҳ кунем. Дар миёнаи раванди музокирот мо аллакай дар сари як мизи гуфтушунид нишаста будем, вале ин маънои онро надошт, ки раванди душвории гуфтушунид пушти сар шуд. Раванди гуфтушунид бухронҳои зиёдеро аз сар гузаронда, аксар вақт бо сабабҳои гуногун, аз ҳама бештар аз рӯи масъалаҳое, ки характери принсипиалӣ (ҷиддӣ) надоштанд, вайрон мешуд. Аммо бо шарофати талошҳои пайвастагӣ ва пойбандӣ ба принсипҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов ҳаракат ба сӯйи сулҳ қатъ нашуд. Давраҳои сершумор буданд ва на ҳар яки онҳо натиҷаи дилхоҳ медод. Бо вуҷуди ин пешравӣ қадам ба қадам ба даст омад» [131].

Ҳамин тавр, пас аз ба имзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон миссияи Талбак Назаров ҳамчун роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар МСТ бомуваффақият ба анҷом расид.

Бояд қайд кард, ки дар ба даст омадани сулҳ дар кишвари ҷангзадаи мо саҳми роҳбари ҳайати ҳукуматӣ академик Талбак Назаров бениҳоят калон аст

ва таърихи халқи тоҷик инро барои ҳамеша дар худ сабт кардааст. Ӯ дар мушкилтарин рӯзҳое, ки бар сари кишвари мо омада буд, дар паҳлуи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои ба эътидол овардани вазъи кишвар, хомӯш намудани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сулҳу ризоияти миллӣ ва баргардонидани гурезаҳо ва ниҳоят барои ба маърази иҷро расидани созишномаи сулҳи тоҷикон содиқона камари ҳиммат баст ва хидматҳои шоиста ба анҷом расонд [31, с. 10].

Дар раванди музокирот то он ки қароре аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расонда шавад, раиси ҳайати ҳукуматии имзои Созишномаи сулҳ ва ризоияти миллӣ академик Талбак Назаров соатҳои зиёдеро сари андешаҳои хирадмандонаи тақдирсози миллат пушти сар мекард. Гузаштҳои Ҳукумат дар бисёре аз мавридҳо ҳайати КОМ аз ҷониби Ҳукуматро ба таҳлука меандохт. Баъзе аз намояндагони комиссияи ҳукуматӣ бо изҳори норозигӣ комиссияро тарк намуда, аз маҷлис баромада мерафтанд ё ин ки бо ҳар баҳона дар маҷлис иштирок намекарданд. Аммо бо такя ба хирад ва матонату ҷасорат академик Талбак Назаров ҳамаи андеша ва таклифу пешниҳодҳоро дар чорчӯбаи қарордоди сулҳ ҳаллу фасл намуда, ба Президенти кишвар, ки кафили сулҳи саросарии кишвар буд, манзур менамуд [53, с. 100].

Ҳамзамон, Талбак Назарович дар давраи гуфтушунидҳо ақидаву сухани ҳарифонро ботамкин гӯш мекарданд. Сипас, бегоҳиҳо вақте ба машварат гурӯҳи ҳукуматӣ ҷамъ шуд, фикри ҳар касро дар алоҳидагӣ дар бораи суханҳои гуфта, пешниҳодҳои шуда мепурсиданд ва баъд ба хулоса омада, қазоват мекарданд, ки чӣ бояд кард. Ин муносибати олимона ва инсонворро ба сухани тарафи муқобил худи онҳо низ пай бурда буданд ва ин эҳтироми устодро дар назди онҳо зиёд мекард [55, с. 81].

Дар ин гуфтушунидҳо, ки заковат, дониш, сабру таҳаммули хоса талаб мекард, рафтори ӯ ҳамеша мутавозин, дурандешона ва хайрхоҳ буд. Дар ин вохӯриҳо ӯ орому устувор буд ва беҳтарин роҳҳои раҳоӣ аз фоҷиаи миллиро пешниҳод мекард. Маҳз ҳамин сифатҳо Талбак Назаровро аз дигар

ширкаткунандагони музокирот - чӣ аз ҷониби ҳукумат ва чӣ аз ҷониби мухолифин фарқ мекард. Дуруст фаҳмидани масъала ва дар айни замон ҳаматарафа бохабар будан аз тамоми нозукиҳои гуфтушуниди дипломатӣ ба ӯ ёрӣ расонд, ки дар рафти он ба ҳамдигарфаҳмӣ овардани тарафҳо муваффақ шавад. Ӯ ба дурустии сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлат, ба натиҷаи бомуваффақияти кор боварии калон дошт. Аз ин ҷост, ки тарафҳо ба ин муваффақ шуданд [27, с. 78-79].

Ё Ҷумахон Темурзода вобаста ба ин масъала чунин қайд намудааст: «Боре дар як вохӯрӣ намояндае аз КОМ, ки аз мухолифин буд, дар бораи сабру таҳаммулпазирӣ ва хирадмандии Талбак Назаров хеле ва хеле бомуҳаббат ва самимият ҳарф зада, гуфт, ки аксари таклифу пешниҳодҳое, ки аз ҷониби намояндагони мухолифин манзури Ҳукумат мегардиданд, ростӣ, ба хотири иғвоангезӣ ва ноороми вазъият буданд. Аммо ҷониби Ҳукумат, ки шахсиятҳои шинохтае чун академик Талбак Назаровро шомили ин комиссия намуда буданд, ин шахсияти фарҳангӣ-сиёсӣ бо таҳаммулпешагии хеш намегузоштанд, ки кори он бенатиҷа анҷом ёбад. Ҳамон гуна, ки роҳбари муаззами кишвар ба академик Т. Назаров эътимод дошт, аксари намояндагони мухолифин дар КОМ ба хирад ва заковату ватанхоҳӣ ва сулҳофарии ӯ бовар доштанд. Ҳамин боварӣ ва эътимод буд, ки сулҳ дар кишвар бебозгашт пойдор гардида, таҷрибаи сулҳи тоҷикон эътибор ва шаъни давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро миёни кишварҳои олам боло бардошт» [105, с. 8].

Дар замони фаъолияти КОМ албатта Талбак Назаров бештар ба кори давлатии худашон – вазири корҳои хориҷӣ банд буданд, аммо аз раванди сулҳ канда нашуданд. Зеро фаъолияти гурӯҳи тамос, ки дар он сафирони кишварҳои дигар, намояндагони СММ, САҲА, СКИ иштирок мекарданд, дар мулоқоти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои нозири сулҳ дар Душанбе (1998), андешаву таҳқиқи устод хеле муҳим буд. Ин боз як бори дигар дар конференсияи байналхалқие, ки ба муносибати 10-солагии сулҳи Тоҷикистон якҷоя бо СММ баргузор гардид (2007), собит шуд. Ақида ва мақсади ниҳоии Т. Назаров дар бораи сулҳ он буд, ки январи соли 1997 дар Теҳрон гуфтанд: «Сулҳ сухани хушк

буда наметавонад. Онро дар амал исбот кардан лозим аст. Мо корамонро пеш бурданӣ бошем, аввал бояд ваъдаҳои иҷронашудаи пештараамонро амалӣ кунем». Он кас ба ин фикр ҳамеша содиқ монданд [55, с. 82-83].

Худи Т. Назаров дар як суҳбаташон ёдовар шуданд, ки раиси ҳайати ИМТ Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода «гоҳо мегуфтанд, ки ба ин қоғаз розӣ нестам, аммо ба хотири Шумо имзо мемонам». Дарвоқеъ, ин гуфтаҳо ҳақиқат дорад ва бори дигар тасдиқ мекунад, ки дар музокираву муколама шахсияти иштироккунандагон хеле муҳим ва асосӣ мебошад [49, с. 180].

Аз ин рӯ, дар хотима бахшидани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва ба даст овардани сулҳи тоҷикон саҳми Талбак Назаров ниҳоят калон буда, омӯзиши он барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон амри воқеӣ мебошад. Зеро имрӯз миллати тоҷик ва ҳар як тоҷикистонӣ маҳз бо шарофати ин шахсияти некном, ки сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайравӣ ва татбиқ кард, дар фазои сулҳу салоҳ, ризоият, оромиву осудагӣ зиндагии озодона дорад. Ҳамзамон, ин сулҳ мавқеъ ва эътибори кишвари моро дар ҷаҳон баланд бардошта, имрӯз таҷрибаи сулҳи моро ҳамчун намуна дар бисёр киишварҳои дунё меомӯзанд. Чуноне ки собиқ Дабири кулли СММ Кофи Анан дар яке аз суханрониҳояш гуфта буд, ки «таҷрибаи сулҳи тоҷикон сазовори он аст, ки ҳаматарафа омӯхта шавад».

Шояд яке аз муваффақиятҳои ҳукумат дар ба даст овардани сулҳи тоҷикон маҳз таъин шудани Талбак Назаров ҳамчун роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар раванди МСТ буд. Зеро хираду заковат, таҳаммулпазирӣ, гуфтори нарм, дӯстона ва бомантиқ, эътибори илмию сиёсии Талбак Назаров натанҳо ҷониби ҳукуматиро дилпур ва боварӣ мебахшид, ҳатто ҳайати мухолифинро ҳам ором мекард, ба муросо медошт, бовар мекунонд ва маслиҳат медод. Аз ин ҷо, ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар МСТ таъин шудани ӯ яке аз муваффақиятҳои фаъолияти Ҳукумат дар сулҳсозӣ буд.

Ҳамин тавр, аз таҳлилҳои дар боло овардашуда вобаста ба саҳми Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон мо ба хулосаҳои зерин омада метавонем:

1. Ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар музокироти сулҳи тоҷикон таъин шудани Талбак Назаров яке аз муваффақиятҳои фаъолияти Ҳукумат дар сулҳсозӣ буд;

2. Пас аз оне, ки раванди музокирот дар бунбаст қарор гирифт, ба ҳам овардани тарафҳо вазифаи сангинтарин ҳисобида мешуд. Дар чунин шароит академик Т. Назаров тавонист тавассути дипломатҳои бузурги хориҷӣ, ки дар назди онҳо эътибори давлатӣ, сиёсӣ ва илмии ӯ кам набуд, қувваҳои мухолифинро ба сари миз барои гуфтушунид шинонда, онро аз бунбаст барорад;

3. Дар замони сулҳсозӣ дар татбиқи андешаҳо, тарҳи сулҳ, идеяҳо, супоришҳо барои муайян кардани раванди музокирот ва фаъолияти КОМ, инчунин, омода кардани ҳуҷҷатҳо Т. Назаров яке аз ёварон ва мушовирони асосии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд;

4. Талбак Назаров дар баробари бевосита ворид шудан ба раванди музокирот фазои эҳтиром ва эътиқоди ҷонибҳоро ба вуҷуд овард, ки ин омил самараи неки худро дар рафти минбаъдаи музокироти сулҳи тоҷикон дод;

5. Талбак Назарович дар давраи гуфтушунидҳо сухану ақидаи ҳарифонро ботамкин гӯш карда, фикри ҳар касро дар алоҳидагӣ оид ба таклифу пешниҳодҳои иброзшуда мепурсиданд ва баъд хулосагириву қазоват мекарданд, ки ин муносибати олимона ва орифона эҳтироми устодро дар назди ҷониби мухолифин зиёд кард;

6. Ҳарчанд ки дар раванди музокирот ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ фаъолият дошт, лекин бо намояндагони мухолифин ба ҳайси як шаҳрванди оддӣ ва дар муқобили суханҳои тезутунд ва баланду сахтгӯйии онҳо оромона ҳарф зада, беҳтарин роҳҳои раҳоӣ аз фоҷиаи миллиро пешниҳод менамуд. Аз ин ҷост, ки тарафҳо барои ба сулҳ расидан муваффақ шуданд;

7. Пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон миссияи Талбак Назаров ҳамчун роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон бомуваффақият ба анҷом расид ва таърихи халқи тоҷик инро бо ҳарфҳои заррин барои ҳамеша дар худ сабт хоҳад кард.

# БОБИ III. НУФУЗ ВА ЭЪТИБОРИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АКАДЕМИК ТАЛБАК НАЗАРОВ

## 3.1. Талбак Назаров муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ

Дар таърихи ҳар як миллату давлат дер ё зуд шахсиятҳое пайдо мешаванд, ки ба сарнавишти онҳо таъсир мерасонанд ва онҳоро дар байни дигар давлату миллатҳо намояндагию муаррифӣ карда, обрӯю эътиборашонро баланд мебардоранд. Асри XX барои миллати тоҷик низ як қатор олимони барҷаста, шахсони эҷодкор ва мутаффакирони нотакрорро дод. Яке аз чунин шахсиятҳои барҷаста академик Назаров Талбак Назарович мебошад, ки дар таърихи халқи тоҷик номаш бо хатҳои заррин сабт шудааст. Зеро аз як тараф ӯ ҳамчун дипломат, ходими сиёсӣ ва аз тарафи дигар омӯзгори нотакрор, олими ислоҳотгар ва шахсияти беҳамто буда, дар баробари ин, ӯ ҳамчун як роҳбари муваффақ, ҳимоятгари манфиатҳои кишвар, иштирокчии фаъоли конференсияву симпозиумҳои байналмилалӣ ва муаррифгари давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Т. Назаров аз даврони донишҷӯйияш шуруъ карда, кишвару миллат ва илми тоҷикро дар хориҷ аз он намояндагию муаррифӣ кардааст. Масалан, арзиши нодири илмии асарҳои академик Т. Назаровро агар аз нигоҳи рушди эволютсионии ғояҳои илмӣ назар намоем, пас заминаҳои бунёдии неруи бузурги таҳқиқии ӯ дар нимаи дуюми асри XX дар мактабҳои бузурги илмии шаҳрҳои Иттиҳоди Шуравӣ шакл гирифта буд. Вай солҳои 60-уми қарни гузашта Институти молиявию иқтисодии ба номи Н.А. Вознесенскии шаҳри Ленинградро бомуваффақият хатм менамояд ва дар ин институт зери роҳбарии олим-иқтисодчии бузурги шуравӣ З.Е. Русин рисолаҳои илмӣ таҳия намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзад ва доктори илм мегардад [31, с. 19].

Баъд аз ҳимояи рисолаи докторияш фаъолияти илмии Т. Назаров боз ҳам васеътар мегардад. Чунки, дар ин давра илмҳои иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ба ташаккул ва рушди худ оғоз намуда буд. Маҳз дар ҳамин давраи гузариш номи ӯ ҳам дар қаламрави пасошуравӣ ва ҳам берун аз марзи онҳо ба таври

васеъ шинохта шуд. Дар ин давра, алаккай ӯ муаллифи як қатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи молия ва қарз, иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти давраи гузариш гардида, дар таҳияи масъалаҳои назария, методология ва амалияи рушди иқтисодии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ саҳми калон гузоштааст.

Махсусан, аз ҷониби академик Т. Назаров омода намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва мақолаҳо на танҳо ба забони тоҷикиву русӣ, балки ба забонҳои англисию немисӣ ва узбекӣ исботи ин гуфтаҳо буда, онҳо бозгӯйи васеъшавӣ ва фаррохтар гаштани доираи фаъолияти илмии устод ба ҳисоб меравaнд.

Инчунин, китобҳои Талбак Назаров, аз ҷумла «Тоҷикистон: иқтисод, сиёсат ва ҳамкории байналмилалӣ», «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва амният», «Тоҷикистон: рушди иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ», «Иқтисоди бозорӣ ва ҳамкории байналмилалӣ» ва «Ислоҳоти иқтисодӣ, ҳамкорӣ ва амният» нашр шуд, ки баъдан ду китоби он бо дархости олимони белорусӣ такроран дар шаҳри Минск аз чоп баромад. 2 мақола бо забони англисӣ солҳои 2006 ва 2009 дар маҷаллаи амрикоии «International journal of decision ethics» ба табъ расидаанд.

Ҳамзамон, баъзе мақолаҳои Т. Назаров бо ду ва ё зиёда забон, аз ҷумла, ба забони олмонӣ, англисӣ ва чинӣ тарҷума ва чоп шудаанд [31, с. 99-106].

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки академик Т. Назаров тавассути илми худ кишвар ва миллати моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуд.

Академик Талбак Назаров аввалин маротиба давлату миллати тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ моҳи ноябри соли 1987 дар конференсияи байналмилалӣ бахшида ба 70-солагии Инқилоби бузурги сотсиалистии Октябр (Россия, 1917), ки дар шаҳри Аддис-Абеба (Эфиопия) баргузор шуда буд, ба ҳайси роҳбари ҳайати Комитети шуравии ҳамраъйии кишварҳои Осиё ва Африқо муаррифӣ намуда, дар мавзуи «Аҳамияти умумиҷаҳонӣ-таърихии Инқилоби Бузурги Сотсиалистии Октябр» баромад кардааст [30, с. 55].

Зимни таҳқиқот ва шиносоӣ бо кору фаъолияти Талбак Назаров, мо мебинем, ки дар давраи ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будани ӯ (солҳои 1982-1988) кашфиётҳое, ки берун аз ҷумҳурӣ машҳур гаштанд, дар

ҳамин донишгоҳ таҳти роҳбарии бевоситаашон сурат гирифта аст. Дар он солҳо дар донишгоҳ корҳои илмӣ ба таври назаррас вусъат ёфта, сафи нави номзадҳо ва докторҳои илм пурра мегардад.

Академик Т.Н. Назаров чун шахсияти башардӯст ба сарварии кафедраҳо ва факултетҳо на танҳо кадрҳоро аз ноҳияҳои гуногун, балки мутахассисони миллатҳои гуногунро низ ҷалб менамуд... Ҳамзамон, дар солҳои ректории Т.Н. Назаров дар ДДТ ба номи В.И. Ленин донишҷӯён на танҳо аз ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ, балки миллатҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дарс меомӯхтанд. Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон як мактаби бузурги байналмилалӣ буд, зеро дар факултетҳои он намояндагони давлатҳои гуногуни хориҷӣ: Эрону Афғонистон, Туркияву Алҷазоир, Ветнаму Чин, Покистону Ҳиндустон ва ғайра таҳсил мекарданд [28, с. 64-66].

Дар ҳамон солҳо ба гузаронидани таҷрибаомӯзиҳо диққати хоса дода мешуд... Ба донишҷӯён беш аз ҳама таҷрибаомӯзии сайёҳӣ маъқул буд, зеро онҳо имконият доштанд, ки на танҳо ба шаҳрҳои қадимии Осиёи Миёна: Бухоро, Самарқанд, Панҷакент, Хоразм, балки ба шаҳрҳои Россия: Москва, Ленинград, Псков, Новгород ва ҷумҳуриҳои назди Балтика: Эстония, Литва ва Латвия шинос гарданд. Дар натиҷаи ин намуди таҷрибаомӯзӣ на танҳо дӯстии тарафайни донишҷӯёни собиқ Иттиҳоди Шуравӣ мустаҳкам мегардид, балки дониши таърихии онҳо пурратар ва саҳеҳтар мешуд [28, с. 65].

Сарфи назар аз сарбории корҳои маъмурӣ дар донишгоҳ олим корҳои илмиашро мунтазам идома медиҳад. Дар ин давра, дар маркази таҳқиқотҳои илмии Талбак Назаров ҷустуҷӯйи роҳҳои беҳтар намудани иқтисодиёте, ки ба бuҳрони шадид гирифтор шудааст, қарор мегирад.

Ҳамзамон, дар ин давра дар баробари олиму таҳқиқотчии машҳури илмӣ шудан, обрӯю эътибор ва мақоми сиёсии Талбак Назаров низ хеле баланд мегардад. Зеро дар ин солҳо ӯ вакили Шурои Олӣ, аъзои КМ Ҳизби Коммунистӣ, вакили халқии ИҶШС, раиси Шурои Олӣ, узви вобастаи Академияи илмҳо, Раиси Шурои ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон, узви Кумитаи давлатии маорифи

халқи ИҶШС, муовини якуми раиси Шурои Вазирон ва раиси Кумитаи банақшагирии давлатии ҶШС Тоҷикистон буд.

Талбак Назаров ба ҳайси вакили халқ моҳи декабри соли 1989 дар Анҷумани 2-юми вакилони халқи ИҶШС [52, с. 349] ва 29 майи соли 1990 дар ҷаласаи якҷояи Шурои Иттифоқӣ ва Шурои миллатҳои Шурои Олии ИҶШС [12, с. 17] баромад карда, манфиатҳои миллату давлати тоҷикро ҳимоя кардааст.

Масалан, Талбак Назаров дар Анҷумани II вакилони халқии ИҶШС нуқтаи назари худро дар бораи аз усулҳои маъмурии идоракунӣ ба усулҳои иқтисодӣ гузарондани иктисодиёт асоснок мекунад. Дар баробари ин, ҳатто дар он вақт ҳам таъкид карда буд, ки шитобкоронаю бе тайёрии зарурӣ ба амал баровардани ҳар якислоҳот натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Ба фикри ӯ, дар аввал бояд методҳои банақшагириро тағйир дода, ба шаклҳои моликият низ тағйироти муайян даровардан лозим буд. Дар он солҳо олим эҳтимоли аз даст додани назорати иқтисодро ҳушдор дода, ба тадриҷан дигаргун сохтани онро таъкид мекард [31, с. 52]. Ё ин ки, соли 1990 аз минбари Иҷлосияи Шурои Олии Иттиҳоди Шуравӣ масъалаи камбудии маблағгузории захираҳои мавҷудаи истеҳсолӣ ва меҳнатии кишвари бузурги Иттиҳоди Шуравиро ба миён гузошт. Дар ин суханронӣ устод Т.Н. Назаров хулосаҳо ва натиҷагириҳои пажуҳиши пурдоманаи худро, ки ҳамон айём таҳти унвони «Муносибатҳои молиявӣ ва қарзӣ дар шароити ҳисоби комили хоҷагӣ» (Душанбе, 1990) ба нашр расида буд, дар сатҳи олии кишвари бузурги Шуравӣ ба ҳайси масъалаҳои мубрами иқтисодиёти кишвар ба миён гузоштанд. Ҷасорати илмӣ ва масъулияти шахсӣ ба устод имконият дод, ки консепсияи тозаи роҳҳои ба эътидол овардани таносуби манофеи ҷамъиятию шахсиро пешниҳод созад. Бунёди ин назария танҳо иборат аз гузориши масоили иқтисодӣ набуда, балки дар он, пеш аз ҳама, манфиати ҳар як фарди ҷомеа дар мадди назар қарор гирифта буд [99, с. 12-13].

Фаъолияти пурсамари илмии академик Т. Назаров дар давраи соҳибистиқлолии кишвар неруи тоза гирифтааст. Зеро истиқлоли давлатӣ имкон дод, ки пажуҳишҳои илмии академик ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву

иқтисодӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ равон гардад. Дар ин ҷода академик Т.Назаров кӯшиш намудааст, ки на танҳо ташаккули рушди мактаби илмии ватанӣ суръат гирад, балки шинохти илми иқтисодии тоҷик дар арсаи ҷаҳон таъмин гардад. Пайваста ва фаъолона дар ҳамоишҳои бузурги илмии ҷаҳонӣ иштирок намуда, ақидаҳои ҷаҳонсозро аз номи Тоҷикистон баррасӣ намуда, барои ҷаҳонгардии илми тоҷик саъю талош намуд. Масалан, дар ҳамоишҳои бонуфузи байналмилалӣ зимни маърӯзаҳои илмии худ – «Современная архитектура безопасности и ее экономические аспекты» (Ҷакарта, Индонезия-2005), «Вопросы создания условий для расширения экономического сотрудничества в регионе ОИК» (Остона, Қазоқистон-2005), «Вопросы создания равноправных условий для торговли и экономического сотрудничества на пространстве ОБСЕ» (Словения-2005), Муколамаи «Осиёи Марказӣ + Ҷопон: мушкилот ва мулоҳизаҳо» (2006), «Ҳамгироии минтақавӣ – омили қавии болоравии собити иқтисодӣ» (СММ, Ню-Йорк-2006), «Тоҷикистон ва Афғонистон: баъзе масоили ҳамкорӣ» (Лондон-2006) ва ғайраҳо арзишмандтарин ғояҳои баланди илмиро дар масоили такмили механизм ва шаклҳои таъмини пешрафти ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва интегратсияи иқтисодии кишварҳои ҷаҳон ибрози назар намуда, дар ғанӣ гардонидани пояҳои назариявии илми иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ саҳм гузоштааст [31, с. 20-21].

Талбак Назаров дар давраи вазири корҳои хориҷӣ буданаш тавонист дар густаришу тавсеаи обрӯю эътибори кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ва дар муайян гардидани мақому ҷойгоҳи Тоҷикистон дар созмонҳои бонуфузи дунё саҳм гузорад. Н.Т. Назаров дар татбиқ ва роҳандозии сиёсати хориҷии Президенти кишвар нақши намоён гузошта, дар як муддати кӯтоҳ бо маҳорати хоси дипломатӣ байни кишварҳои Ғарбу Шарқ ва ҳамсояҳои дуру наздики кишвар муносибату равобити судмандеро ба роҳ монд ва дар ин замина барои ба вуҷуд овардани мактаби муосири дипломатияи тоҷик заҳмати зиёд кашид. Масалан, дар китоби «Многовекторная дипломатия Таджикистана» вобаста ба даврони вазирии Талбак Назаров қайд гардидааст, ки «мо дар ин давра дар

заминаи таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои дуру наздик, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқии онҳо, рушди ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, институтҳои молиявии ҷаҳонӣ санги аввалро гузоштем ва корҳо оҳиста-оҳиста пеш рафтан гирифтанд. Дар ҳамаи ин соҳаҳо бомуваффақият кор кардан ва манфиатҳои худро муҳофизат кардан барои кишвари аз ҷанг зарардида ва буҳронзада кори осон набуд. Хушбахтона, саъю кӯшиши роҳбарияти ҷумҳурӣ ва ВКХ барои мустаҳкам намудани мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ натиҷаҳои мусбат бахшид. Бо вуҷуди ҳама мушкилот Тоҷикистон тавонист бо бисёр давлатҳо муносибатҳои эътимодбахшу судманд барқарор намояд» [27, с. 78].

Дар тӯли 12 соли вазири корҳои хориҷӣ будани Талбак Назаров дар ҷаласаҳои гуногуни САҲА ва дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳон ширкат ва баромад кардааст. Ӯ иштирокчии сессияҳои 51 (1996), 53 (1998), 57 (2002), 59 (2004), 60 (2005) ва 61 (2006) Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд МУ СММ) буда, бо маърӯзаҳои муфид, махсусан, оид ба масъалаи сулҳ ва роҳҳои пойдор гардонидани он ва дигар масъалаҳои муҳим баромад кардааст [28, с. 70]. Аз ҷумла, 7 октябри соли 1996 дар ҷаласаи 51-уми МУ СММ вобаста ба мавзуи «Кӯшиши ҷомеаи байналмилалӣ баҳри пайдо кардани шакли ба ҳамдигар мақбули сулҳи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон»; 30 сентябри соли 1998 дар ҷаласаи 53-юми МУ СММ вобаста ба мавзуи «Суботи миллӣ ва минтақавӣ – калиди эҳёи иқтисоди пас аз низоъ дар Тоҷикистон»; 18 сентябри соли 2002 дар ҷаласаи 57-уми МУ СММ вобаста ба мавзуи «Ҳамкорӣ баҳри рушди иқтисодӣ ва амният»; 30 сентябри соли 2004 дар ҷаласаи 59-уми МУ СММ вобаста ба мавзуи «Рафъи камбизоатӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувор – вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеаи ҷаҳонӣ»; 20 сентябри соли 2005 дар ҷаласаи 60-уми МУ СММ вобаста ба мавзуи «Тоҷикистон дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди ҳазорсола»; 25 сентябри соли 2006 дар ҷаласаи 61-уми МУ СММ вобаста ба мавзуи «Ҳамгироии минтақавӣ – омили тавонои рушди устувори иқтисодӣ» баромад кардааст [29, с. 52-56].

Ҳамзамон, дар конференсияҳои байналмилалие, ки зери сарпарастии СММ ва муассисаҳои он баргузор карда шудаанд, низ дар мавзуъҳои ниҳоят мубрам баромад намудааст. Аз ҷумла:

- Моҳи декабри соли 1994 дар шаҳри Женева Форуми байналмилалӣ, ки вобаста ба масъалаи «Мусоидат ба тараққиёти кишварҳои давраи гузариш - ҳамчун омили муҳими ҳамгироии онҳо ба иқтисодиёти Аврупо ва ҷаҳон» аз тарафи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ гузаронида шуд, дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои ба низоми иқтисодии Аврупо шомил шудани он» баромад кардааст;

- 5 майи соли 1999 дар шаҳри Женева дар ҷаласаи 54-уми Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ (КИАСММ) вобаста ба масъалаи «Тақвияти ҳамкорӣ дар минтақаи КИА: фаъолиятҳои оперативӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилоти минтақавӣ, зерминтақавӣ, ташкилот ва созмонҳои ташаббускор» дар мавзуи «Қадами муҳим дар роҳи ҳамкории мутақобилаи иқтисодӣ» баромад кардааст;

- 21 июни соли 2007 дар шаҳри Ню-Йорк (штаб-квартираи СММ) бо ташаббуси СММ Конференсияи байналмилалӣ вобаста ба 10-солагии ба имзо расонидаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он оид ба мавзуи «Муколамаи сиёсӣ – пояи асосии гузариш аз ҷанг ба сулҳ ва мусолиҳаи миллӣ» баромад кард [30, с. 55-60].

Дар конференсияи охирин номбаршуда Талбак Назаров дар баромади худ доир ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон андешаҳои боэътимодеро баён кардааст. Аз ҷумла, гуфтааст, ки натиҷаҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нишон доданд, ки муколамаи сиёсӣ метавонад як омили бунёдии сулҳ ва ризоияти миллӣ на танҳо дар як давлат, балки унсури бартаридошта дар меъмории муосири амният гардад [40, с. 202].

Бояд қайд кард, ки дар даврони вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон будан Талбак Назаров дар 3 ҷаласаи Шурои доимии САҲА, 7 вохӯриҳои вазирони корҳои хориҷии САҲА ва 1 семинари байналмилалии аз тарафи САҲА баргузорнамуда иштироку суханронӣ намудааст. Дар ҷаласаву вохӯриҳое, ки аз тарафи САҲА баргузор мешуд, Талбак Назаров дар онҳо

бештар мавқею ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА-ро оид ба мубориза бар зидди хатарҳои нави ҷаҳонӣ, ки ба амнияту пойдории вазъияти сулҳу субот ва зиндагии осоиштаи мардуми сайёра таҳдид мекунанд, матраҳ намудааст. Исботи ин суханҳоро мо дар номи маърӯза ё матни баромадҳои академик Талбак Назаров дида метавонем. Аз ҷумла, соли 1996 дар шаҳри Душанбе дар Семинари байналмилалии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар мавзуи «САҲА ва нақши он дар мустаҳкамнамоии субот ва боварӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ: тахминҳо ва интизориҳо»; 11 сентябри соли 1997 дар шаҳри Вена дар ҷаласаи Шурои доимии САҲА оид ба мавзуи «Раванди сулҳ бидуни алтернатив»; Моҳи декабри соли 1997 дар шаҳри Копенгаген дар Машварати Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА оид ба мавзуи «Нақши САҲА дар низоми сулҳофарӣ» [29, с. 51-55]; Моҳи декабри соли 1998 дар шаҳри Осло дар вохӯрии вазирони корҳои хориҷии САҲА оид ба мавзуи «Масъулияти САҲА барои амнияти минтақа»; 14 октябри соли 1999 дар шаҳри Вена дар ҷаласаи Шурои доимии САҲА вобаста ба масъалаи «Ҳамкориҳои Тоҷикистону САҲА ва нақши он дар таҳкими амнияти минтақавӣ»; 27-28 ноябри соли 2000 дар шаҳри Вена дар ҷаласаи Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА оид ба мавзуи «Таҳкими амнияту субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳалли қазияи Афғонистон»; 19 октябри соли 2001 дар шаҳри Вена дар ҷаласаи махсуси Шурои доимии САҲА оид ба мавзуи «Терроризми байналмилалӣ: чолишҳои нав ба амният ва субот дар ҷаҳон»; 3-4 декабри соли 2001 дар шаҳри Бухарест дар вохӯрии вазирони корҳои хориҷии САҲА дар мавзуи «САҲА – дурнамои ҳамкориҳо»; 6-7 декабри соли 2002 дар шаҳри Порто (Португалия) дар вохӯрии Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА оид ба мавзуи «Эътилофи байналмилалӣ – роҳи муассири мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ» [54, с. 107-142]; Моҳи декабри соли 2003 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров дар ҷаласаи 11-уми вазирони корҳои хориҷии САҲА (дар Маастрихт) зимни ибрози мавқеи кишварашро оид ба санади асосии Созмон – Стратегияи САҲА барои мубориза бар зидди таҳдид ба амният ва пойдории вазъият дар асри XXI

масъалаҳои ҳамкорӣ дар таъмини амният дар минтақа ва танзими вазъи Афғонистонро ба миён гузошт [41, с. 102]; ва 6-7 декабри соли 2004 дар шаҳри София дар Машварати 12-уми Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА оид ба мавзуи «Тоҷикистон ва САҲА: баъзе мушкилоти ҳамкориҳо» баромад намудааст [2].

Талбак Назаров худ ки иқтисодчӣ аст, ба рушду нумуи дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд медод. Масалан, дар давраи фаъолияташ ба ҳайси вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли мушаххаси субъектҳои муосир дар низоми муносибатҳои иқтисоди хориҷӣ ва дипломатияи иқтисодӣ рӯйи кор омад, ки айни ҳол дар раванди густаришу мукаммалшавӣ қарор дорад. Чуноне ки дар мақолаи «Мудрый человек и искусный политик» қайд менамоянд: «Дар ин давра дипломатияи иқтисодӣ ҳам инкишоф ёфт: дар байни ҳуҷҷатҳои дутарафа ва бисёртарафа созишномаҳо оид ба ҳамкории иқтисодӣ торафт зиёд мешуданд. Талбак Назаров зимни мулоқот бо ҳамкорони хориҷиаш таваҷҷуҳи онҳоро пеш аз ҳама ба зарурати ҳамкорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисод ҷалб мекард» [96]. Масалан, соли 2004 аз 68 созишномаи дутарафае, ки байни Тоҷикистон ва давлатҳои дигар баста шуд, 21-тоаш ба ҳамкориҳои иқтисодӣ дахл дошт, аз ояндаи нек дарак медод [41, с. 103].

Ҳамзамон, дар тамоми ҳамоишҳои илмии ҷаҳонӣ ҳифзи манфиату амнияти иқтисоди миллии Тоҷикистон дар мадди аввали олими беназири миллат қарор дошт. Академик Т. Назаров бо истифода аз минбарҳои сатҳи ҷаҳонӣ иқтидору захираҳои нодири ватанамонро, ки барои сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии муштарак судоваранд, муаррифӣ намуд ва барои ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба кишварҳои дунёро даъват намудааст. Чуноне ки дар китоби худ «Таджикистан: экономика, политика и международное сотрудничество» менависад: «Андешаи зарурати васеъ намудани ҳамкориҳои иҷтисодии байналмилалӣ ва эҷоди шароити мусоид барои ҳавасмандгардонии воридгардии сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ риштаи сурхи пажуҳишҳои илмии маро ташкил додааст» [31, с. 22].

Дар ҳақиқат то имрӯз дар чандин конференсияву ҳамоишҳои байналмилалие, ки ба самти иқтисодиёт бахшида шуда буд, академик Талбак Назаров иштирок карда, дар онҳо вобаста ба мавзуъҳои ниҳоят мубрам баромад намуда, барои ворид гардидани сармояҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар кумаки беандоза кардааст. Аз ҷумла, моҳи октябри соли 1998 дар шаҳри Қоҳира дар конференсияи якум оид ба ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Мисри Араб ва кишварҳои аъзои ИДМ вобаста ба мавзуи «Иқтидори ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ»; 24 июни соли 2002 дар шаҳри Абу-Дабӣ (Аморати Муттаҳидаи Араб) дар Маркази байналмилалии ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги ба номи Шайх Зайд оид ба мавзуи «Ҳамкории байналмилалӣ, рушди иқтисодӣ ва амният»; Моҳи сентябри соли 2002 дар шаҳри Ню-Йорк дар Саммити Авруосиё бахшида ба масъалаҳои рушди иқтисодӣ ва амният дар шароити муосир вобаста ба мавзуи «Тоҷикистон: иқтисоди давраи гузариш ва эҳёи он ҳамчун омили таъмини амнияту субот»; 20 ноябри соли 2004 дар шаҳри Берлин дар Форуми 10-уми аврупоии Берлин таҳти унвони «Нигоҳи Аврупо» оид ба мавзуи «Иттиҳоди Аврупо ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил: имкониятҳои ҳамкории иқтисодӣ» баромад намудааст [30, с. 56-59].

Баъд аз анҷомёбии ҷанги шаҳрвандӣ ва дар замони муосир яке аз роҳҳои рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ин аъзо будан ба созмонҳои байналмилалию минтақавӣ мебошад. Зеро барои ҷумҳурии мо бозори кишварҳои аъзои онҳо бозори аз ҳама дастрас ва фоидаовар мебошад. Кишвари мо бештар ба рушди соҳаҳои тиҷорат, нақлиёту коммуникатсия, энергетика, инчунин, воридоти газу нафт эҳтиёҷ дорад. Имрӯз ин эҳтиёҷоти худро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи аъзо будан дар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ба монанди Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Созмони ҳамкории исломӣ то андозае амалӣ карда истодааст. Ҳамкорӣ бо давлатҳои аъзои ин созмонҳо ба хотири пайдо кардани имкониятҳои нави рушди иқтисодӣ яке аз ҳадафҳои асосии роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар ҳамон давра академик Талбак Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷии кишвар дар якчанд форуму машваратҳои созмонҳои

мазкур иштирок карда, ҷиҳати рушди ҳамкориҳои иқтисодии кишвар бо давлатҳои аъзои созмонҳои мазкур баромаду суханронӣ кардааст. Масалан, 4 майи соли 2001 дар шаҳри Душанбе дар Машварати 11-уми Шурои вазирони СҲИ вобаста ба мавзуи «Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва нақши он дар соҳаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ»; 2 октябри соли 2002 дар шаҳри Истанбул дар Машварати Шурои вазирони СҲИ вобаста ба мавзуи «Нақши Созмони ҳамкории иқтисодӣ дар шароити рӯзафзуни таъсири ҷаҳонишавӣ дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ»; Моҳи октябри соли 2003 дар шаҳри Куала-Лумпур (Малайзия) дар ҷаласаи Шурои вазирони Созмони Конфронси Исломӣ (ҳозира Созмони ҳамкории Исломӣ) вобаста ба мавзуи «СКИ: вазъи кунунӣ ва имкониятҳо барои оянда»; 12 сентябри соли 2004 дар шаҳри Душанбе дар Машварати 14-уми Шурои вазирони Созмони ҳамкории иқтисодӣ вобаста ба мавзуи «СҲИ: афзалиятҳои ҳамкорӣ»; 27 сентябри соли 2004 дар шаҳри Ню-Йорк дар Ҷаласаи муштараки вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СҲИ ва АСЕАН вобаста ба мавзуи «СҲИ ва АСЕАН: ҷустуҷӯйи ҳамоҳангсозӣ»; 28-30 июни соли 2005 дар шаҳри Санъо (Яман) дар ҷаласаи Шурои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви Созмони Конфронси Исломӣ вобаста ба мавзуи «СКИ ва проблемаҳои тараққиёти иқтисодии кишварҳои дар давраи гузариши иқтисодӣ қарордошта» суханронӣ кардааст [29, с. 53-55].

Роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 90-уми асри гузашта ва ибтидои асри XXI пайгирона кӯшиш доранд, ки низоъ дар кишвари ҳамсоя – Афғонистон ба пуррагӣ рафъ гардад ва иқтисоди харобгаштаи он барқарор шавад. Махсусан, масъалаи мазкур мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, доимо дар баромаду суханрониҳояшон онро ёдоварӣ мекунанд. Аз ҷумла, 26 июни соли 2000 дар паёми табрикии худ ба муносибати 3-юмин солгарди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ вобаста ба ин масъала чунин қайд карда буданд: «Мехоҳам оид ба масъалае, ки то ҳанӯз боиси ташвишу изтироби мо мебошад, яъне қазияи Афғонистон изҳори ақида намоям. Зиёда аз 20 сол мешавад, ки қаламрави кишвари мазкур дар оташи

ҷанги дохилӣ месӯзад. Бо истифода аз фурсат бори дигар таваҷҷуҳи кишварҳои минтақа ва умуман ҷомеаи ҷаҳониро ба ин масъала ҷалб месозам. Афғонистонро бо фоҷиаи худаш танҳо гузоштан мумкин нест. Баръакс, аз тамоми имкониятҳо истифода бурда, коре бояд кард, ки оташи ҷанг дар ин сарзамин хомӯш гардад. Ба ибораи дигар, ба масъалаи Афғонистон ҳамчун масъалаи сулҳу суботи минтақа ва ҷаҳон муносибат бояд кард» [136].

Инчунин, онҳо аз минбари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ даъват карданд, ки на танҳо проблемаҳои дохилии худ, балки муҳимтарин проблемаҳои байналмилалӣ ҳам ҳал карда шаванд. Ҳамин тавр, аз тарафи Тоҷикистон ба миён гузоштани масъалаи ҳалли проблемаҳои Афғонистон аз мавқеи хирадмандона ва дурандешонаи роҳбарияти ҷумҳурӣ ва вазири корҳои хориҷии он (Талбак Назаров) шаҳодат медиҳад. Масалан, вақте ки «Толибон» қариб тамоми қаламрави Афғонистонро ишғол карданд, баъзе кишварҳои ҳамсоя аллакай омода буданд ҳукумати онҳоро расман эътироф кунанд. Аммо Тоҷикистон дар мавқеи худ устувор истода, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари чунин «**ҳукумат**»-ро фаҳмонд [126]. Аммо барои ҷониби Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ фаҳмонидани мушкилоти Афғонистон ва хатари ҳукумати «Толибон» осон набуд. Аз ин рӯ, ҷониби Тоҷикистон минбарҳои созмону ташкилотҳо ва конференсияву семинарҳои байналмилалиро истифода бурд. Бо ҳамин ният вазири корҳои хориҷӣ Т. Назаров дар як қатор ҷаласаву машваратҳо, конференсияву семинарҳои байналмилалӣ барои ҳалли қазияи Афғонистон ширкат варзид. Аз ҷумла, 21-22 январи соли 2002 дар шаҳри Токио дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба барқарорсозии Афғонистон вобаста ба мавзуи «Афғонистон: имкони эҳёи иҷтимоию иқтисодӣ»; 2 декабри соли 2002 дар шаҳри Бонн дар Конференсия бахшида ба созишномаи Бонн оид ба Афғонистон вобаста ба мавзуи «Афғонистон: баъд аз як сол»; 20 майи соли 2003 дар шаҳри Париж дар Ҷаласаи васеъ дар доираи Ҳаштгонаи бузург оид ба масъалаҳои амниятӣ дар Афғонистон вобаста ба мавзуи «Афғонистон: ҷустуҷӯйи роҳҳои гузаштан аз мантиқи ҷанг ба мантиқи сулҳ ва ҳамкорӣ»; 31 январи соли 2006 дар шаҳри Лондон дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба

Афғонистон вобаста ба мавзуи «Тоҷикистон ва Афғонистон: баъзе масъалаҳои мубрами ҳамкорӣ» баромад намудааст [29, с. 53-56].

Бояд тазаккур дод, ки мушкилоти Афғонистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми хосаеро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, роҳбарияти ҷумҳурӣ ва вазири корҳои хориҷии он Талбак Назаров чунин тадбиреро пешниҳод карданд, ки дар атрофи Афғонистон «Камарбанди бехатарӣ» ба мақсади пешгирӣ кардани қочоқи ғайриқонунии аслиҳа ва маводи мухаддир, мубориза бар зидди терроризму экстремизм ва таъмини амнияту суботи минтақаи Осиёи Марказӣ ташкил карда шавад.

Аз ин хотир, Талбак Назаров дар якчанд семинару конференсияҳои байналмилалӣ дар мавзуъҳои ниҳоят мубрам баромад карда, мавқеи Тоҷикистонро нисбати ин хатару ҷиноятҳо муайян кардааст. Масалан, соли 1996 дар шаҳри Тошканд дар семинари байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ дар соҳаи мубориза бо маводи мухаддир вобаста ба мавзуи «Тоҷикистон ва роҳҳои ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо маводи мухаддир»; 1-3 феврали соли 2002 дар шаҳри Мюнхен дар конференсияи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои амният вобаста ба мавзуи «Ҷанбаҳои иқтисодии меъмории нави амният»; 22 майи соли 2003 дар шаҳри Париж дар ҷаласаи вазирони корҳои хориҷӣ оид ба масъалаи «Дар бораи роҳҳои интиқоли маводи мухаддир аз Осиёи Марказӣ ба Аврупо» вобаста ба мавзуи «Барои пурзӯр намудани мубориза ба муқобили нашъамандӣ усулҳои нав лозиманд»; 20 апрели соли 2005 дар шаҳри Ҷакарта (Индонезия) дар мулоқоти вазирони давлатҳои Осиё ва Африқо бахшида ба 50-солагии конференсияи Бандунг вобаста ба мавзуи «Нақши таърихии Эъломияи Бандунг дар бораи мустаҳкам намудани сулҳ ва ҳамкорӣ дар ҷаҳон»; 5-7 июни соли 2006 дар шаҳри Токио дар Ҷаласаи дуюми вазирони корҳои хориҷии кишварҳои иштирокчии муколамаи «Осиёи Марказӣ + Ҷопон» вобаста ба мавзуи «Муколамаи «Осиёи Марказӣ + Ҷопон: мушкилот ва мулоҳизаҳо»»; 28 июни соли 2006 дар шаҳри Москва дар Конференсияи байналмилалӣ «Дар бораи роҳҳои интиқоли маводи мухаддир аз Афғонистон (Париж-2-Москва-1)» вобаста ба мавзуи «Мубориза ба

муқобили истеҳсол ва паҳн кардани маводи мухаддир вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад»; 17-19 апрели соли 2007 дар шаҳри Берлин дар Конференсияи байналмилалии «Амният ва субот дар Осиёи Марказӣ: ташаббусҳои даврони раёсати Олмон дар Иттиҳоди Аврупо» вобаста ба мавзуи «Баъзе мушкилоти таъмини амният ва субот дар Осиёи Марказӣ»; 15-17 ноябри соли 2007 дар шаҳри Тунис дар Конференсияи байналмилалии «Терроризм: андозагирӣ, таҳдидҳо ва муқовиматҳо» вобаста ба мавзуи «Мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ вазифаи аввалиндараҷаи аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад» баромад кардааст [30, с. 56-60].

Талбак Назаров ҳамчун яке аз роҳбарони АМИТ пеш аз ҳама тарафдори нигоҳ доштан ва минбаъд инкишоф додани робитаҳои илмӣ бо кишварҳои соҳибихтиёри пасошуравӣ мебошад. Ӯ зарурати вусъат додан ва мустаҳкам намудани ҳамкории илмӣ-техникии байни давлатҳои ИДМ-ро фаъолона тарафдорӣ намуда, чунин мешуморад, ки ба ҷанбаҳои миллӣ такя карда, аз ҳамдигар ҷудо шудан ба ҷамъият зарар дорад. Ба гуфтаи Т. Назаров, пешрафти илми ватанӣ бо омӯзиши таҷриба ва дастовардҳои илмии кишварҳои пешрафтаи хориҷаи Аврупо, Осиё ва Амрико робитаи зич дорад. Ӯ дар роҳандозӣ ва густариши робитаҳо бо ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, кишварҳои соҳибистиқлол ва пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, ки шарики боэътимоди Тоҷикистон ва кафили сулҳу субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, мавқеи махсус медиҳад [31, с. 54-55].

Инчунин, академик Талбак Назаров дар миқёси ҷаҳон, бахусус, дар қаламрави ИДМ шакли нави бунёдии амнияти иқтисодиро пешкаш намуда, дар ташаккул ва рушди ҳамкориҳои илмиву техникии давлатҳои ИДМ хизмати шоиста намудааст.

Барои ҳамин, академики АМИТ Талбак Назаров соли 2015 ба ҷоизаи Мукофоти байнидавлатии «Ситораи Иттиҳод» дар соҳаи илм ва таҳсилот сазовор гардидааст [82, с. 11]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки корҳо ва дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии академик Талбак Назаров аз ҷониби олимону

муҳаққиқони кишварҳои ИДМ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври воқеӣ пазируфта шудааст.

Академик Талбак Назаров вобаста ба сазовор шуданаш ба ин ҷоиза чунин мегӯяд: «Ман аввалин касе нестам, ки дар Тоҷикистон ин ҷоизаро ба даст овардам ва фикр мекунам, ки охирин ҳам нестам. Пеш аз ман боз панҷ каси дигар – намояндагони соҳаи маданият ва олимон мукофотонида шуданд. Ин ҷоиза маънои онро дорад, ки шахс бояд дар соҳаи худ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвараш шинохта шавад. Барои ман ин ҷоиза ногаҳонӣ буд. Ҳар як номзад дорои хислатест, ки хизматҳои шоистаи ӯро нишон медиҳад. Маро бошад ин ҷоизаро барои хизматҳо дар соҳаи ҳамгироӣ, ҳамкорӣ ва амният сарфароз гардониданд» [69, с. 33].

Ҳамзамон, Талбак Назаров қайд менамояд, ки ман мукофотҳои зиёд дорам. Аммо ҳар ҷоиза ҷои худро дорад. Гап дар сари он аст, ки ин на танҳо як мукофот, балки мукофоти байналмилалӣ аст. Ин шарафи бузург, боварӣ ва эҳтиром аст. Бинобар ин, ман мукофотро бо қаноатмандии калон кабул кардам [69, с. 34].

Китобу асарҳои академик Талбак Назаров дар самти таҳқиқоту омӯзиши равандҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон, махсусан, бо ИДМ ва ҷустуҷӯйи механизму роҳҳои нави рушди устувори он нақши бениҳоят калон дорад. Консепсия ва стратегияи дипломатии иқтисоди хориҷии Тоҷикистон мисоли возеҳу диққатпазири ташаккули фазои ҳамгироии Авру-Осиё бо фаъолияти самараноки илмиву амалии академик Т.Назаров пайвастагии ногусастанӣ дорад.

Яке аз самтҳои дигаре ки солҳои охир диққати академик Талбак Назаровро ба худ ҷалб кардааст, ин вазъи муосир ва дурнамои рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҶМЧ мебошад. Вобаста ба ин, Т. Назаров дар якчанд конференсияҳое, ки вобаста ба ҳамкориҳои Тоҷикистону ҶМЧ баргузор гардида буд, иштирок карда, дар мавзуъҳои мубрами ба ин самт таааллуқдошта баромаду суханронӣ намуда, фикру ақидаҳои худро ҷиҳати рушди ҳамкориҳои тарафайн дар ҳама самтҳо пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, 7 майи соли 2006 дар шаҳри Пекин дар Академияи дипломатии ВКХ-и ҶМЧ

вобаста ба мавзуи «Тоҷикистон ва Чин: уфуқҳои ҳамкорӣ»; 11 ноябри соли 2010 дар шаҳри Пекин дар Форуми илмҳои ҷамъиятии Чин вобаста ба мавзуи «Чин ва Тоҷикистон: стратегияи ҳамкории иқтисодӣ»; 8 декабри соли 2011 дар шаҳри Пекин дар Конференсияи илмӣ-амалии «Тоҷикистон ва Чин: таҷриба ва имкониятҳои рушди муштарак» (ба муносибати 20-умин солгарди барқарории муносибатҳои дипломатӣ байни ҶМЧ ва Тоҷикистон) вобаста ба мавзуи «Ҳамкории Чину Тоҷикистон: аз дирӯз то имрӯз ва фардо»; 6-9 майи соли 2012 дар шаҳри Танян (ҶМЧ) дар Форуми ҳамкории Чин ва Осиёи Марказӣ вобаста ба мавзуи «Вазъияти кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои ҶМЧ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон»; 25 феврали соли 2013 дар шаҳри Пекин дар Конференсия оид ба «Муносибатҳои Чину Тоҷикистон; таърих, ҳолати муосир, дурнамо» вобаста ба мавзуи «Тоҷикистон ва Чин: 20 соли ҳамкориҳои судманд»; Моҳи майи соли 2014 дар шаҳри Пекин дар конференсия оид ба «Тоҷикистон – Чин. Таърих. Ҳолати муосир. Дурнамо» дар Донишкадаи Россия, Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказии Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин вобаста ба мавзуи «Тоҷикистон – Чин: ҳамкорӣ дар сатҳи шарикии стратегӣ»; Аз 27 октябр то 1 ноябри соли 2014 дар шаҳри Пекин дар Симпозиуми 2-юми байналмилалӣ оид ба чиншиносӣ вобаста ба мавзуи «Орзуи Чинӣ – мероси ғании гузашта ва воқеияти имрӯза»; 28-29 июни соли 2017 дар шаҳри Пекин дар Конференсияи 2-юми Форуми сохторҳои ғайриҳукуматии МҲТБО вобаста ба мавзуи «Таъсиси бунёди амниятии хоси Осиё дар заминаи «Як камарбанд – як роҳ: равиш ба дидгоҳи умумӣ»» баромад кардааст [31, с. 75-77].

Ҳамзамон, академик Талбак Назаров дар якчанд Конференсияҳои байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба раванди музокироти сулҳи тоҷикон бахшида шуда буд, иштироку суханронӣ намуда, таҷрибаи сулҳи тоҷиконро ба дигарон муаррифӣ карданд. Зеро Т. Назаров дар раванди музокирот ба ҳайси роҳбари ҳайати ҳукуматӣ бевосита иштирок карда буд. Масалан:

- Соли 1997 дар шаҳри Душанбе дар Конференсияи илмӣ-амалии «Равандҳои ҳифзи сулҳ дар Тоҷикистон: ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсӣ» вобаста

ба мавзуи «Раванди музокироти миёни тоҷикон ва ташаккули сулҳ дар Тоҷикистон» суханронӣ намудааст;

- 30 сентябри соли 1998 дар шаҳри Ню-Йорк ҳангоми суҳбат бо фаъолони «Asia Society» мавзуи «Тоҷикистон: уфуқҳои имрӯз ва фардо»-ро фаҳмонданд;

- Моҳи июни соли 2002 дар шаҳри Душанбе дар конференсияи байналмилалии «Сабақҳои раванди сулҳ дар Тоҷикистон» вобаста ба мавзуи «Муколамаи сиёсӣ – ҳамчун асоси ҳалли муноқишаи байни тоҷикон» суханронӣ намудааст [29, с. 52-53].

Дар баробари ҳамаи ин, Талбак Назаров аз тарафи як қатор кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба ҷоизаву мукофотҳо ва унвонҳо сазовор гардонида шудааст, ки ин на танҳо аз обрӯю эътибори Талбак Назаров, балки миллату давлати тоҷик дарак медиҳад. Аз ҷумла, академик Талбак Назаров соли 1997 бо медали нуқрагини «Шурои умумиҷаҳонии озуқаворӣ» (Италия, Рим), соли 1998 бо Фармони Президиуми Раёсати рӯҳонии минтақаи Аврупои Марказии Россия бо медали «Барои ваҳдати рӯҳонӣ», соли 2002 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон бо медали ҷашнии «10-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Қазоқистон», соли 2002 бо Нишони ҷашнии сарисинагии «200-солагии ВКХ-и Федератсияи Россия», соли 2004 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон бо медали «50-солагии азхудкунии заминҳои навкорам», соли 2005 бо фармони роҳбари Фонди хайриявии «Сарпарастони аср» бо Ордени «Салиби ёқутӣ», соли 2005 бо медали хотиравии Фонди байналмилалии «Сулҳи абадӣ», соли 2005 бо Нишони фахрии Маркази ҳамкории байналмилалии илмӣ ва фарҳангии назди Ҳукумати Федератсияи Россия «Барои саҳмгузорӣ дар кори дӯстӣ», соли 2006 бо унвони «Профессори фахрӣ»-и Донишгоҳи байналмилалии Чини ВКХ-и ҶМЧ, соли 2007 бо Фармони Президенти Федератсияи Россия бо ордени «Дӯстӣ», соли 2011 бо унвони «Профессори фахрӣ»-и Донишкадаи Россия, Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказии Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин, соли 2013 бо унвони «Профессори фахрӣ»-и Академияи миллии стратегии иқтисодии Чин, соли 2015 бо Ҷоизаи байнидавлатии ИДМ «Ситораи Иттиҳод», соли 2018 ҷоизаи

олии дипломатии Қазоқистон – медали ба номи Назир Туракулов ва соли 2019 бо қарори Ҳукумати Япония бо мукофоти давлатии ин кишвар – ордени «Тулуи офтоб» дараҷаи I мукофотонида шудааст.

Инчунин, бузургӣ ва маълуму машҳур будани академик Талбак Назаровро ҷойгир шудани тарҷумаи ҳоли ӯ дар китоби энсиклопедияи «**Who's Who in Asia**» [63, с. 728] низ исбот мекунад. Зеро дар китоби мазкур тарҷумаи ҳоли шахсони бонуфузтарини қитъаи Осиё, хизматҳои шоёни онҳо, дастовардҳо ва мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор доштани онҳо навишта мешаванд.

Ҳамин тавр, агар ба рӯйхати осори илмиву суханрониҳои академик Талбак Назаров дар конференсияву симпозиумҳои сатҳҳои гуногун назар намоем, мебинем, ки он ҳам риштаи иқтисод ва ҳам сиёсати байналмилалиро дар худ фаро мегирад. Суханрониву баромадҳои илмиву сиёсиашон аз баландтарин минбари созмонҳои ҷаҳониву минтақавӣ – СММ, САҲА, СҲШ ва ғайра Талбак Назаровро ҳамчун олим ва сиёсатмадори барҷастае муаррифӣ намуданд, ки ҳамеша дар пайи пешравӣ ва беҳбудии ҳаёту тарзи зиндагии мардуми сайёра ҳастанд. Академик Талбак Назаров бо таҳлилҳои илмиву мантиқӣ алоқаи муносибатҳои иқтисодиву сиёсиро исбот карда, робитаҳои дуҷонибаву бисёрҷониба, мушкилоти минтақавию ҷаҳониро таҳқиқу баррасӣ намудаанд. Таҳқиқоти илмии ӯ дар доираҳои илмии сатҳи байналмилалӣ баҳои баландро сазовор гардидааст. Узвияташон дар чандин муассисаҳои илмию таҳқиқотии хориҷӣ, нишону ифтихорномаҳо ва ҷоизаҳои ниҳоят зиёдашон гувоҳи ҳамаи гуфтаҳои дар болост.

Инчунин, навиштаю таълифот ва баромаду суханрониҳои академик Талбак Назаров нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи ин шахсият ва олими дақиқназарро ҳамеша муҳимтарин масъалаҳои иқтисодӣ, роҳҳои пешбурди ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар ба худ ҷалб менамояд. Ӯ ҳатто дар замони Шуравӣ ҳам масъалаҳоеро барои баррасӣ ба миён мегузошт ва ё ба таҳқиқ мегирифт, ки онҳо аз ҳимояи манфиатҳои миллату давлати мо сарчашма мегирифтанд.

Хулоса, академик Талбак Назаров бо донишу заковати доманфари хеш, таҳлилҳои муътамади илмӣ ва тамкину дурандешии сиёсӣ барои афзудани обрӯи давлат ва миллат дар арсаи байналмилалӣ корҳои хеле пурарзишеро анҷом дод. Бесабаб нест, ки имрӯз ҳам бисёр сиёсатмадорон ва дипломатҳои кишварҳои дигар Талбак Назаровро ҳамчун дипломати бузургу соҳибтаҷриба мешиносанд, изҳори эҳтиром менамоянд ва бо ӯ дар тамос шуда, аз маслиҳатҳову таҷрибаи ғании дипломатиаш истифода мебаранд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои боло мавзуи мазкурро мо чунин хулосабарорӣ карда метавонем:

1. Талбак Назаров шуруъ аз даврони донишҷӯйӣ давлату миллати тоҷикро берун аз он намояндагию муаррифӣ кардааст;

2. Академик Т. Назаров бо нашри асарҳо бо ду ва зиёда забонҳои хориҷӣ ва тавассути мактаби илмии худ Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд;

3. Талбак Назаров ҳангоми дар маснади вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ будан тавонист дар густаришу тавсеаи обрӯю эътибори Тоҷикистон дар саҳнаи байналмилалӣ ва дар муайян гардидани мақому ҷойгоҳи он дар созмонҳои бонуфузи дунё саҳм гузорад;

4. Талбак Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷии кишвар дар ҷаласаву машваратҳои гуногуни созмонҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ фаъолона иштирок карда, ҷиҳати рушди ҳамкориҳои гуногунсамта бо давлатҳои аъзои он созмонҳо талош кардааст;

5. Академик Т. Назаров ҳамчун олими соҳаи иқтисод ба рушду нумуи дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд медод. Дар ҳақиқат то имрӯз ӯ дар чандин конференсияву ҳамоишҳои байналмилалии алоқаманд ба иқтисодиёт иштирок карда, дар онҳо оид ба мавзуъҳои ниҳоят мубрам маърӯза намуда, ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар саҳми арзишманд гузоштааст;

6. Т. Назаров дар миқёси ҷаҳон, бахусус, дар қаламрави ИДМ шакли нави бунёдии амнияти иқтисодиро пешкаш намуда, дар ташаккул ва рушди ҳамкориҳои илмиву техникии давлатҳои ИДМ хизмати шоиста намудааст;

7. Талбак Назаров аз ҷониби як зумра давлат ва созмонҳои байналмилалӣ ба унвону мукофот ва ҷоизаҳо сарфароз гардонида шудааст, ки аз обрӯю эҳтироми хосаи ин шахсият ва нуфузу эътибори баланди давлату миллати тоҷик дарак медиҳад.

## 3.2. Ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров

Бешубҳа, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсоне ба монанди Талбак Назаров кам пайдо мешаванд, ки фаъолияти меҳнатиашон ин қадар зиёд гуногунҷабҳа бошад. Дар кадом соҳае, ки ӯ фаъолият накарда бошад, назар намоем, мебинем, ки дар ҳар яки онҳо ба мартабаҳои баландтарин ноил гаштааст. Дар ҳақиқат хеле тааҷҷубовар аст, ки чӣ гуна як шахс метавонад дар ин қадар соҳаҳои гуногун ва ниҳоят мураккаби фаъолият ба комёбиҳо ноил гардад, ки дигар шахсиятҳо ҳатто дар яке аз онҳо наметавонанд ин ё он комёбиҳоро ба даст дароранд.

Аммо вақте ки ҳаёту фаъолияти Т. Назаровро меомӯзем ва мебинем, ки дар ҳақиқат як писарбачаи оддие, ки дар деҳаи дурдаст, дур аз марказҳои бузурги илмию маданӣ таваллуд шудааст, тавонист ба як арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ, олим, педагоги бузург, муҳаққиқи машҳури илмӣ, академик ва пешоҳанги дипломатияи тоҷик мубаддал гардад.

Чи тавре ки академик Фозил Тоҳиров мегӯяд, вақте ки дар бораи шахсияти фавқуллода будани Талбак Назаров фикр менамоӣ, ба хулосае меоӣ, ки ҳамаи дастовардҳои ӯ, пеш аз ҳама ба саъю кӯшишҳои доимӣ барои ҳифзи манфиатҳои халқи худ, бо матонати устувор бартараф кардани тамоми мушкилиҳое, ки дар роҳи мақсадҳои гузошташуда пайдо шудаанд, муҳаббати зиёд ба одамон, табиати ошкоро ва инсондӯстии ӯ алоқамандӣ дорад [30, с. 40]. Маҳз барои ҳамаи ин сифатҳояш ӯ ба бисёр унвону ҷоизаҳо мушарраф гардида, аз ҷониби ходимону сиёсатмадорони бузургу машҳури ватанӣ ва кишварҳои гуногуни ҷаҳон баҳои баланд дода шудааст.

Барои корнамоиҳо ва фаъолияти беназири Талбак Назаров дар ин ё он соҳа асарҳову мақолаҳои зиёд навиштан мумкин аст. Аммо дар зербоби мазкур мо танҳо дар бораи ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ доир ба шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров якчанд мисолҳо меоварем.

Масалан, профессор Муҳаммад Абдураҳмон – ноиби Президенти АМИТ вобаста ба шахсияти академик Т. Назаров чунин гуфтааст: «Ҳаёт ва таҷрибаи пурғановати устоди арҷманд, муаллими муаллимҳо, сиёсатмадори закӣ, академик Талбак Назаров барои таҷрибаи рӯзгор чун оинаи рӯшани пур аз ҳақиқатест, ки шахсиятҳоро ба камол мерасонад, ноадолатиҳоро дур месозад ва нақши инсонгароии худро ҳамчун намуна дар зеҳну тафаккури мардумон боқӣ мемонад. Чунин шахсиятҳо ҳамеша ботаҳаммулу меҳрубон, меҳнатдӯсту боирода, ростқавлу намунаи ибрат мебошанд, ки шогирдону ҳамкасбонашон ба онҳо ифтихору муҳаббати хосса доранд… Ӯ ниҳоят шахси ҳақиқатҷӯй, ботамкин, дилсузу бовиқор ва марди ватанхоҳу интернатсионалисте мебошанд, ки ҳама ба бузургию кордониашон таҳсину офарин мехонанд» [66, с. 210].

Имомзода Муҳаммадюсуф – академики АМИТ, профессор, доктори илмҳои филологӣ академик Талбак Назаровро як шахсияти беҳамто ва ҳамчун роҳнаварде дар ҷодаи илму сарварӣ баҳогузорӣ карда, дар як мақолааш чунин гуфтааст: «Вақте кас мехоҳад, устод Т.Н. Назаровро муаррифӣ кунад, лаҳзае ба андеша меравад, ки аз кадом зовия ба ҳаёти устод нигарад: Инсони шариф, олими соҳибмактаб, роҳбари некном, сиёсатмадору дипломати шинохта… Ҳамаи ин ибораву тавсифҳо бо номи Талбак Назарович тавъам афтодаву шахсияташонро бозгӯйӣ менамоянд. Устод Талбак Назаров аз нафароне ҳастанд, ки дар таърихи давлатдории навин ва илму фарҳанги тоҷикон нақши босазое гузоштаанд. Агар ба зиндагиномаву рӯзгорашон назар кунем, мебинем, ки эшон ҳамеша бо дили софу нияти нек дар пайи илму маърифат, созандагиву бунёдкориҳо будаанду ҳастанд. Дар ҳар ҷуҷое фаъолият доштанд, аз худ номи неку кори хайр боқӣ гузоштаанд. Агарчи дар ҳама самтҳои фаъолияташон муваффақ ҳастанд, аммо пеш аз ҳама Т. Назаров ҳамчун

шахсият ба сифати устод шинохта гардидаанд. Ҳамин аст, ки дар ҳама ҷо ба Талбак Назарович «устод» гуфта муроҷиат мекунанд» [65, с. 208].

Инчунин, дар бораи шахсият ва хислатҳои наҷиби академик Талбак Назаров академикҳои АМИТ Носирҷон Салимов ва Кароматулло Олимов дар яке аз мақолаҳояшон чунин гуфтаанд: «Т.Н. Назаров ҳамчун инсон ва шахсияти илмию фарҳангӣ дар ҷомеаи муосири кишварамон мақому ҷойгоҳ ва нуфузи хосса дорад. Солҳост, ки академик Талбак Назаровро мешиносем ва эҳтироми хосае ба ин инсони наҷиб дорем. Дар шинохти мо дар шахсияти Талбак Назарович заковату хирадмандӣ, хоксорию воқеъбинӣ, ҳақиқатгӯию хайрхоҳӣ, инсофу шикастанафсӣ ва ватанпарастию миллатдӯстӣ пайванди ногусастанӣ доранд. Боре ҳам мушоҳида накардаем, ки ӯ дар ибрози ягон масъала худситоӣ карда ё суханони дигаронро бурида ҳарфи худро ба аҳли суҳбат таҳмил карда бошад. Дар маҷлисҳои Академияи илмҳо ҳангоми ба миён омадани масъалаҳои баҳснок андешаҳои худро бо риояи одоб пешниҳод мекунанд, ки ба аҳли маҷлис маъқул афтода, иттифоқи назар ба вуҷуд меояд. Ин ҳам далели росихи донишмандӣ ва заковати худододи устод мебошад» [30, с. 14-15].

Шахсияти Талбак Назаров аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобокалон Исоматов низ баҳои баланд дода шудааст. Масалан, вақте ки ба ӯ савол медиҳанд, ки дар донишгоҳ бо панҷ ректор кор кардед ва бо кадоме кор кардан бароятон писанд буд. Ӯ дар посух чунин мегӯяд: «Бо Талбак Назаров. Зеро бароям шахси наздик буданд. Дар замони декан будани ӯ ҷонишинаш будам. Ҳамдигарро нағз мешинохтем. Аслан, Талбак Назаров маро ба вазифаи декан пешбарӣ карда буданд. Одами нағз буданд. Нафс надоштанд. Бо қонуну қоидаҳои инсонӣ кор мегирифтанд. Аз найрангу фиреб ва дигар хислатҳои ба инсон хос набуда дур буданд. Мисли бархеҳо, ки нафсро сар медиҳанду дер намепоянд, набуданд» [128].

Муаллифони китоби «Фархор – твои люди» Давлатхоҷа Назиров ва Назир Назиров шахсияти Талбак Назаровро чунин тасвир кардаанд: «Хусусан мехостем хоксорӣ, серталабӣ ва садоқат ба дӯстӣ, майли зиёд ба илму дониши Талбак Назаровро қайд намоем, зеро дар ҳар ҷое ва дар кадом вазифае, ки кор

мекард, ҳамеша ба фаъолияти илмӣ машғул буд». Инчунин, онҳо қайд менамояд, ки «дигар хислатҳои муҳиммаш - меҳнатдӯстӣ, хайрхоҳӣ, дилбастагӣ ба оила, мавҷуд набудани унсурҳои маҳалгароӣ ва минтақагароӣ буда, ҳамзамон, дорои хислатҳои ботамкинӣ, бовиҷдонӣ, одоб ва фарҳанги баланд ҳангоми муошират, суҳбат ва баҳс бо ҳамсуҳбатон мебошад» [42, с. 377-378].

Адабиётшинос ва мунаққиди тоҷик Ҳафиз Раҳмон оид ба хислатҳои ибратпазир ва хоксории академик Талбак Назаров дар як мақолааш чунин навиштааст: «Як хислати ибратпазир аз ин пири хирад барои ҳама давлатмардон ва махсусан, онҳое, ки бо илму маърифат андармонанд, ҳамин аст, ки устод Талбак Назаров ҳеҷ гоҳ кӯшиш накардааст, ки хидматҳои худро намоиш диҳад. Аз ҳамин сабаб аст, ки дар матбуот ва дигар васоити ахбор иттилои муфассале аз шахсият ва фаъолияти густурдаи ӯ дарёфт намешавад. Ҳатто дар **«Энсиклопедияи олимони Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон»** (соли 2008) шарҳи ҳол ва осори илмии академик Талбак Назаров он миқдор ҷоеро ишғол кардааст, ки як номзади дирӯз ҳимоякардаи илм дорад. Ҳол он ки Талбак Назаров дар ду самти фаъолият – ҳам олимиву омӯзгорӣ ва ҳам ба ҳайси ходими давлатӣ дар таърихи нимасраи Тоҷикистони муосир як падидаи муҳим ба шумор меравад, аз он ҷиҳат, ки ҳам дар илм ба маснади академикӣ расида, дар сиёсат бошад, бунёдгузори дипломатияи даврони истиқлолият эътироф шудааст» [101, с. 12].

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдуллоҷон Орифов оид ба хоксориву шахсияти беҳамто будани Талбак Назаров қайд мекунад, ки академик Т. Назаров дар ҳар куҷое, ки кор карда бошад, хоҳ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, хоҳ дар Вазорати маориф, мақомоти банақшагирии давлатӣ, Академияи илмҳо ва сектори байналмилалии Тоҷикистон ӯ аз худ барои дигарон ва ватани худ таассуроти хуб мегузорад. Ӯро барои хоксориаш, барои дониши комил доштанаш ҳама ҳурмату эҳтиром менамоянд. Ӯ метавонад бо ҳама зуд забон ёбад, муаллим, устоди ҳамагон аст. Муаллими мо инсони дорои дили бузурги инсонӣ аст, виҷдони тоза дорад, ки дар ин бора

бисёр навиштану гуфтан мумкин аст. Вай ҳам дар низоми ҷомеаи илмӣ ва ҳам дар корпуси дипломатии ҷаҳон маъруф мебошад [100, с. 3].

Муллоаҳмад Ҷурғосиев – мудири шуъбаи магистратура, аспирантура ва доктор (PhD)-и ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода шахсият ва сифатҳои беҳтарини инсонии Талбак Назаровро чунин баҳогузорӣ намудааст: «Талбак Назаров имрӯз ба сифати омӯзгори забардаст, олими соҳибному соҳибмактаб, сиёсатмадори хирадманд, сарвари кордон ва арбоби намоёни давлатӣ дар ҷомеа обрӯ ва мақому мартабаи босазо дорад. Самтҳои фаъолияти устод бисёрҷабҳа буда, воқеан ӯро ба сифати як муҳаққиқу пажуҳандаи донишманд ва соҳибмактаб, хоса дар ҳалқаҳои илмӣ - академӣ хуб мешиносанд ва донишу таҷрибаи ӯро эътироф менамоянд. Ин марди нексиришт тӯли дувоздаҳ сол вазифаи вазири корҳои хориҷии кишварро бар дӯш дошта, дар замони басо мураккаб, ки вазъи Тоҷикистон печида буд, сиёсати хориҷии Сарвари давлатро амалӣ кард ва дар таъсиси мактаби дипломатияи тоҷик, ки яке аз натиҷаҳои он Тоҷикистонро ба расмият шинохтани беш аз 120 давлати ҷаҳон ба шумор меравад, хидмати арзанда намуд» [108, с. 3].

Муаррих Ширин Қурбонова ва рӯзноманигор Машраби Абдуллоҳ оид ба академик Талбак Назаров чунин гуфтаанд: «Яке аз бузургтарин шахсиятҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар охири садаи XX ва аввали асри XXI дар соҳаи илм академик Талбак Назаров маҳсуб мешавад. Дар мисоли ӯ мо пайвасти илмро бо амал мушоҳида мекунем ва эҳсос менамоем, ки олим дар сурати муваззаф будан дар мансабҳои калидӣ метавонад беш аз дигарон бар нафъи давлат фаъолият намуда, чун риҷоли илму сиёсат ҳунари раҳбариро ба мактаби муайян табдил диҳад. Талбак Назаров дар замони Шуравӣ вазифаҳои гуногуни давлатиро бар дӯш доштааст ва замони Истиқлолият низ барои ӯ майдони фаррохи густурдаро ҷиҳати татбиқ намудани ҳадафҳои миллӣ ба вуҷуд овард. Бешубҳа, академик Талбак Назаров бунёдгузори мактаби нави дипломатияи тоҷик маҳсуб мешавад. Номбурда тӯли 12 соли вазирӣ ҷиҳати барпо намудани равобит бо кишварҳои гуногун нақши бориз гузошта, зимни музокироти тоҷикон ба ҷонибҳои мухолиф таъсири мусбат боқӣ гузоштааст» [125].

Яке аз шахсиятҳои дигаре, ки дар бораи академик Талбак Назаров ибрози назар намудааст, профессор Равшан Раҳмонӣ мебошад, ки маҳз бо дастгирию роҳнамоиҳои устод қуллаҳои баланди илмиро соҳиб шудааст. Ӯ дар як мақолаашон вобаста ба ин чунин қайд намудааст: «Солҳост мехоҳам, ки аз хислатҳои ин шахси муътабару накӯкор ёдовар бишавам. Вале аз сабаби ҳамеша дар вазифаҳои масъули давлатӣ буданашон инро ба худ эб намедонистам. Ҳоло ки эшон давлати пирӣ меронанду муҳтоҷи суханони ман ҳам нестанд, метавонам он чизеро, ки солҳо дар дил доштам, бигӯям. Академик Талбак Назаров донишманди беҳтарин, сиёсатмадори дурбин, фарҳангдӯсти некхоҳ, инсони ҳалиму меҳрубон ва одамшиносанд. Дар асл фаъолияти устод Талбак Назаров чанд самтро дарбар мегирад: аввал пажӯҳиш ва таълими иқтисод, баъдан тарбияи кадрҳо, сеюм роҳбарӣ дар муассисаҳои давлатӣ, чаҳорум сиёсат ва ғайра. Умедворем, ки дар оянда ҳар кадоме аз самтҳои фаъолияти устоди азиз аз ҷониби соҳибназарон мавриди арзёбии илмӣ қарор хоҳад гирифт» [139].

Устод Талбак Назаров гуё барои роҳбарии ташкилоти хайриявӣ тавлид шуда бошанд. Аз рӯзи аввалини таъсисёбии Фонди ҷамъиятии хайриявии Тоҷикистон, ки муассиси ягонааш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, устод Талбак Назарович ба симмати директори он фаъолият доранд ва ин шаҳодати боварии комили муассиси ягонаи Фонд ба шахсияту касбияти ҷаноби Назаров мебошад. Идораву сафарбарии оқилонаи маблағҳои хайриявӣ, ҷалби саховатмандони дохилию хориҷӣ, пешниҳодҳо ва қарорҳои саривақтӣ барои сарфаву сариштаи маблағҳои фондӣ, махсусан, дар солҳои душвори буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ кори саҳл нест. Вале таҷрибаи ғанӣ ва авторитети бевоситаи профессор Талбак Назаров боиси фаъолияти самараноки ин Фонди бонуфуз гардид.

Яке аз ҷанбаҳои ҷолибтарини фаъолияти Талбак Назаров – ин дорои қобилияти ба роҳ мондани равобити нек бо ҳамкоронаш, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ ва умуман касе, ки майли ҳамкорӣ ё ҳал кардани проблемаҳои

сиёсию иқтисодии глобалии муосирро дар кадом сатҳе (хоҳ минтақавию хоҳ байналмилалӣ), ки набошад, ҳамкорӣ менамояд ва муносибати хубро бо онҳо ба роҳ мегузорад. Баъди аз мансаби вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафтанаш бисёре аз сиёсатмадорону олимони кишварҳои дуру наздик ба номи ӯ номаи сипосгузорона равон карда, барои робитаҳои судманд эҳтироми хоса зоҳир намуданд. Барои исботи ин суханҳо мо дар ин ҷо чанде аз он номаҳоро мисол меоварем.

Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия С.В. Лавров 1 декабри соли 2006 дар номаи худ чунин менависад: «Мехоҳам ба Шумо аз самими дил эҳтиром ва сипосгузорӣ намуда, барои саҳми шахсии худро дар мустаҳкам намудани робитаҳои судманд миёни кишварҳоямон гузоштанатон, изҳори миннатдорӣ намоям. Бо як ҳиссиёти баланд бисёр вохӯриҳои шахсиямонро барои ҳамкории мутақобила ва ҳифзи манфиатҳои сиёсати хориҷии Россия ва Тоҷикистонро ба ёд меоварам. Фаъолияти тӯлонии Шумо ба ҳайси вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки бо доштани малакаи зиёди касбӣ ва дорои таҷрибаи калони ҳаётӣ тавонист он ҳадафҳое, ки барои инкишоф додани робитаҳои Россия ва Тоҷикистон гузошта шудаанд, дар амал татбиқ гарданд, муносибатҳои дӯстӣ ва шарикии стратегӣ миёни ин ду кишвар боз ҳам мустаҳкамтар шаванд. Ба хотири ба нафақа рафтанатон аз самими дил ба Шумо тансиҳатии комил, умри дароз, иқболи баланд ва хушбахтии оилавӣ хоҳонам». Дар ин ҷо бояд кайд кард, ки, ба хотири хизматҳои шоёнаш барои боз ҳам мустаҳкам намудани муносибатҳо миёни ин ду кишвар бо фармони Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин аз 28 марти соли 2007 ба Талбак Назаров мукофоти баланди давлатӣ – ордени «Дӯстӣ» мукофотонида шуд [29, с. 44-45].

Бояд инҷо қайд кард, ки Талбак Назаровро бо Россия пайвандие ҳаст. Ин пайвандиҳо овони ҷавонӣ, таҳсилу донишандӯзӣ, ишқу муҳаббат ва зиндагии якҷояи қариб 60-сола бо завҷаи меҳрубонашон Татяна Григоревна мебошад. Албатта, пешниҳоди кор ва фаъолият дар Москва ба устод Талбак Назарович шудааст. Лекин устод ҳамчун патриоти миллату сарзамини тоҷик на дар

солҳои даҳшатбори ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон ва на дар солҳои нафақа буданашон бо аҳли оилаи худ берун аз кишвар нашудаанд. Таърих гувоҳ аст, ки баъзе аз академикону шоиру нависандагони мо дар солҳои вазнинӣ на балки аз хизмати давлат даст кашиданд, ҳатто аз қаламрави кишвар гурехта рафтанд ё зану фарзандони худро (ки намояндагони дигар миллат буданд) ба дигар давлатҳо фиристоданд.

Оид ба фаъолияти академик Т. Назаров дар мансаби вазири корҳои хориҷӣ аз ҷониби Котиби давлатии ШМА хонум Кондолиза Райс низ баҳои баланд дода шудааст. Ӯ дар номааш чунин навиштааст: «Ман мехоҳам ба Шумо барои фаъолиятатон ба сифати вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 12 соли охир миннатдории худро баён намоям. Боиси хушбахтист, ки дар чунин як вазъияти бисёр ҳам мураккаби дохилӣ ва даврони гузариш дар Тоҷикистон Шумо ва маҳорату дониши Шумо ба ин кишвар ёрӣ расонид. Ман ба Шумо барои саҳми худро дар робитаҳои мутақобила ва муносибаҳои дӯстонае, ки миёни Тоҷикистону Штатҳои Муттаҳидаи Амрико мавҷуданд, миннатдории худро изҳор намоям. Ман ба Шумо дар марҳилаи нави ҳаёт ва касбиатон муваффақиятҳо хоҳонам. Изҳори самимона ва хушбахтиро ба Шумо ва аҳли оилаатон таманно дорам. Бо эҳтиром – Кондолиза Райс» [31, с. 57-58].

Талбак Назаров дар густариши муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон саҳми беандозаи худро гузоштааст. Дониши амиқу дарки нозуки вазъи сиёсӣ, дилу нияти пок, инсондӯстиву ватанпарастӣ ва миллатдӯстии Талбак Назаров буд, ки кишвари мо тавонист мақому ҷойгоҳ ва эътибори худро дар арсаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дарёбад. Талбак Назаров сиёсати хирадмандонаи Президенти кишварамонро бо ташхису шинохти дурусти вазъи ҷаҳонӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ татбиқ ва роҳандозӣ намуда, равобити кишварамонро бо давлатҳои мухталиф устувору мустаҳкам гардонд. Вобаста ба саҳми академик Талбак Назаров дар рушду ташаккули муносибатҳои тарафайн намояндагони ин ё он кишварҳои

ҷаҳон фикру ақидаҳои худро гуфтаанд ё аз ҷонибе баъзе аз кишварҳо бо унвону ҷоизаҳои махсус қадрдонӣ карда шудааст.

Масалан, Сафири Фавқулода ва Мухтори Япония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳаҷимэ Китаока (солҳои 2016-2022) зимни як суханронии худ ба нақши академик Т. Назаров дар густариши дипломатияи тоҷик ва рушду нумуи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Япония баҳои баланд дода, иброз намуд, ки Ҳукумати Япония бо дарназардошти ҳамин хизматҳои Т. Назаров тасмим гирифт, ки ба ӯ ордени «Тулуи офтоб» дараҷаи I-ро тақдим намояд. Сафир дар вазъияти тантанавӣ аз номи Ҳукумат ва мардуми Япония орден ва шаҳодатномаи онро, ки аз ҷониби Императори Япония Акихито имзо шудааст, ба Т. Назаров супорид [148]. Бояд қайд кард, ки Талбак Назаров ҳангоми вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон буданаш дар рушди муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Япония саҳми беандоза гузоштааст. Ӯ ташаббускори кушодашавии сафорати Япония дар Тоҷикистон, ки соли 2002 ба амал омада буд, мебошад. Т. Назаров дар пешбурди Муколамаи «Осиёи Марказӣ + Япония» низ саҳм гузоштааст. Ба ғайр аз ин, соли 1998 дар масъалаи таҳқиқи қазияи кушотори доктор Ютака Акино, ки дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба таври фоҷиабор ҳангоми адои вазифаи маъмурӣ оид ба масъалаҳои шаҳрвандии ҳайати нозирони СММ дар Тоҷикистон ба ҳалокат расидааст, корҳои зиёдеро анҷом додааст. Инчунин, Талбак Назаров ҳангоми раҳокунии шаҳрвандони Япония, ки дар Қирғизистон гаравгон буданд, бо доктор Кейзо Такеми – вакили парлумони Япония ҳамкории фаъол дошт [144].

Инчунин, сафири Қазоқистон дар Тоҷикистон Нурлан Сейматов ба собиқадори хизмати дипломатии Тоҷикистон Талбак Назаров медали ба номи Назир Туракулов – мукофоти олии дипломатии Қазоқистонро вобаста ба «Рӯзи дипломатияи тоҷик», ки ҳар сол 29 сентябр ҷашн гирифта мешавад, қадрдонӣ намуд. Ӯ қайд кард, ки Талбак Назаров тӯли 12 соли дар мансаби вазири корҳои хориҷӣ қарор доштанаш дар таҳкими муносибатҳои Қазоқистону Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Қазоқистон талошҳои ӯро барои ба сатҳи баландтар расонидани ҳамкориҳои вазоратҳои корҳои хориҷии

Қазоқистон ва Тоҷикистон баҳои баланд медиҳад. Ҳамзамон, дар ин маросим Нурлан Сейматов барои Талбак Назаров умри дароз, саломатии бардавом ва ба наслҳои ҷавони дипломатҳои тоҷик интиқол додани таҷрибаи ғании фаъолияти дипломатияшро таманно намуд [146].

Оид ба ҷойгоҳи Талбак Назаров дар миёни дипломатҳои ватанӣ бошад муовини директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои сиёсӣ Муҳаммадзода Парвиз дар яке аз мақолаҳояшон чунин қайд менамояд: «Дар байни дипломатҳои ватанӣ, пеш аз ҳама, академик Талбак Назаровро қайд кардан лозим аст, ки дар як давраи барои кишвар хеле душвор ба ВКХ роҳбарӣ мекард. Ба ӯ муяссар шуд, ки дар ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ саҳми арзандаи худро гузорад» [129].

Дар солҳои аввали истиқлолият бо вуҷуди мушкилиҳои иқтисодӣ илми ҷомеашиносӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ бинобар сабаби ивазшавии шаклу сохти идоракунии давлатӣ шах шуда, аз инкишоф боз монданд. Қисми зиёди олимону муҳаққиқон, ки тамоми осорашон ба даврони шуравӣ тааллуқ дошт, дар ин давра аз таҳқиқот бозмонданд. Аммо академик Талбак Назаров новобаста аз оне ки худ кадрҳои илмии даврони шуравӣ буд, тавонист таҳқиқотҳояшро ба замони муосир мутобиқ гардонад ва дар пешрафти илми иқтисод ва кишвар саҳми беандозаи худро гузорад. Масалан, вобаста ба ин доктори илмҳои таърих, профессор Карим Абдулов чунин гуфтааст: «Олими ҷумҳурӣ Талбак Назаров дар даврони басо мушкили буҳрони маънавию иқтисодӣ рӯҳафтода нашуд. Дар паҳлуи сарварӣ ба макотиби олӣ, тарбияи кадрҳо, мутахассисон дари лабораторияи илмӣ-эҷодияшро набаст. Он рӯзҳо ман зуд-зуд ба ӯ дучор мешудам. Чун пештара фориғ аз тарбия ва таълими донишҷӯён ба таҳқиқот машғул буд. Теъдоди зиёди олимон, ки тамоми осори илмиашон ба давраи шуравӣ марбут буд, дар ин марҳила аз таҳқиқот бозмонданд. Вале навоварӣ, навҷӯйӣ ваояндабинии Талбак Назаров ӯро аз майдони илм берун накард. Чун пештара ба таври сермаҳсул ба таҳқиқот

машғул буд» [89, с. 4]. Имрӯз, чи тавре ки мебинем, воқеан ҳам пешгӯии Талбак Назаров амалӣ шуда, неруи созандаи ҷомеа ғалаба кард.

Имрӯзҳо бисёре аз таҳқиқотҳои илмии академик Талбак Назаров дар ҳақиқат ба хазинаи тиллоии илми ватанӣ дохил шуда, илми иқтисодии Тоҷикистонро бо назарияҳои нав ва усулҳои таҷрибавии муайян бой гардонида, барои татбиқ кардани масъалаҳои иқтисоди бозаргонӣ, рушди иқтисодӣ ва муносибатҳои иқтисодии Тоҷикистон дар доираи ИДМ, Созмони иқтисодии Авруосиё, СҲШ ва дигар созмону ташкилотҳо мебошад, ки фаъолияти онҳо бисёртар дар самти ба вуҷуд овардани фазои ягонаи иқтисодӣ равона карда шудааст, инчунин, барои озодона ҳаракат кардани молу маҳсулот, сармоя, технология ва хизматрасонӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд. Масалан, китоби “Тоҷикистон: иқтисодиёт, сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ” [35], ки соли 2001 аз чоп баромадааст, яке аз китобҳои рӯйимизии олимону сиёсатмадорони ватанӣ гардидааст. Дар ин китоб таҳлилҳо дар бораи ҳолати иқтисодии ҷумҳурӣ дар замони дигаргуниҳои куллӣ дар ҷамъият ба вуҷуд омаданро аз ҳисоби васеъ истифода бурдани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва афзалиятҳои ҳамгироии иқтисодии байнидавлатӣ мебошад. Ин китоб на танҳо дар байни мутахассисони соҳаи иқтисодӣ талабгорони зиёд дорад, инчунин, дар байни коргарону мутаххасисони муассисаҳои давлатӣ ва олимону сиёсатмадорони хориҷӣ низ хонандагони зиёд дорад.

Масалан, директори институти илмҳои сиёсии донишгоҳи Варшава профессор Тадеуш Мотодов дар бораи ин китоб чунин навиштааст: «Иҷозат диҳед то ба Шумо барои китоби нави нашргардидаатон «Тоҷикистон: иқтисодиёт, сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ», ки дар он Шумо дидгоҳи худро оид ба ҳал кардани проблемаҳои муҳимтарини Тоҷикистон пешниҳод кардаед, аз самими дил миннатдории худро баён намоям. Диққати асосӣ дар мавзуъҳои ин китоб ба масъалаҳои рушди иқтисодиёти байналмилалӣ ва ҳамкориҳои сиёсӣ, муҳайё сохтани шароити мусоид барои зиёд гардонидани сармоягузории хориҷӣ – яке аз омилҳои калидии азнавбарқароркунии

иқтисодиёти кишвари Шумо маҳсуб мешавад, нигаронида шудааст. Мо барои иҷозат доданатон оид ба истифода бурдани маълумотҳои китоби Шумо, инчунин, дигар мақолаҳо ва маҷалаҳои Шумо сипосгузорем, ки бешубҳа дар онҳо мутахассисону олимон ва ҳам одамоне, ки ба вазъияту шароити муосири Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд доранд, маълумот оид ба масъалаҳои илмию амалӣ дарёфт карда метавонанд» [29, с. 48-49].

Китоби дигари академик Талбак Назаров «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва бехатарӣ» [38] (Душанбе, соли 2003) дар бораи таҳқиқтотҳои назариявӣ ва амалиявии проблемаҳои азнавбарқароркунии иқтисодиёти Тоҷикистон тавассути гузаронидани ислоҳот ва ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ба инобат гирифтани омилҳои сиёсӣ, таъмини суботи миллию минтақавӣ ва амнияти иқтисодӣ бахшида шудааст. Масъалаҳое, ки дар ин китоб баррасӣ гардидаанд, барои дарёфти роҳҳои нисбатан беҳтари ҳалли он масъалаҳо барои пешрафти Тоҷикистон ва баланд бардоштани шароити зиндагии мардум нигаронида шудаанд.

Вобаста ба китоби мазкур доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дӯстмурод Ӯроқов ва номзади илмҳои иқтисодӣ Ҳоким Шарифов дар яке аз мақолаҳояшон чунин ибрози назар кардаанд: «Китоби олими шинохта Назаров Т.Н. “Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва бехатарӣ» яке аз он рисолаҳои илмии олим ва силсилакитобҳои ба иқтисод, сиёсат, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва амният дар давраҳои мухталиф иншонамудаи ӯст... Олими закӣ дар мақолаҳояш ва хоса дар ин китоби ба тозагӣ нашршудааш самтҳои сиёсати байналмилалии ҷумҳуриро нишон дода, роҳҳои баромадан аз инқирози иқтисодии кишварро воқеъбинона нишон додааст ва ба боварӣ ба фардои неки кишвари худ менигарад. Муаллиф дар китоби нави хеш боварибахшона ва қадам ба қадам пеш рафтани Тоҷикистонро нишон дода, боварии комил дорад, ки солҳои наздик иқтисоди кишвар боло меравад, илму маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ҳамаи соҳаҳое, ки ба рушду такомули ҷумҳурӣ марбутанд, тараққӣ мекунанд. Мо низ ба ин бовар дорем. Арзиши китоб баланд буда, ба ҳар гуна мукофот ва ҷоиза сазовор аст» [106, с. 3].

Соли 2004 китоби навбатии Т. Назаров дар бораи «Тоҷикистон: рушди иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ» [37] интишор гардид. Ин китоб на танҳо аз ҷониби мутахассисон ва олимони Тоҷикистон, инчунин, аз ҷониби олимону сиёсатмадорони дигар кишварҳо баҳои баланд дода шудааст. Аз ҷумла, дар бораи ин китоб собиқ сафири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон Ҷаноби Б. Ҷайшанкар чунин навиштааст: «Ман бо шавқи зиёд китоби «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ, ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ», ки Шумо муаллифаш ҳастед ва ба ман ду нусхаи ин китобро равон кардед, аз назар гузаронидам. Ман аз ин имконият истифода бурда, як нусхаи онро ба вазири корҳои хориҷиамон ҷаноби К. Натвар Сингх фиристонидам. Бисёр ақидаҳое, ки Шумо дар ин китоб баён кардаед, аз ҷумла, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ дар минтақа, мубориза бар зидди фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҳамкорӣ дар доираи минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин, миёни Тоҷикистон ва дигар давлатҳо, барои мо бисёр диққатҷалбкунанда буд... Ман ба хотири нашр намудани ин китобатон Шуморо муборакбод гуфта, ба Шумо ва ҳукумати Тоҷикистонояндаи дурахшону саодатмандона таманно дорам» [30, с. 52].

Чи тавре ки мебинем, дар унвони ҳамаи ин китобҳо номи Тоҷикистон зикр шудааст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки асосу бунёди назарияву консепсияҳои илмии академик Талбак Назаровро манфиатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Бояд қайд кард, ки Талбак Назаров ҳангоми дар мансабҳои муҳими давлатию дипломатӣ қарор доштан барои дар амал татбиқ намудани ин назарияву консепсияҳои илмӣ бевосита худ иштирок намудааст.

Ба қавли академик Н. Қаюмов «ин китобҳо дар баробари ифода намудани манзараи умумии иқтисодии кишвар, нишон додани бурду бохтҳои сиёсати иқтисодӣ ва захоири истифоданашудаи иқтисодӣ дурнамои рушди онро бо дарназардошти равандҳои минтақавию ҷаҳонӣ ифода мекунанд» [31, с. 14-15].

Ҳамазамон, оид ба китобҳои мазкур ва арзиши онҳо барои миллату давлати тоҷик рӯзноманигор Ҷ. Темурзода чунин ақидаронӣ кардааст: «Дар воқеъ, ду китоби таҳлили иқтисодии устод «Тоҷикистон: иқтисодиёт, сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ» ва «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва

бехатарӣ», ки бо баландтарин ҷоизаи илмии кишвар қадрдонӣ гардидаанд, нишони барҷастаи олим, роҳбар ва коршиноси шинохтаи иқтисоди байналмилалӣ будани ӯст. Асарҳои мазкур дар роҳи тарбияи созандагони ояндаи миллат ва давлат дастури пурарзиши илмӣ-академии кишвар мебошанд. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки устод академик Талбак Назаров ҳамаи донишҳои тӯли шаст сол ҷамънамудаи хешро дар амал татбиқ намуда, дар роҳи рушди илм, фарҳанг, иқтисодиёт, сиёсати хориҷии кишвар саҳми босазои хешро гузоштааст. Тоҷикистони азизи моро ҷаҳониён аз нигоҳи як олими шинохта, академики дорои шуҳрати ҷаҳонӣ шинохтаанд» [53, с. 102-103].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз миёни ин китобҳои номбаркардашуда ду китоби академик Талбак Назаров - «Тоҷикистон: иқтисодиёт, сиёсат ва ҳамкориҳои байналмилалӣ» [36] ва «Тоҷикистон: ҳамкориҳои иқтисодӣ ва бехатарӣ» [39] бо дархости олимони белорусӣ дар шаҳри Минск такроран нашр карда шуд, ки баъдан аксарияти намояндагони дипломатии муқимии Ҷумҳурии Белорус хостори онҳоро гирифта, мутолиа карданро намуданд.

Яке аз хизматҳои беназири академик Т. Назаров барои миллату ватанаш ин роҳбарӣ кардан ба ҳайати ҳукуматӣ дар раванди МСТ ба ҳисоб меравад, ки пас аз таъин шудани ӯ раванди музокирот ранги дигар гирифт ва созишномаи сулҳи тоҷикон ба имзо расид. Аз ин маълум мешавад, ки хулқу атвор, гуфтори неку бомантиқонаву таҳаммулпазирии Талбак Назаров тавонист фикру ақидаи мухолифонро дигар намояд ва онҳоро ба сулҳу салоҳ кардан ҷалб гардонад. Чуноне ки профессор И. Усмонов оид ба таъсири шахсияти Т. Назаров ва саҳми ӯ дар ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар яке аз китобҳояш чунин навиштааст: «Чеҳраи кушоду малеҳ, гуфтори ором, дӯстона ва бомантиқ, эътибори илмӣ ва сиёсии Талбак Назарович натанҳо ҷониби ҳукуматиро дилпур ва бовар мебахшид, ҳатто ҳайати мухолифинро ҳам ором мекард, ба муросо медошт ва бовар мекунонд... Аз душманӣ, нофаҳмӣ, беадолатӣ сахт асабӣ ҳам мешуданд. Дар маслиҳатҳои худиамон, ки бе иштироки созмонҳо ва нозирон баргузор мешуданд, мегуфтанд Шумо проблемаи худатонро ҳал кунед, сарнавишти худатону он одамонеро, ки ба Шумо бовар кардаанд ё маҷбуранд, ки

имрӯз ҳамроҳатон бошанд, фикр кунед. Барои расидан ба сулҳ ин чиз ба Шумо бештар ёрӣ мерасонад» маслиҳат медоданд ба рақибон. Ростӣ, бисёр вақт мухолифин чунин суханҳояшонро ҳамчун маслиҳату насиҳати падар ё бародари калонӣ қабул доштанд, баландгӯиву сахтгӯӣ намекарданд» [55, с. 79-82].

Аз суханҳои дар боло зикршуда маълум мешавад, ки маҳз ҳамин гуна рафтору кирдор, сухангӯӣ ва таҳаммулпазирии академик Талбак Назаров яке аз сабабҳои муваффақияти ҳайати ҳукуматӣ дар раванди ба даст даровардани сулҳ дар Тоҷикистон буд.

Собиқ Президенти АМИТ Ӯлмас Мирсаидов (1995-2005) дар яке аз мақолаҳояш оид ба хоксорию фурутании Талбак Назаров ва нақши ӯ дар бадастоварии сулҳи тоҷикон чунин навиштааст: «Олимони Тоҷикистон ифтихор аз он доранд, ки академик Талбак Назаров дар мушкилтарин айёми ҳаёти сиёсии кишварамон, дар рӯзҳои тақдирсози он аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмонов ба вазифаи хеле ҳам душвор - вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ карда шуд. Дониши комил, хабардории зиёд аз нозуктарин муаммоҳои иқтисодӣ ва сиёсии кишвар, ҳислатҳои неки инсонӣ ва боз ҳам ҳамон хоксориву фурутанӣ, пурра сафарбар намудани тамоми қувваю истеъдод барои ҳалли мушкилоти пешомада ба олим имконият дод, ки дар ҷанбаи нави фаъолияташ низ самаранок меҳнат кунад. Мардуми Тоҷикистон бидуни шаку шубҳа медонанд, ки дар ҳамаи иқдомоти неки Президенти кишварамон дар кори созиши таърихӣ бо иттиҳоди мухолифин, ба эътидол овардани вазъи иқтисодиву сиёсии ҷумҳурӣ, бозгашти муҳоҷирони иҷборӣ аз хоки кишварҳои ҳамҷавор ва дар арсаи байналмилалӣ шуҳрат пайдо кардани Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми арзандаи олим ва сиёсатшинос академик Талбак Назаров низ мавҷуд аст. Бо ифтихор гуфтан мумкин аст, ки дипломатияи кишварамон дар шахси Талбак Назаров раҳнамуни соҳибхирад ва инсондӯстро кашф намудааст» [95, с. 3].

Ҳамзамон, академики АМИТ Н. Қаюмов нақши Т. Назаровро дар раванди МСТ ва ба имзо расидани созишномаи сулҳ чунин баҳогузорӣ кардааст: «Имрӯз мардуми Тоҷикистон дар сулҳу оромӣ зиндагӣ мекунанд, ки

дар ин ҳам хидмати бузурги Т. Назаров аст. Бояд гуфт, ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки 27 июни соли 1997 дар Москва ба имзо расида буд, раванди дуру дароз ва душвори музокироти байни тоҷикон мебошад, ки дар он бисёр шахсиятҳо хамчун роҳбари ҳайати ҳукуматӣ барои расидан ба ин мақсад тамоми қувваҳояшонро сарф кардаанд. Аммо вазири корҳои хориҷӣ, роҳбари ҳайати ҳукуматӣ Т.Н. Назаров тавонист ин гиреҳро кушояд» [94, с. 2].

Ё ин ки профессор Ф. Обидов оид ба ин мавзуъ чунин ибрози назар кардааст: «Он замон дар Тоҷикистон ҷанги шадиди шаҳрвандӣ идома дошт. Ба ҳам наздикшавии тарафҳо вазифаи сангинтарин ҳисобида мешуд. Дар чунин шароит академик Т. Назаров тавонист, ки тавассути дипломатҳои бузурги хориҷӣ қувваҳои мухолифинро ба сари миз барои гуфтушунид шинонад. Чунин гуфтушунидҳо осон набуданд. Мухолифин ба ҳар роҳ кӯшиш ба харҷ медод, ки дар ҷомеа режими исломӣ пойдор гардад. Талбак Назарович, ки бо нишондоди бевоситаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон амал менамуд, роҳбарони мухолифинро бовар кунонда тавонист, ки бароиояндаи Тоҷикистон ба ғайр аз сохти сиёсии хусусияти дунявӣ дошта алтернативаи дигаре вуҷуд надорад. Ӯ тавонист мухолифинро бовар кунонад, ки муттаҳидии тамоми қишрҳои ҷомеа шарти муҳими пешравии муваффақиятноки сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Ҳолатҳое рӯй медоданд, ки Т. Назаров ду-се шаб хоби оромро намедид. Дар дақиқаҳои аз гуфтушунид озод, ӯ дар андешаи хеле ҷиддие буд оид ба ба ҳам омадани ду неруи ба ҳамдигар муқобил. Оқибат кӯшишу ғайрати рӯзмарра ва серташвиши Т. Назаров ва тарафдорони ӯ бо ғалаба анҷомид ва дар байни ду неру шартномаи сулҳ ва осоиш ба имзо расид. Ин хизмати бузурге буд, ки бояд ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дар худ нигоҳ дорад» [97].

Оид ба нақши Талбак Назаров дар раванди МСТ яке аз чеҳраҳои шинохтаи тоҷик ва аъзои ҳайати мухолифини тоҷик А. Сатторзода, ки шахсан дар раванди музокирот аз даври аввал то ба охир иштирок карда буд, чунин гуфтааст: «Академик Талбак Назаров вазири вақти корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба раванди музокироти сулҳи тоҷикон ба таври мустақим ҳамчун раҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар марҳилаи дувуми даври панҷуми музокироти дар Ашқобод ҳамроҳ шуданд, ки аз 26 январ то 19 феврали соли 1996 давом карда буд. То ин давра он кас ба сифати вазири корҳои хориҷӣ низ дар раванди сулҳ фаъолона иштирок доштанд. Зимнан нақши ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсан Т. Назаров дар музокирот ва раванди дарёфти сулҳ ва оштии миллӣ, бе ягон муҳобот, хеле калон ва муаасир буд. Имони комил дорам, ки ин мавзуъ дар оянда омӯхта хоҳад шуд ва баҳои сазовор низ ба он дода мешавад» [49, с. 178-179].

Ба ақидаи профессор Рашид Алимов маҳз обрӯю нуфузи олим ва ходими давлатии намоён ба ӯ барои ба роҳ мондани муносибати дуруст бо ҳамшарикони муқобилфикр мадад мерасонид. Ҳамаи онҳое ки бо Талбак Назаров ҳамсуҳбат шудаанд, ҷаҳонбинии васеъ, ошкорбаёнӣ, хайрандешӣ, меҳрубонии ӯро қайд мекунанд, ҷозибаи шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта ва суханронии далелноки нуқтаи назари ӯро ҳис намудаанд. Хусусан, ин сифатҳои нек дар давраи гузаронидани гуфтушунид байни тоҷикон, ки дар охир ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфт, бараъло ба чашм мерасид. Гуфтан мумкин аст, ки ин давра яке аз давраҳои мураккаб, душвор, вале бениҳоят муҳим ва дурахшон дар ҳаёти Талбак Назаров ба ҳисоб меравад [10].

Академикҳои АМИТ Саидмуродов Х.М. ва Нурмуҳамадов М. дар бораи академик Талбак Назаров чунин қайд намудаанд: «Қобили зикр аст, ки вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ аз худи даври аввали равандҳои музокироти байни тоҷикон саъй дошт, ки дар музокирот ақидаи солим бартарӣ дошта, пешрафт ҳосил шавад, то заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои гузаштан аз ҷанг ба сулҳ, аз сулҳи муваққатӣ ба сулҳ ва ризоияти доимӣ ба вуҷуд ояд. Хидматҳои ӯ дар татбиқи амалии тавофуқҳо ва қарордодҳо бо ИМТ, дар эҷоди фазои эътимоду ҳамдигарбахшии мутақобила, роҳандозии муколама миёни неруҳои мухталифи сиёсии кишвар ба манфиати барқарор ва таҳкими сулҳу ваҳдати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон бебаҳоянд» [32, с. 50-51].

Академик Талбак Назаров дар замони ҳозира тавассути иштироку баромад кардан дар конференсияҳо, мизҳои мудаввар, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои минтақавию байналмилалӣ кишварамонро намояндагӣ ва муаррифӣ мекунад. Масалан, моҳи ноябри соли 2007 СММ дар шаҳри Тунис Конференсияи байналмилалиро оид ба терроризм баргузор кард. Ба сифати яке аз маърӯзачиёни асосӣ дар Конференсия академик Талбак Назаров баромад кард. Иштироки ӯро дар конференсия муовини Котиби Генералии СММ оид ба масъалаҳои сиёсӣ Б. Линн Паско баҳои баланд дода, 28 ноябри соли 2007 ба ӯ чунин пайғом равон кард: «Доктор Талбак Назарови гиромӣ. Ман мехоҳам ба Шумо барои иштироки фаъолонаатон дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба терроризм, ки аз рӯзи 15 то 17 ноябр доир гашта буд, миннатдории бепоёни худро расонам. Дидгоҳ ва таҳлилҳои Шумо, ки сарчашмаи асосии маърӯзаатон буд, барои ташкил кардани муколама дар байни қариб 200 иштирокчиёне, ки намояндагони ҳамаи қитъаҳо, инчунин, СММ, институтҳои таҳқиқотӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буданд, минбари бисёр муҳимро ба вуҷуд овард. Барои саҳмгузориатон сипосгузорам. Дар конференсия ба таври қатъӣ тадбиру чораҳои нав барои мубориза бо терроризм қабул гардида, фазои муборизаро боз ҳам васеътар гардонид. Саҳми Шумо барои бомуваффақият амали кардани Стратегияи умумиҷаҳонии мубориза бар зидди терроризм, ки аз ҷониби МУ СММ моҳи сентябри соли 2006 қабул шудааст, бениҳоят калон буда, барои муборизаи якҷояи ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди терроризм як такони ҷиддӣ бахшид. Давлатҳои аъзои СММ натиҷаи яксолаи амалигардидаи ин Стратегияро моҳи декабри соли 2007 дида мебароянд ва яке аз мубоҳисаҳои асосии ин вохӯрӣ дар моҳи декабр оид ба маърӯзаи Шумо хоҳад буд. Ман ба Шумо муваффақиятҳои беинтиҳо дар ҳамаи корҳои ояндаатон таманно дорам ва бесаброна интизори аз нав барқарор кардани муносибатҳои судманди муштаракамонро дар дигар лоиҳаҳо ҳастам. Бо эҳтиром Б. Линн Паско» [31, с. 58-59].

Хулоса, фикру ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаровро таҳлил карда, бо боварӣ гуфта метавонем, ки дар ҳақиқат шахсияти мазкур дар ташаккулу

рушди муносибатҳои дипломатӣ, дар амал татбиқ намудани сиёсати хориҷии кишвар ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ нақши беандоза дошта, дар байни дипломатони тоҷик мақоми хосаро дорад. Эътироф гардидани шахсияти Талбак Назаров ва осори илмии ӯ аз ҷониби сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки ӯро на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он чун шахсияти бонуфуз ва донишмади забардаст мешиносанд. Махсусан, ибрози назар кардани чунин олимон ва сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ, ба монанди вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия С.В. Лавров, Котиби давлатии ШМА хонум Кондолиза Райс, собиқ Котиби генералии СҲШ Р. Алимов, муовини Котиби Генералии СММ оид ба масъалаҳои сиёсӣ Б.Линн Паско, собиқ сафири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон Ҷаноби Б.Ҷайшанкар ва директори институти илмҳои сиёсии донишгоҳи Варшава профессор Тадеуш Мотодов исботи ин суханҳо мебошанд.

Аз ин хотир, метавон гуфт, ки академик Талбак Назаров тавонист дар як муддати муайян бо маҳорати хоси дипломатии худ мактаби дипломатияи муосири тоҷикро рушду ташаккул дода, барои афзудани обрӯи давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ заҳмати зиёде кашид ва илми тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд. Барои ҳамин, ӯ имрӯз ба сифати олими соҳибмактаб ва арбоби намоёни давлатӣ дар ҷомеаи тоҷикони ҷаҳон ва ҳавзаҳои илмию сиёсии байналмилалӣ обрӯ ва мақому мартабаи босазое дорад.

# ХУЛОСА
# ВА НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Бо таҳқиқ намудани саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба чунин хулосае омад, ки:

1. Ҳаёт ва фаъолияти Т. Назаров дар солҳои ҷавонияш ба замоне рост омад, ки пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷаҳон нав аз вартаи нобудшавӣ наҷот ёфта, насли он давра барои барқарор кардани зиндагии шоиста заҳмат мекашиданд. Кӯдакии устод низ ба мушкилӣ сипарӣ шуда, дар хурдсолӣ аз падару модар ятим мондааст. Ба ин нигоҳ накарда, дар мактабу омӯзишгоҳ бо баҳои аъло таҳсил намуда, баъди хатм баҳри рушду нумуи шахсияти хеш ва хизмат ба Ватану миллати худ дар синни навҷавонӣ барои гирифтани маълумоти олӣ ба хориҷ аз Тоҷикистон рафт.

Новобаста аз он, ки дар он давра берун аз Ватан таҳсил кардан барои ӯ душвор буд, бо саъю талошҳои зиёд тавонист аввал рисолаи номзадӣ, баъдан таҳқиқоти доктириро анҷом ва ҳимоя намуд. Ӯ сипас ба Тоҷикистон баргашта, дар рушди илм ва тайёр кардани мутахассисон барои хоҷагии халқ саҳми беандозаи худро гузошта, тавонист соҳаҳои иқтисоди миллиро баъди карахтии тӯлонӣ аз нав ба мактабҳои муосири илмии ҷаҳонӣ ворид созад.

Талбак Назаров тавонист дар овони ҷавонӣ ба як олими ислоҳотгару навовар табдил ёфта, дар як муддати кутоҳ мактаби илмии худро бунёд намуда, ба мутахассиси беҳтарини масъалаҳои молия, қарз ва иқтисодиёти минтақавӣ мубаддал гардад. Натиҷаи таҳқиқоти бунёдии ӯ оид ба ҷанбаҳои гуногуни назарияи ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ дар илми иқтисодии минтақавии даврони шуравӣ ҳамчун самти нав вокуниши бузургеро ба амал оварда, дар таҳияи масъалаҳои назария, методология ва амалияи рушди иқтисодии Тоҷикистон ва умуман ҷумҳуриҳои иттифоқӣ саҳми калон гузоштааст.

2. Шахсияти Талбак Назаров дар даврони дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон кору фаъолият карданашон ташаккул ёфта, дар ин давра худро ҳамчун роҳбари кордон ва ташкилотчии моҳири соҳаи илм нишон медиҳад.

Дар даврони сарварии ӯ донишгоҳ дар самтҳои мухталифи фаъолият ба комёбиҳои назаррас соҳиб шуда, дар тамоми сохтори донишгоҳу факултетҳо ва кафедраҳо тағйирот ба вуҷуд омаданд. Ӯ дар раванди таълиму тарбия ба ислоҳот даст зада, то андозае ба тайёр кардани оммавии мутахассисон бе назардошти талаботи истеҳсолот хотима гузошта, тахассусҳои наву ба талаботи замон ҷавобгӯй кушод. Дар раванди қабул, хатм ва таҷрибаомӯзии донишҷӯён дигаргуниҳои назаррас ба вуқуъ пайвастанд. Шумораи номзаду докторони илм дар донишгоҳ зиёд шуда, робитаҳои илмӣ бо дигар мактабҳои оливу муассисаҳои илмӣ васеъ гашта, дар асоси нишондодҳои илмиву таълимӣ ба қатори донишгоҳҳои пешсафи шуравӣ ворид гардид.

Академик Талбак Назаров дар ҳаёту фаъолият худро на танҳо муҳаққиқи камназир, балки ҳамчун як чеҳраи шарафманди сиёсӣ ва арбоби барҷастаи давлатӣ низ нишон дод. Ӯ ҳамчун вакил ва Раиси Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, вакили халқии ИҶШС ба таҳкими волояти қонун, баланд бардоштани обрӯи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ доимо диққати махсус медод. Қобилияту истеъдоди ӯ ҳамчун сиёсатмадори баркамол дар мансаби вазири корҳои хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бештар зоҳир шуд. Чунки ин давра фазои сиёсии кишвар ниҳоят мураккаб гардида, Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд. Ӯ ҳамеша ба ҷонибдории ҳалли мусолиматомези низои байни тоҷикон баромад мекард. Аз ин рӯ, ҳузури Талбак Назаров барин сиёсатмадори зираку дурандеш дар паҳлуи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои хотима гузоштани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо роҳи мусолиматомез нақши калон бозид. Ба ҳайси роҳбари мақомоти сиёсати хориҷӣ дар суханрониҳои худ дар ҷаласаҳои Маҷмааи Умумии СММ ва дигар ташкилоти байналмилалӣ идеяи таҳкими субот ва эътимодро, хусусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ба таври методӣ ва ҳадафмандона пешниҳод карда буд. [4-М]

Талбак Назаров ҳам даврони шуравӣ, ҳам соҳибистиқлолӣ дар баробари дар вазифаҳои баланди сиёсӣ фаъолият кардан, инчунин, аз фазои илмӣ берун нагардида, баръакс доираи пажуҳиши худро аз иқтисод то ба дипломатия ва амнияту бехатарӣ васеъ намуда, бо таҳлилҳои муътамади илмӣ ва дурандешии

сиёсӣ барои афзудани обрӯи давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ корҳои пурарзишеро анҷом додааст. Мавҷуд будани номи тоҷик ва Тоҷикистон дар унвони қариб ҳамаи асарҳои академик Т. Назаров шаҳодат аз он медиҳад, ки асосу бунёди консепсия ва таҳқиқоти илмии ӯро манфиатҳои сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ дар бар мегирад.

Ҷоизаву мукофотҳои сазоворшудаи Талбак Назаров ба ӯ имкон дод, ки на танҳо дар ватани худ, балки берун аз ҳудуди он ҳамчун як донишманди маъруф, арбоби сиёсӣ ва ҷамъиятӣ эътироф гардад. Чунки ҷоизаву мукофотҳои ӯ ба як самту соҳа тааллуқ надошта, аз ҷониби созмону кишварҳо ва шахсони машҳури ҷаҳонӣ сарфароз гардонида шудаанд. Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки академик Талбак Назаров на танҳо арбобу сиёсатмадори барҷастаи эътирофшуда дар Тоҷикистон, балки дар арсаи ҷаҳонӣ низ мебошад.

3. Дар давраи роҳбарии Вазорати корҳои хориҷии ҶТ-ро ба ӯҳда доштан, академик Талбак Назаров худро аз ҷумлаи давлатмардоне нишон доданд, ки барояшон манфиатҳои миллӣ, сарнавишти миллату давлатдории тоҷикон болотар аз манфиатҳои гурӯҳиву шахсист. Дар ин давра Т. Назаров аз минбарҳои баланди ҷаҳонӣ тавонистанд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ба таври шоиста муаррифӣ намоянд. Маҳз барои ҳамин, даҳҳо ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодоти Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд, ки дар он нақши Талбак Назаров низ хеле назаррасу арзишманд аст. Инчунин, дар даврони вазирии ӯ эҳёи сиёсати хориҷӣ дар чанд самт сурат гирифта, оқибат пойгоҳи мустаҳкамеро барои амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд оварда шуд:

- Иқтидори кадрии ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон пурқувват гардонида шуд;

- Базаи моддию техникии ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, дар сохтори он раёсату шуъбаҳои нав таъсис дода шуд;

